**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК:** 342:4 (575:3)
**ББК:** 67.99(2 Т)0
**0-54**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ОЛИМЗОДА МУҲАММАДЁР АБДУЛҲАЙ**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Зоир Ҷурахон Маҷидзода**

**Душанбе - 2025**

**МУНДАРИҶА**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**......................3
**МУҚАДДИМА**..........................................................................................4-21
**БОБИ 1. МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ НИЗОМИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВРАҲОИ ОН**......................................................................................22-64
1.1. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот................22-37
1.2. Мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................37-64
**БОБИ 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСИТУТСИОНӢ РАВАНДИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН............65-126**
2.1. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.............................................................................................65-86
2.2. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон..........86-106
2.3 Вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................................106-126
**БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ИДМ...........................................................................127-175**
3.1. Хусусиятҳои хоси баргузории ҷараёни интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................................127-149
3.2. Таҳлили муқоисавии ташкил ва баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ).........................................................................................149-163
**ХУЛОСА**……………………………………………………...….........164-175
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**........................................................................................175-176
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..............................................177-209
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...........................................................................................210-211

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КМИР** – Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ

**МО** – Маҷлиси Олӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**САҲА** – Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶФО** – Ҷумҳурии Федералии Олмон

**ПБҲШС** – Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ЭУҲБ** – Эъломияи умумии ҳуқуқи башар

**ғ** – ғайра

## МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ, бо риояи асосҳои демократӣ ташкил ва баргузор намудани интихоботи президент ҳамчун сардори давлат шакли асосии таҷассуми соҳибихтиёрӣ, таъмини истиқлоли комили сиёсӣ, воситаи муҳимми рушди идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимми онҳоро дар ташкили ҳокимияти давлатӣ ифода намуда, барои амалигардонии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд. Дар ҷаҳони муосир, тасаввур кардани давлати демократӣ бидуни баргузор кардани интихобот ғайриимкон аст. Гузаронидани интихоботи даврии озод асоси демократияро ташкил медиҳад. Тавассути интихобот аксарияти шаҳрвандон дар амалӣ гардондани ҳокимияти давлатӣ иштирок менамоянд. Интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) низ истисно нест. Интихоботи президент - яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсии ҳаёти давлат ба ҳисоб рафта, дурнамои рушди давлатро дар давраи муқарраршуда муайян мекунад.

Конститутсияи ҶТ дар раванди танзими интихоботи президентӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар иртибот ба ин, масъалаи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ин раванд аҳаммияти махсусро пайдо мекунад, маҳз интихобот, яке аз шаклҳои муҳимтарини қонуният пайдо кардани ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ мебошад. Хусусияти демократии интихоботи Президенти ҶТ дар он ифода меёбад, ки роҳбарии ташкил ва гузаронидани интихобот бевосита аз ҷониби халқ, яъне худи шаҳрвандони ҶТ сурат мегирад.

Ба таври демократӣ ташкил намудани интихоботи озодонаи президентӣ ифодаи баланди амалисозии соҳибихтиёрӣ ва ҳокимияти халқӣ мебошад. Иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар интихоботи президентӣ яке аз зинаҳои таъмини демократия ба ҳисоб меравад, зеро иштирок дар ин маъракаи сиёсӣ асоси таъмини эътимоди аҳолӣ ба раванди рушди давлатдорӣ арзёбӣ мегардад. Ташкил ва гузаронидани интихоботи президентӣ ин ифодаи олии иродаи бевоситаи мардуми Тоҷикистон, яке аз роҳҳои асосии демократикунонии

ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Тавассути иштирок дар интихобот шаҳрвандони Тоҷикистон шахсеро, ки сазовори иҷрои вазифаи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, интихоб менамоянд.

Таҳқиқи тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи президентӣ дар ҶТ талаби замони муосир буда, бо хусусиятҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст. Арзишҳои демократӣ ҳамчун афзалиятҳои рушд ва шаклҳои амалӣ намудани манфиатҳои давлатро муайян мекунад. Низом ва ҳуқуқи интихоботии ташкили интихоботи Президенти ҶТ унсурҳои зарурии амалӣ намудани ҳокимияти халқ – принсипи аслии давлатдории миллӣ мебошанд. Конститутсияи ҶТ асосҳои ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, татбиқи онро дар тамоми ҳудуди кишвар тавассути қонунугузорӣ муқаррар намудааст. Тартиби ташкил ва баргузории интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун маъракаи муҳим дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ҳамеша ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқи илмии асоснок дорад. Марҳила ба марҳила ташаккул ва рушд намудани ҳаёти инсонӣ аз замони пайдоиш то ба имрӯз зарурати объективӣ ва қонуни асосии инкишофи табиат ва ҷомеа мебошад, дар ин замина, ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ низ ҳамчун раванди муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамеша дар ҷараёни рушду инкишоф ва тағйирёбӣ қарор дорад.

Конститутсия шаклҳои ифодаи демократияро дар ҶТ муайян менамояд. Интихоботи Президенти ҶТ дорои аҳаммияти муҳимми сиёсӣ буда, воситаи иштироки субъектҳои интихобот дар раванди ташакккул ва таҳкими ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити рушди давлатдории муосири миллӣ гузаронидани интихоботи президентӣ ҳамчун маъракаи ягонаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, аз натиҷаҳои он ҳама соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии давлат мавриди рушд ва ташаккулёбӣ қарор мегиранд.

Тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ ва масоили ҳуқуқии бо он алоқаманд яке аз падидаҳои марказӣ-омӯзишии илмҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон, боиси таваҷҷуҳи васеи муҳаққиқони соҳаҳои гуногун ва таҳлилу баррасии афкори омма қарор дорад. Вобаста ба мақоми ҳуқуқӣ низ,

падидаи Президенти ҶТ аҳаммияти хоса пайдо намуда, зарурати дарки амиқ ва омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаро ба миён овардааст. Чунин зарурат на фақат ба ҷанбаҳои илмӣ, балки ба ҷанбаҳои амалии ин падида низ алоқаманд мебошанд. Гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун унсури асосии сиёсӣ дар инкишофи муттасил ва бомароми ҷомеа мақом ва нақши муҳим дошта, дар шароити демократикунонӣ ба яке аз қувваҳои асосии муҳаррики пешрафти ҷомеа табдил ёфтааст. Ташкилу гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ воситаи муҳимми такмили муносибатҳо дар сохторҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Конститутсия муқаррар намудааст, ки «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст». (моддаи 6). Ҳамзамон, дар асоси моддаи 27 Конститутсия «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд». «Интихоботи Президент вақте боэътимод шумурда мешавад, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагон ширкат варзида бошанд. Номзаде Президент интихобшуда ҳисоб меёбад, ки ба тарафдории ӯ бештар аз нисфи интихобкунандагони ширкатварзида овоз дода бошанд….»(моддаи 66).

Бояд қайд намуд, ки баргузор намудани интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун падидаи муҳимми ҳуқуқӣ-сиёсӣ дар таҳкими муносибатҳо ва ташаккули ҳокимияти давлатӣ нақши муҳим дошта, бо рушду инкишофи муттасили ҷомеа алоқамандии ногусастанӣ дорад, ки он ба сифати воситаи муҳимтарини ташаккули низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа баромад менамояд. Дар тақвияти он андешаҳо, ки интихоботи Президенти ҶТ сохти сиёсии ҷамеаро бунёд месозад, масъалаи аввалиндараҷа будани нақши он дар инкишофи ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд қобили дастгирист.

Солҳои охир, дар ҷумҳурӣ ба масъалаи дар асоси арзишҳои демократӣ риояи намудани ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ ва такмили низоми ҳуқуқии он бештар диққати махсус дода шуда истодааст. Бо ба

даст овардани истиқлоли давлатӣ, масъалаи ҳифзу нигаҳдошти тамомияти арзии давлат ва арзишҳоии миллӣ, аз ҷумла бо тариқи шафофу демократӣ гузаронидани чорабиниҳои сиёсӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб мерафт. Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд: «....чунон ки борҳо қайд кардам, мо ҳамеша ҷонибдори интихоботе ҳастем, ки ба таври демократӣ ва шаффоф баргузор мешавад. Ҳоло барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани онҳо тамоми имкониятҳо мавҷуданд, ки ин чорабинии муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятро баҳри таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ояндаи ободонии мамлакат ва наслҳои наврасро тақозо мекунад» [302 ].

Аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки Конститутсияи ҶТ соли 1994 ба таври комил асосҳои ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намудааст. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ - мавзуи омӯзиши илмҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки дар асоси қонунгузорӣ Президенти ҶТ аз тарафи шаҳрвандони ҶТ дар асоси ҳуқуқи интихоботи умумӣ, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешавад. Қонунгузории интихоботии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки шаҳрванди ҶТ, ки синнаш аз 30 кам нест, забони давлатиро медонад, камаш 10 соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ кардааст, дорои ҳуқуқи интихоботӣ мебошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то рӯзи интихобот ба синни 18 расидаанд, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқи дар интихоботи Президенти ҶТ иштирок карданро доранд. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо мекунанд, ҳуқуқи дар интихоботи Президенти ҶТ иштирок карданро надоранд [3].

Қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ки интихоботи Президенти ҶТ аз тарафи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – МО), на дертар аз ду моҳи ба охир расидани муҳлати ваколатҳои Президенти ҶТ таъин карда мешавад.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзуъ.** Масъалаҳое, ки дар ин диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, собиқаи зиёд доранд ва дар пажуҳишҳои олимони ватанӣ таҷассум ёфтаанд, бо вуҷуди ин, самту равияҳои зиёде ҳастанд, ки ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷониба доранд.

Таҳқиқи ғоя ва шарҳи илмии мафҳуми интихоботи Президенти ҶТ, барои илми ҳуқуқшиносии тоҷик нав набуда, он таърихи қадима дорад, вале аз нигоҳи имрӯз ба таври зарурӣ мавриди ковишҳои илмӣ қарор нагирифтааст. Пиромуни ғояи интихоботи Президенти ҶТ дар мардум афкори густардае ҳаст, яъне дар шуури ҷомеа ин падида воқеият дорад, аммо маърифати илмии он ба душворӣ даст медиҳад. Дар бораи ҳуқуқи интихоботи президентӣ дар гузашта баъзе аз олимон ақидаронӣ кардаанд ва ин ақидаронӣ идома дорад.

Вобаста ба он, дар шароити имрӯза мақолаҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ мавҷуданд, ки асосан, ба омӯзиши асосҳои ҳуқуқии интихоботи президентӣ ва дигар намуди интихобтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи олимони ватанӣ таҳқиқ карда шудааст. Дар ин самт, саҳми А.И. Имомов, Б.С Гадоев, З. Ализода, С.Ю. Алимов, А.М. Диноршоҳ, Ҷ.М. Зоир, Ф.Т. Тоҳиров, Ҷ. Ҷамшедзода, С.С. Ятимов, Г. Зокиров, А. Муҳаммад, С. Яқубова, А.А. Сайфиддинов, С. Абдулаҳадзода ва дигарон саҳми арзанда доранд. Амалӣ гардидани падидаи интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шакли ташкили ҷомеаи демократии воқеӣ, устувории тартиботи конститутсионӣ, таъмини ҳамаҷонибаи риояи ҳуқуқи инсонро дорад.

Оид ба баъзе ҷанбаҳои ташаккул ва рушди интихобот дар марҳилаи кунунӣ олимони ватанӣ З. Ализода [39, с. 264], Б.С. Гадоев [61, с. 300], А.М. Диноршоҳ [64, с. 206], Д.М. Муллоев [104, с. 256], А.И. Имомов [87, с. 171], С.И. Иброҳимов [195, с. 565-703], Зоир. Ҷ.М [70, с. 180], С.Р. Раҷабов [112, с. 144], Б.Ҳ. Раззоқов [114, с. 356], (Р.Ш. Сотиволдиев), Р.Ш. Шарофзода [124, с. 543], Х.Ҳ. Ҳамидов [142, с.

404], М.С. Ҳайдарова [259, с. 24-38], Ф.Т. Тоҳиров [131, с. 369], А. Ғ. Холиқзода [139, с. 684], С.Н. Яқубова [149, с. 163] пажуҳишҳо анҷом додаанд.

Муҳаққиқони тоҷик соҳаҳои сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, файласуфҳо, таърихшиносон А. Муҳаммад [103, с. 239], К. Олимов [235, с. 19-29], М. Хидирзода [143, с. 186], Шарифзода Л., [296, с. 390] С.Шарипов [144, с. 215], С. Ятимов [148, с. 191], ва дигарон ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи мазкурро баррасӣ намудаанд.

Дар мавриди таҳқиқи масоили интихоботи Президенти ҶТ ҳаминро бояд иқрор шуд, ки илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ғояҳои пешгӯийии кофии назаррасро дар робита бо падидаи интихоботи Президенти ҶТ таҳия ва пешниҳод накардааст. Дар ҳама мақолаҳое, ки дар нашрияҳои даврӣ ё дар маҷмуаҳои маводи конфронсҳои илмӣ интишор шудаанд, танҳо нуқтаи назари субъективии муаллифон оид ба баъзе масъалаҳо ба таври умумӣ баён шудаанд. Айни замон, дар ҷумҳурӣ ягон рисолаи фарогири илмие вуҷуд надорад, ки масъалаҳои ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар маҷмуъ инъикос карда, роҳҳои ҳалли мушкилоти онро манзур карда бошад.

Яқин аст, ки интихоботи Президенти ҶТ як навъ маъракаи сиёсӣ-ҳуқуқиест, ки шаҳрвандон бо роҳи озод, баробар мустақим иштирок намуда, аз ҳуқуқи конститутсионии худ истифода бурда, барои муҳлати муайян ва барои рушди минбаъдаи ватани худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб менамоянд. Таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ таҳқиқоти нави илмӣ ба шумор рафта, бархе аз олимони ватанӣ, аз ҷумла, М.С. Сулаймонов мавзуи «Вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии институти Президенти ҶТ»-ро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Бояд зикр кард, ки як зумра масъалаҳо оид ба гузаронидани интихобот дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҳамчун механизми ҳокимияти бевоситаи халқ қисман аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси тоҷик, аз қабили С.А. Раҷабов [117, с. 348], Ф.Т. Тоҳиров [132, с. 492], Х.К. Андрусенко [159, с. 87-92], Н. Бобоҷонов [164, с. 32-40], А.И. Имомов [84, с. 760], Л.И. Зимина [202, с. 49-56], А.М. Мавлонов [219, с. 81-132] ва дигарон дар давраҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Илми ҳуқуқшиносӣ дорои маводҳои фаровоне мебошад, ки ба таҳқиқот дар ин соҳа мусоидат карда метавонанд. Дар ин маврид, ишораи мо ба таҳқиқоти олимони рус нигаронида шудааст. Инҳо осори В. Ачадов, В.Л. Безобразов, А.П. Василчиков, Б.Б. Веселовский, В.М. Гессен, А.Д. Градовский, И.И. Дитятин, Н.И. Лазаревский, В.Ф. Матвеев, М.И. Свешников, Д.Д. Семенов ва дигарон мебошанд, ки ҳатто, дар давраи пеш аз инқилоб асосҳои илмию ҳуқуқии Русияро дар бораи интихоботи президент ибтидо гузоштанд.

Ҳамчунин, асарҳое ҳастанд, ки эътирофи байналмилалӣ пайдо кардаанд. Масалан, асарҳои А. Де Токвил, Рудолф Гнеист, Лоренс Штайн, А.В. Зиновев, Н.М. Коркунов ва дигарон.

Асарҳои ин олимон, инчунин, таҷрибаи ислоҳоти интихоботии Федератсияи Россия, (минбаъд – ФР), дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд –, ИДМ) ва баъзе давлатҳои хориҷӣ, бешубҳа, дар ҳалли масъалаҳои интихоботӣ дар Тоҷикистон истифода шуда метавонанд. Табиист, ки дар ин маврид, шароит ва мушаххасоти рушди ҶТ-ро бояд ба эътибор гирифт.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо)-и илмӣ, мавзуъҳо.** Таҳқиқоти мазкур дар доираи нақшаи дарозмуддати корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таҳти унвони «Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиши масъалаи асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ ва таҳлилу баррасӣ намудани мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот, мафҳум ва намудҳои даврaҳои мурофиаи интихоботи Президенти ҶТ, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ, ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти ҶТ, вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти ҶТ, хусусиятҳои хоси баргузории ҷараёни интихоботи Президенти ҶТ, таҳлили муқоисавии ташкил

ва баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ) баррасӣ шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

–таҳлил ва омӯзиши илмӣ-назариявии мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот;

–омӯзиш ва таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқии мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти ҶТ;

–муайян намудани самтҳои асосии танзими ҳуқуқӣ-конститутсинии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ;

–таҳлили назариявӣ ва амалӣ бо мақсади муайян намудани амалисозии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли субъектони интихобот дар раванди баргузории интихоботи Президенти ҶТ;

–таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати омӯзиши асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти ҶТ;

–таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои хоси баргузории раванди интихоботи Президенти ҶТ;

–таҳлили илмӣ-муқоисавии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президент дар ҶТ ва кишварҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ).

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар раванди интихоботи Президенти ҶТ ба миён меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалии мансуб ба асосҳои ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ниҳоди ҷамъиятӣ ва падидаи мустақили илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ, инчунин, танзими восита ва усулҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти он ба ҳисоб меравад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се марҳилаи рушди асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ мебошад: 1) таъсиси институти Президенти ҶТ, аз қабули Эъломияи Истиқлоли давлатӣ – 24 августи соли 1990 то соли 1994; 2) ташаккул ва инкишофи интихоботи Президенти ҶТ, аз қабули Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ», 21 июни соли 1994; 3) давраи рушди падидаи интихоботи Президенти ҶТ аз қабули Конститутсияи ҶТ – 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои он (1999, 2003, 2016). Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2021-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии диссертатсияро корҳои илмие ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои омӯзиши мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот, мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти ҶТ, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ, ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти ҶТ, вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти ҶТ, хусусиятҳои хоси баргузории ҷараёни интихоботи Президенти ҶТ, муқоисаи ташкил ва баргузории интихоботи Президент дар ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ), таҳлил шудаанд. Дар таҳияи диссертатсия муаллиф ба осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ З. Ализода, С.А. Авакян, С.А. Абдулаҳадзода, М.С. Сулаймонзода, Р.Ш. Шарофзода, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, Б.С. Гадоев, Э.Б. Буризода, Ҷ.М. Зоир, Бойсова Л.В, Бобракова, Н. В, Баглай М.В, С.А. Воробева, А.Н. Головистикова, Л.Ю. Грудсина, А.М. Диноршоҳ, Вешняков А.А, В. Загородский, А.В. Зарицкий, А.И. Имомов, Г.К. Искакова, И.В. Евдокимов, И.И. Камолов, Т.Г. Командирова, С.Д. Князев, О.В Кузнетсова,. Е.А. Лукашева, Ҷ.М. Зоир, М.Н. Марченко, К.Т. Мухторов, Н.И. Матузов, Н.А. Михалева, М.А. Маҳмудзода, Д.М. Муллоев, Э.С. Насриддинзода, З. Додобоева, А. Маҳмад, Ш. Саймудинов, Т. Назаров, Н.А. Тарабан, С.Ю. Ордомская, Е.А. Олимов, А.А. Пронин, Д.С. Раҳмон, Ф.М.

Рудинский, В.И. Фадеев, А.Ғ. Холиқзода, Д.Х. Элназаров, Ҷ.Н. Ҷамшедзода ва дигарон такя намудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмӣ ва хусусии маърифати илмӣ ташкил доданд. Дар диссертатсия, ҳамчунин, усулҳои умумии фалсафӣ, аз қабили методҳои диалектикӣ, низомнокӣ, таркибӣ ва функсионалӣ, усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода шудаанд. Ба таҳқиқоти рисола ғоя, афкор ва андешаҳо оид ба интихоботи Президенти ҶТ, раванди демократикунонии он, инчунин, масоили муайян намудани моҳияти муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионие, ки шаклҳои гуногуни иштироки шаҳрвандонро дар интихоботи Президенти ҶТ муқаррар менамоянд ва кафолати ин муносибатҳо интихоб шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро Конститутсияи ҶТ аз соли 1994, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии (минбаъд МО) ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии мақомоти худидораи маҳаллӣ, дигар санадҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар кор баъзе меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ марбут ба соҳаи идоракунии давлатӣ ва интихобот, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст, истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Пажуҳиши ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки он аввалин таҳқиқот дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ оид ба асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ бо назардошти анъанаҳои таърихӣ ва тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии он дар ҷомеа буда, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамояд.

Дар асоси таҳлил, омӯзиш ва хулосабарории муаллифӣ масъалаҳои гуногуни баррасишавандаи таҳқиқот, аз ҷумла, мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот, мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти ҶТ, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи

Президенти ҶТ, ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти ҶТ, асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти ҶТ, хусусиятҳои хоси раванди ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ, таҳлили муқоисавии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президент дар ҶТ ва кишварҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ) мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин, вобаста ба такмили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод шуда, самтҳои афзалиятноки асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ ва иштироки шаҳрвандон бо роҳи мустақим баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ ва ба сифати омили таъсиргузор ба ташкили асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян гардиданд, ки натиҷаҳои илмии бадастомадаи таҳқиқотро инъикос менамоянд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муаллиф дар раванди таҳқиқоти илмии худ чунин нуктаҳоро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

**I. Ба ҳимоя пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ дорад:**

1. Дар кишварҳои бо низоми демократӣ рушдкунанда ташкил ва гузаронидани интихобот дар шакли муайян амалӣ шуда, ҳадафи асосии онро демократикунонии ҷомеа ва таъмини озодии изҳори иродаи халқ ташкил медиҳад. Муаллиф чунин мешуморад, ки интихобот яке аз шаклҳои муҳимтарини қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ мебошад. Интихобот равандест, ки дар чаҳорчӯби сохтори демократӣ ташкил мегардад ва ҳадафи асосии он таъмини имкони изҳори озоди иродаи мардум ва мусоидат ба таҳкими демократия дар ҷомеа мебошад. Ҳуқуқи интихоботӣ як шакли демократиро меноманд, ки мақсад барои рушди ҷомеа ва изҳори озоди иродаи халқ, инчунин, таъмини ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон, ба шумор рафта, дар асоси ин ҳуқуқ шаҳрвандон имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва ё идоракунии давлатиро пайдо менамоянд.

Мурофиаи интихоботи президентӣ ин низоми муносибатҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар раванди ташкил, бақайдгирӣ, овоздиҳии фаъол ва ғайрифаъол, интихоботи асосӣ ва такрорӣ, ташкили комиссияҳои интихоботӣ зоҳир мегардад. Муаллиф чунин мешуморад, ки ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихобот дар доираи муққарароти қонунгузорӣ сурат гирифта, ҳуқуқҳои фитрӣ ба шумор меравад. Ҳуқуқи интихоботӣ – ин имконияти инсон ҷиҳати иштирок дар ҳалли масоили мухталифи ҳуқуқҳои сиёсӣ, таъмини волоияти қонун мебошад. Ҳуқуқи интихоботӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа нақши муассир дошта, масъулияти ҳар шахс дар интихоб, қарор ва амали худ ба шумор меравад.

2. Сохтори марҳилавии раванди интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти ҶТ, пайдарпайии равшани мантиқии амал ва расмиёти ба таъмини қонуният, шаффофият ва одилонаи интихобот нигаронидашударо инъикос менамояд. Марҳалаҳои асосӣ – аз таъини интихобот ва ташкили ҳавзаҳо, то муайян кардани натиҷаҳои овоздиҳӣ - ба шаҳрвандон татбиқи ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли интихоботиро кафолат медиҳанд. Марҳилаҳои иловагӣ (овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ) барои ҳалли ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар он ба даст овардани натиҷае, ки ба талаботи қонун мувофиқат мекунад ва қонунӣ будани мақомоти интихобиро таъмин мекунад, имконнопазир мегардад. Дар ин замина, танзими ҳуқуқии унсурҳои ташкилию техникӣ, аз ҷумла, маблағгузории раванди интихобот, ҳалли баҳсҳои интихоботӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории интихоботӣ, нақши муҳим иҷро менамоянд. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалиро ба вуҷуд меоваранд, ки бе онҳо татбиқи пурраи принсипҳои демократӣ дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ имконнопазир аст.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ, ки ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайрифаъолро танзим менамоянд, ба таъмини тавозун миёни принсипҳои иштироки демократӣ ва

талаботи салоҳияти сиёсӣ, қонуният ва амнияти давлатӣ равона карда шудаанд. Маҳдудиятҳои муқарраршуда ба ташаккули намояндагии ҳокимияти салоҳиятдор, ахлоқӣ устувор ва ба манфиатҳои давлат ҷавобгӯй нигаронида шудааст.

3. Пешбарии номзадон на танҳо оғози марҳилаи фаъоли раванди интихоботиро рамзгузорӣ мекунад, балки заминаи мусоидро барои муборизаи рақобатноки сиёсӣ фароҳам оварда, ба он сохтори ҳуқуқӣ ва ташкилии зарурӣ медиҳад. Дар ҳамин марҳила, номзадҳои эҳтимолии роҳбарони ояндаи давлат ба интихобкунандагон муаррифӣ мегарданд, ки ин амал ба динамикаи интихобот, афкори умум ва маъракаи таблиғотии минбаъда таъсири назаррас мерасонад. Кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ барои номзадҳо ба мансаби президенти кишвар ба таҳкими рақобатпазирӣ, шаффофият ва адолати интихобот нигаронида шудаанд. Эътирофи ҳуқуқии мақоми номзад ба мансаби президент пас аз бақайдгирии расмии ӯ боиси ба миён омадани доираи васеи ҳуқуқ ва кафолатҳо мегардад, ки ба таъмини баробарии шароити иштирок дар маъракаи пешазинтихоботӣ равона шудаанд. Ин раванд на танҳо ба амалисозии принсипҳои демократӣ мусоидат мекунад, балки нақши калидӣ дар ташаккули муҳити рақобатпазири интихоботӣ мебозад.

Самаранокии татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон оид ба иштирок дар интихоботи Президенти ҶТ, дар он ифода меёбад. Чунин тадбирҳо на танҳо ба таҳкими эътимоди ҷомеа нисбат ба ниҳоди интихоботӣ мусоидат мекунанд, балки ба рушди устувори демократии кишвар низ замина мегузоранд. Заминаи қонунгузории интихоботи Президенти ҶТ, дар маҷмуъ, ба меъёрҳои демократӣ мутобиқат дорад ва сатҳи зарурии танзими ҳуқуқиро фароҳам месозад.

Марҳилаи ниҳоии раванди интихоботӣ маҷмуи амалияҳои қатъиян танзимшударо дар бар мегирад, ки ҳадафи он ҳифзи иродаи интихобкунандагон, таъмин намудани дурустии натиҷаҳои овоздиҳӣ ва

эътимоди ҷомеа ба натиҷаҳои интихобот мебошад. Танзими возеҳи қонунгузории ҳар як унсури ин марҳила кафолати шаффофият, қонунияти раванд ва устувории демократии низоми интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин мекунад. Интихоботи Президенти ҶТ раванди мураккаб, бисёрмарҳилавӣ ва қатъиян танзимшудаи ҳуқуқӣ мебошад, ки нақши асосиро дар таъмини фаъолияти демократии ҳокимияти давлатӣ ва қонунӣ будани ниҳодҳои он иҷро мекунад. Қобили қайд аст, ки ташкил ва гузаронидани интихоботи Президент ҳамчун шакли ифодаи бевоситаи иродаи халқ буда, ба сифати яке аз омилҳои муҳимтарини татбиқи принсипи соҳибихтиёрии халқ баромад карда, иштироки шаҳрвандонро дар ташкил ва амалисозии фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд.

4. Бо назардошти такмил ва рушди низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳамаҷониба ва таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар раванди интихобот зарурати таҳия ва қабули Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» қабул карда шавад. Ин пешниҳоди ӯ бар он асос аст, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки масоили марбут ба баргузории интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути қонуни конститутсионӣ танзим мешавад.

Бо дар назардошти зарурати такмили қонунгузорӣ оид ба интихоботи Президенти ҶТ, пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

4.1. Дар моддаи 28: «Номзад ба мансаби Президенти ҶТ ҳуқуқ дорад то 15 нафар шахсони боэътимод дошта бошад», меъёри мазкур ба «то 20 нафар шахсони боэътимод» иваз карда шавад. Меъёри пешниҳодшударо бо он асоснок менамоем, ки дар ҶТ тайи солҳои охир рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиёт ва фарҳангӣ ба назар мерасад ва он бо зиёд

шудани шумораи аҳолӣ бе таъсир буда наметавонад, аз ин лиҳоз, зарурати то 20 нафар зиёд намудани шахсони боэътимоди номзад ба президенти ҶТ ба миён омадааст;

4.2. Дар банди 3 моддаи 36: «Шахсе, ки номзадиаш ба мансаби президенти ҶТ, дар давраи гузаронидани интихоботи асосӣ пешбарӣ гардида, ба қайд гирифта шуда буд, наметавонад дар раванди интихоботи такрорӣ ба сифати номзад пешбарӣ карда шавад»;

4.3. Дар моддаи 37 ибораи масъулият ба ибораи ҷавобгарӣ иваз карда шавад, яъне (Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ»).

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқот. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажуҳиши пешниҳодшуда дар он аст, ки маводи ин рисола доираи фаҳмиши илмии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки роҳҳои асосии самаранокии интихоботи Президенти ҶТ дар роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Нуқтаҳо ва пешниҳодоте, ки дар диссертатсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд.

Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, эътирофи арзишҳои инсонӣ, инчунин, таҳкими фаъолнокии ҳуқуқии шаҳрвандон хизмат намуда, дар татбиқи барномаҳои давлатӣ, раванди рушд ва амалигардонии ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон истифода шаванд. Ҳамзамон, дар таълими фанҳои «Асосҳои ҳуқуқии интихобот», «Ҳуқуқи конститутсионӣ» ва ғайра, ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо

истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқҳои марбута, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси омӯзиши васеи маводҳои илмӣ ва таҷрибавӣ, таърихи пайдоиш ва инкишофи мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот, мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти ҶТ, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ, ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти ҶТ, вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти ҶТ, хусусиятҳои хоси баргузории ҷараёни интихоботи Президенти ҶТ, муқоисаи ташкил ва баргузории интихоботи Президент дар ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ)-ро тавассути татбиқи шаклҳои гуногуни ҳокимият муайян намуда, барои такмили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод намудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти ҶТ омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда баррасӣ шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бо маърузаи «Низоми қонунгузорӣ дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». С. 213-215, дар Академияи ВКД ҶТ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (Душанбе, 29-уми апрели соли 2022);

– дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» бо маърузаи «Мактаби сулҳофарии Пешвои миллат: роҳу усулҳои мусолиҳатомез дар бартарафсозии низоъҳои дохилӣ дар таҷрибаи Тоҷикистон» бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ (23-24-уми июни соли 2022. Маҷмуи мақолаҳо №3, 2022, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– дар конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Нақши Конститутсия дар рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - бо маърузаи «Самтҳои асосии такмили қонунгузории интихоботи Президенти ҶТ», АИДНПҶТ, (Душанбе, соли 2021);

– дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Нақш ва ҷойгоҳи муҳаққиқони ватанӣ дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ» вазъ ва дурнамо бо маърузаи «Интихобот асоси падидаи демократияи бевосита», дар АИДНПҶТ (Душанбе,18-уми апрели соли 2024);

– дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Нақши Конститутсияи ҶТ дар рушди қонунгузории маданӣ» бо маърузаи «Вазъи ҳуқуқии номзад ба мансаби Президенти ҶТ», дар АИДНПҶТ (Душанбе, 31-уми октябри соли 2024);

– дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихобот дар ҶТ» бо маърузаи «Таҳлили муқоисавии ташкил ва баргузории интихоботи президентӣ дар ҶТ ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ)», дар АИДНПҶТ (Душанбе, 21-уми феврали соли 2025).

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Нуқтаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Нуқтаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ оид ба фанҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҶТ, ҳуқуқи интихоботии ҶТ, курси махсуси низоми намояндагӣ ва ҳуқуқи парлумонии ҶТ истифода бурда мешаванд.

**Сохтори диссертатсия** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда ва маъхазҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 211 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НИЗОМИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот

Мафҳуми «интихобот» яке аз падидаҳои асосӣ ва фарогири илми ҳуқуқшиносӣ ба шумор рафта, ҳам дар доираи таҳқиқоти илмӣ ва ҳам дар афкори омма васеъ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, истифодаи густурдаи ин мафҳум на ҳамеша бо фаҳми амиқ ва мазмуни мукаммал ҳамроҳ аст, ки боиси шарҳу тафсирҳои гуногун мегардад. Бо назардошти нақши муҳим ва мақоми хоссаи интихобот дар низоми сиёсӣ, зарурати дарки амиқи он беш аз пеш эҳсос мегардад.

Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократиро интихоб намуда, арзишҳои асосии ин давлатро ҳам дар Конститутсияи кишвар ва ҳам дар қонунгузории соҳавии он инъикос намуд. Махсусан, дар ин замина, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон - ҳамчун яке аз принсипҳои муайянкунандаи волоияти қонун ҷой дорад [289, с. 26].

Бояд гуфт, ки давлату давлатдорӣ як мафҳуми назариявӣ набуда, он маҳз, бо мавҷудияти рукнҳои амалии давлат маъно пайдо мекунад. Шоҳидон дар ёд доранд, ки дар он рӯзҳои вазнину мудҳиш тамоми ниҳодҳои марказӣ ва маҳаллии давлатдории мо пурра фалаҷ гашта, низоми идоракунии давлатӣ барҳам хурда буд. Бино бар ин, барқарор кардани аркони амалии давлат талошу заҳмати зиёдро талаб мекард. Мо тавонистем дар кутоҳтарин замон ниҳодҳои асосии давлатдориро эҳё ва барқарор намоем. Мо, ки худ шоҳиди бевоситаи раванди барқарории рукнҳои асосии давлатдорӣ ва ташкили ниҳодҳои бунёдии сиёсӣ ва қудратии кишвар будем, фаромӯш намекунем, ки ҳар як ниҳоди давлатӣ, хусусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ бо чӣ мушкилот ва ҳисси масъулият ташкил ёфта буданд [29, с. 436].

Дар робита ба масоили таҳқиқшаванда Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 чунин иброз доштанд,

ки «.......интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд» [301].

Муҳимтарин ҳадафи сиёсати давлатии Тоҷикистон устувор нигаҳ доштани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, ки ҷавҳари онро ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад [236, с. 256-26]. Дар моддаи 6 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, ки «дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст» [1, с. 136]. Инчунин, моддаи 27 пешбинӣ менамояд, ки «шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд» [1, с. 136].

Имрӯз, дар шароити ҳамгироии кишварҳо, миллатҳо ва тамаддунҳо, мубориза барои дарёфти мавқеи шоиста дар низоми нави муносибатҳои ҷаҳонӣ идома дорад. Дар чунин вазъ, маърифати ҳуқуқӣ ва ҳофизаи таърихӣ метавонанд ҳамчун заминаи устувор барои ҳар як узви ҷомеа хидмат намоянд ва ба қонунигардонии манфиатҳо ва ниёзҳои ҷомеа ва кишвар мусоидат кунанд.

А.И Имомов дар робита ба мафҳум ва низоми интихобот чунин андеша баён менамояд, ки «Мафҳуми низоми интихобот ва ҳуқуқи интихобот хеле фарогир буда, нафақат воситаи асосии ташкили парлумон, балки интихоботи Президент, мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидлоракунии маҳаллӣ мебошад. Низоми интихобот зуҳуроти демократӣ мебошад. Ва он аз маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие иборат аст, ки дар якҷоягӣ бо ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқи субъективии шаҳрванд ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба вуҷуд меояд» [87, с. 9-10].

Ҷ.М. Зоир чунин мешуморад, ки «роҳи интихобкардаи халки Тоҷикистон сохтмони ҷомеаи демократӣ, хукуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Мо ин роҳро бебозгашт интихоб кардем» [106, с. 151].

Муҳаққиқони ватанӣ С.А. Абдулаҳадзода, Б.С. Гадоев чунин мешумором, ки «интихобот як раванди мураккаб аст, ки бо иштироки шаҳрвандон дар сатҳи омма амалӣ мешавад. Дар натиҷаи ин раванд, иродаи сиёсии ҳамаи шаҳрвандон баён гардида, ҳадафҳои гуногуни иҷтимоиро пайгирӣ мекунад. Раванди интихоботӣ бошад, ҳамчун амалҳои ташкилӣ ва сиёсиву ҳуқуқии субъектҳо дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ташкилнамоӣ ва гузаронидани интихобот мебошад, ки дар шакли марҳилаҳои якдигарро ивазкунандаи тайёрӣ ва гузаронидани интихобот ба вуҷуд меояд. Асос ва заминаи падидаи раванди интихоботӣ дар маҷмуъ падидаи интихобот мебошад. Бо ҳамин мазмун, падидаи раванди интихобот хусусиятҳоеро ҳамчун «низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ» «хусусияти марҳилавӣ», «низоми меъёрҳои мурофиавии конститутсионӣ» ва «табиати маҷмуавӣ (комплексӣ)» дар худ таҷассум менамояд» [157, с. 57-67].

Аз ҷумла, А. Имомов ҷонибдори он аст, ки «ташкил ва баргузории интихобот дар як санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар шакли ҷамъ ва дар шакли санади ягона Қонуни конститутсионӣ ё Кодекси интихоботӣ аз роҳи тағйиру илова ворид намудан ба Конститутсияи ҶТ қабул намудан зарур аст» [84, с. 467].

Вобаста ба ин Б.С. Гадоев дар асарҳои илмии худ чунин иброз намудааст, ки «муносибатҳои интихоботиро дар ҶТ муфассалтар ба танзим даровардан зарур аст» [61].

Э.Б. Буризода чунин иброз менамояд, ки «таҳқиқи таърихи ниҳодҳои давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқии миллати тоҷик ҳамчун ҷузъи ҳатмии фарҳанги ҳуқуқии мо, ҷузъи хотираи миллат аҳаммияти бузург дошта, ҳар як миллат ҳангоми зарурат ҳатман ба он рӯ меорад. Таърихи миллат намунаи мусбат ва манфии роҳҳои ҳалли масоили гуногуни давлатдорию ҳуқуқиро дар худ нуҳуфтааст, ки онҳо метавонанд заминаи илмии такомулу рушди ҷомеаи гарданд» [53, с. 268].

Олими фаронсавӣ М. Прело чунин мешуморад, ки «ваколати намоянда, ҳамон тавре ки ҳангоми баррасии масъалаи интихобот ишора кардем, дорои ҳеҷ гуна хусусияте намебошад, ки ба ваколат дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ (гражданӣ) хос аст. Интихобот амали таъинӣ ва интихобӣ мебошад. Ҳайати шаҳрвандон як

ва ё якчанд нафар шаҳрвандро барои иҷрои вазифаҳои муайяни омма таъин мекунад. Ин амал ҳеҷ гуна муносибати субъективӣ ва ё шахсии байни интихобшуда ва интихобкунандаро, ки мувофиқан бо номи «дорандаи ваколат» ва «ваколатдиҳанда» ёд мешавад, дар назар надорад. Ҳолати аввала вобастаи дувумӣ нест. Изҳори иродаи интихобкунанда бо интихоби ин ё он шахс маҳдуд мешавад ва ба вазъи интихобшуда ҳеҷ гуна таъсире надорад. Онро танҳо конститутсия ва қонунҳо муайян мекунанд. Бо дарки ин ҳақиқат истилоҳи «ваколат»-ро бояд тибқи ақидае, ки дар асри XVIII паҳн шуда буд, бо маънии фарққунанда фаҳмид, ки ба он ҳуқуқи маданӣ (гражданӣ) медиҳад. Ба ҳамин андоза, маълум аст, ки калимаи «намоянда»-ро бо маънии муқобиле, ки ба он аз нигоҳи забонӣ дода мешавад, дарк мекунанд. Шахси интихобшуда, ки бевосита ва озодона иродаи миллатро эҷод мекунад, дорои мустақилияти комил мебошад. Моҳияти ваколати намоянда дар иҷрои иродаи онҳое, ки ваколатро доданд, дар татбиқи вазифаҳо - имтиёзҳои омма, ки онҳоро конститутсия ба мақомоти намояндагӣ додааст, инъикос меёбад [110, с. 436]. Ба ҳамин тартиб, дар асоси андешаҳои фавқуззикр метавон натиҷагирӣ кард, ки мақомоти намояндагӣ ба сифати мақоми мустақилу озод эҳтиёҷоти халқ (аҳоли)-ро хуб дарк намуда, иродаи онро дар қонунҳою санадҳои дигари худ ифода мекунад. Ҳамон тавре ки Аббат Сийес изҳор дошта буд, «намояндагии халқ ва халқ» ниҳодҳои ҳаммаъноянд ва маҳз, дар ҳамин фаҳмиш моҳияти идораи намояндагӣ нуҳуфта аст» [303]. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки ин фаҳмиш танҳо тасвири умумии идораи намояндагист ва ба хусусиятҳо, ҷузъиёти хос ва паҳлуҳои нодири он, ки дар таҷрибаи давлатдории кишварҳои гуногун зуҳур меёбанд, камтар таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

А.И. Ким, чунин менависад, ки «дар олами муосир интихобот шакли асосӣ ва зарурии зуҳури одамон ба сифати манбаи ҳокимият ва истиқлол аст. Интихобот ҷузъи асосии ҳокимияти халқ дар ҳама сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ дониста мешавад»[89, с. 210].

Муҳаққиқи рус А.Г. Полозов, «интихоботро механизми муҳимми дигаргунсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар марҳилаи ҳозира ва пеш аз ҳама,

интихоботи мақоми олии намояндагии ҳокимият мешуморад». Ба андешаи ӯ, «Интихобот асоси ҷамъияти демократӣ, шакли асосии иштироки аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ мебошад» [288, с. 20].

Ба ақидаи А.Э. Эсенбаев «таъмини интихоботи озод, баробар, воқеан демократӣ – яке аз вазифаҳои муҳимми ҳам давлат ва ҳам ҷомеа мебошад. Раванди такмили асосҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии фаъолияти низоми интихоботро метавон шарти муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии ташкил ва гузаронидани интихобот, таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон арзёбӣ кард» [297, с. 25].

Олими хориҷӣ И.А. Сизико қайд намудааст, ки «интихоботи озоди демократӣ дар ташаккул ва рушди асосҳои сохти конститутсионии ФР, мавқеи махсусро ишғол мекунад. Он, воқеан, ба механизмҳои муассири ташаккули ҳокимияти давлатӣ, таъмини муттасилӣ ва суботи сиёсии он табдил меёбад. Интихоботи муосир дар шароити низоми бисёрҳизбӣ, рақобатпазирии номзадҳо, ошкорбаёнӣ, озодии андеша ва интихоби ҳақиқӣ баргузор мешавад, барои мустақилияти комиссияҳои интихоботӣ аз мақомоти давлатӣ шароити ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Сатҳи ташкилию ҳуқуқии интихобот, қонунӣ будани натиҷаҳои он аз он вобаста аст, ки тамоми субъектҳои раванди интихобот муқаррароти қонунро то чӣ андоза дуруст риоя мекунанд» [291, с. 28].

Ба сохтори идоракунии давлати демократӣ баргузории интихоботи озод хос мебошад ва маҳз, ҳамин унсур асоси моҳияти демократии давлатро ташкил медиҳад. Дар баробари ақидаҳои болозикр, муҳаққиқони рус А. Торшенко ва В. Трегубенкова нишон медиҳанд, ки «Аксар вақт муҳаққиқон интихоботро ҳамчун институти демократияи бевосита, ҳуқуқи коллективии шаҳрвандон, як соҳаи мухтори ҳаёти ҷамъиятӣ, ки бо такрористеҳсол ва навсозии мунтазами мақоми ҳокимият, такмили низоми интихоботӣ алоқаманд мепиндоранд» [258, с. 44-50].

Муҳаққиқони дигари рус Ю. Веденеев ва В. Лисенко «арзиши иҷтимоии интихоботро арзёбӣ намуда, интихоботро худфикрии сиёсии шаҳрвандон,

худидоракунии сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини мухторияти он мепиндоранд» [292, с. 28].

Ҳуқуқ ба интихобот маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки тартиби ташкил ва ҷамъбасти интихоботи мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва Президентро танзим мекунад ва усулҳои низоми интихоботро муқаррар менамояд. Ин меъёрҳо ва усулҳо хосият ва моҳияти ҷумҳуриро ифода мекунанд ва нишон медиҳанд, ки дар кадом дараҷа демократия дар кишвар татбиқ мешавад.

Ба ақидаи А.И. Ким «Интихобот ин иштироки шаҳрвандон дар амалисозии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун ифодаи бевоситаи ирода роҷеъ ба масъалаҳои мушаххаси ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ташкили мақомоти намояндагии ҳокимият ифода ёфтааст» [89, с. 9].

Дар давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд халқ ба сифати сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ шинохта шуда, ҳокимиятро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ менамояд. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ дар асоси Конститутсияи ҶТ интихобот ва раъйпурсӣ маҳсуб меёбанд. Ҷавҳари асосии баргузор намудани интихоботро дар кишвар, алалхусус, интихоботи президентиро принсипҳои он ташкил медиҳанд. Принсипҳои асосии интихоботи Президентӣ дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» пешбинӣ гардида, амалӣ гардидани онҳо аз сатҳи фарҳанги ҳуқуқии интихоботии шаҳрвандони кишвар вобаста мебошад. Сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ба амалишавӣ ва рушди ҷомеаи демократӣ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин, пажуҳишгарон масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, бар он назаранд, ки фарҳанги ҳуқуқии интихоботӣ барои амалӣ намудани принсипҳои интихоботӣ нақши калидиро иҷро менамояд [109, с. 241-351].

Ба андешаи, муҳаққиқи рус Э.Э. Скосаренко, «интихобот ҳамчун пайванди байни интихобкунандагон ва ниҳодҳои давлатӣ як ҷузъи зарурии ҳаёти давлат мебошад, ки тавассути он манфиатҳои аҳолӣ метавонад дар сатҳи давлатӣ дар фаъолияти парлумон намояндагӣ кунад» [292, с. 28].

Бояд қайд кард, ки баъд аз қабули Конститутсия ва тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003, 2016 Президенти ҶТ аз тарафи шаҳрвандони ҶТ дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешавад. Шаҳрванди ҶТ, ки синнаш аз 30 кам нест, забони давлатиро медонад, камаш 10 соли охир дар Тоҷикистон зиндагӣ карда, дорои ҳуқуқи интихоботӣ мебошад, Президент интихоб шуда метавонад [1, с. 136].

Оид ба чунин нуқтаи назар олими ватанӣ А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки ба Президенти ҶТ гузоштани вазифаи кафили Конститутсия дар он ифода меёбад, ки Президенти ҶТ риояи қатъии Конститутсияро аз тарафи ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ талаб менамояд [65, с. 272].

Президенти ҶТ аз тарафи шаҳрвандони ҶТ дар асоси ҳуқуқи интихоботии умумӣ, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешавад. Шахсе ба номзадии Президенти ҶТ пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад [3].

Бояд қайд намуд, ки интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ, воситаи амалишавии соҳибихтиёрии халқ, василаи қонунӣ гардондани ҳокимият, роҳи осоишта ва мусолиҳатомези ба даст овардани ҳокимият, ташаккули мақомоти олии давлатӣ, пайравӣ ва нишон аз арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ доштани давлат маънидод мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона роҳи демократии тараққиётро пеш гирифт ва тибқи Конститутсия барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи оздонаро мароми бунёдии худ эълон намуд. Дар ин робита, интихобот яке аз муҳимтарин василаҳои расидан ба ин ҳадафҳо мебошад. Илова ба ин, интихоботи озоду шаффофи Президенти ҶТ яке аз василаҳои муҳимми суботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди давлатамон бо роҳи демократия аст. Интихоботи Президенти ҶТ маъракаи

муҳимми сиёсӣ буда, дар доираи талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ озод, шаффоф ва ошкоро баргузор намудани он омили таҳкими эътимоду боварӣ дар ҷомеа маҳсуб меёбад.

Бо роҳи гузарондани интихобот, аслан, мардум намояндагони худро барои иҷрои вазифа ва мансабҳои муайяни давлатӣ интихоб менамоянд. Мувофиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ халқ дар замони муосир ба воситаи интихобот ва раъйпурсӣ мақсаду мароми худро амалӣ карда, ба ин восита дар идоракунии давлат саҳм мегузорад.

Муҳаққиқи тоҷик А.И. Имомов «ҳуқуқи интихоботро дар Тоҷикистон ба се маъниву мафҳум ҷудо намудааст: якум, чун ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон оид ба интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансаби президент, ба вакилии МО ва Маҷлиси маҳаллӣ; дуюм, чун шакли ягонаи ташкили мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва интихоби президент; сеюм, чун падидаи демократӣ ва нишондиҳандаи тартиби идораи демократии давлат, чун маҳак ё мизони ошкор кардани татбиқи низоми тартиби демократӣ» [84, с. 320].

Дар умум фаҳмиши интихобот роҳи қадимтарини додани ҳокимият ба халқ аст. Нигоҳдорӣ ва истифодаи васеи онҳо дар давлатҳои демократӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки онҳо як қатор вазифаҳои иҷтимоиро иҷро мекунанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

1. Ин воситаи басо муҳимми таъмини қонунияти ҳокимият, яъне аз тарафи халқ эътироф шудани он, тайёр будан ба ихтиёран иҷро намудани фармонҳои он мебошад;

2. Ин барномаи ҳаёти сиёсӣ, нишондиҳандаи таносуби қувваҳо ва манфиатҳои гуногун дар ҷамъият ба ҳисоб меравад;

3. Тавасути интихоби президент, ба шаҳрвандон додани имконияти ба шахсони сазовор супоридани вазифаҳои идоракунии давлатӣ;

4. Интихобот унсури муҳимми механизми таъмини соҳибихтиёрии халқ ва режими сиёсии демократӣ мебошад, ки ба шарофати он ваколатҳои муҳимтарин мақомотҳои давлатӣ аз иродаи халқ сарчашма мегиранд.[38, с. 158]

Чи тавре ки Е.А. Ордомская изҳори ақида намудааст; «Муҳимтарин натиҷаи интихобот он аст, ки шаҳрвандон механизми демократӣ ва ҳуқуқии овоздиҳиро доро мебошанд» [287, с. 21].

Ҳамаи ин мафҳумҳо то андозае ҳамдигарро пурра мекунанд, аммо дар баробари доштани як қатор афзалиятҳо, мо мафҳуми интихоботро чунин баён менамоем.

Чӣ тавре ки А.А. Сайфиддинов иброз медорад, «илмӣ сиёсатшиносӣ ва давлатшиносии муосир институти ҳуқуқи интихоботро на танҳо унсури таркибии демократия, балки асоси рушди демократии умумӣ мешуморад. Дар ин ҷо интихобот мавқеи муҳимро ишғол мекунад, ки ба воситаи он ҳуқуқи интихобот ба амал бароварда мешавад» [293, с. 220].

Интихобот ин воситаи муҳимми иштирок дар ҳаёти сиёсии давлат мебошад, ки ба воситаи он ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон муайян ва кафолат дода мешавад.

Интихобот падидаи муҳиме дар демократия мебошад, ки аз маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие иброт мебошад, ки дар алоқамандӣ бо ташкили ниҳодҳои намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва ҳуқуқи субъективии шаҳрвандон барои интихоб кардан ва интихоб шудан ба вуҷуд меойяд. Қисми муҳимтарини ин муносибатҳо тавассути қоидаҳои ҳуқуқии интихобот танзим мешаванд. Муносибатҳои интихоботӣ муносибатҳои ҷамъиятии мураккабанд, ки ҳар марҳилаи равандҳои ташкил ва гузаронидани интихобот иштирок ва фаъолияти амалии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои меҳнатӣ, маҷлиси интихобкунандагон дар макони истиқомат ва шаҳрвандонро дар бар мегирад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ низоми интихобот, асосан, ба ду намуд - мажоритарӣ ва мутаносибӣ тақсимбандӣ мешавад. Дар баъзе мамлакатҳо ҳар дуи ин намуд амал мекунанд.

Муҳақиқи тоҷик А.И. Имомов, чунин мешуморад, ки «низоми интихоботи мажоритарӣ чунин маъно дорад, ки дар ҳавзаи интихоботӣ ҳамон номзаде (ё рӯйхати номзадҳое) интихобшуда ҳисоб меёбад, ки аксари овозҳои

муайянкардаи қонунро соҳиб шуда бошад. Дар таҷриба се намуди ин низоми интихобот амал мекунад. Якум, низоми мажоритарии аксарияти мутлақ, ки дар он касе интихобшуда ҳисоб меёбад, ки овози аксарияти мутлақ, яъне аз нисф зиёди интихобкунадагонро дар ҳамин ҳавзаи интихоботӣ гирифта бошад. Аммо ин на ҳамеша муяссар мегардад, бинобар ин, овоздиҳӣ дар ду навбат сурат мегирад ва дар навбати дуюм ҳисоби овозҳо аз рӯйи нисбати овози дигар номзадҳо гирифта муайян мегардад. Дуюм, низоми мажоритарии аксарияти нисбӣ, ки дар он барои ғолиб омадан нисбат ба ҳар як номзади дигар зиёдтар овоз гирифтан зарур аст. Дар ин маврид, гурӯҳҳои интихоботии ҳизбӣ бештар бурд карданашон аз эҳтимол дур нест. Ҳатто, ҳизби ба аксарияти нисбии овозҳо соҳибшуда, метавонад ба аксарияти мутлақи ҷойҳо дар парлумон соҳиб шавад. Сеюм, низоми мажоритарии аксарияти комил аст ва дар он касе ғолиб меояд, ки аксарияти овозҳои қаблан муқарраргардидаро соҳиб шавад. Одатан, ин миқдор аз нисфи овозҳо зиёд аст, яъне 2/3, 3/4, 4/5 ва ғайра. Низоми мажоритарии интихобот дар шароити давлатҳои серҳизб ба он мусоидат мекунад, ки ҳизбҳои бонуфузи сиёсӣ нисбат ба мавқеи ҳақиқии худ дар парлумон ба ҷойҳои бештаре соҳиб мешаванд ва бо ҳамин таносуби иродаи ҳақиқии интихобкунандагон тағйир меёбад» [84, с. 400].

Низоми мутаносиби интихобот таъриф мекунад, ки тартиби интихобот ба чӣ гуна аст, ки овозҳо дар байни ҳизбҳои муайян ва ҷойҳои вакилони онҳо ба таври таносубӣ тақсим мешавад. Ин тартиб, ки ташкили ҳавзаҳои интихоботии калонро дар назар дорад, пешбинӣ мекунад, ки аз ҳар ҳавза якчанд вакил интихоб мегардад. Номзадҳо барои мақоми вакили парлумон танҳо аз ҷониби ҳизбҳо ё блокҳои сиёсии ташкилшуда пешбарӣ мешаванд. Интихобкунанда ба рӯйхатҳои пешниҳодшуда овоз медиҳад. Барои муайян кардани шумораи мандатҳо (маконҳои вакант) барои ҳар ҳизб квота,-яъне шумораи минималии овозҳо - муқаррар мешавад. Мандатҳои соҳибшудаи ҳар ҳизб метавонанд ба воситаи рӯйхатҳои озод ё рӯйхатҳое, ки бо қоидаи муайян мураттаб карда шудаанд, тақсим карда шаванд.

Низоми мутаносиби интихобот дар бисёр кишварҳо мавҷуд аст. Дар баъзе кишварҳо, ба монанди Италия ва Ҷумҳурии Федералии Олмон (минбаъд-ҶФО), ин низом ҳамзамон, бо низоми мажоритарӣ амал мекунад. Масалан, дар кишварҳои Финландия, Шветсия, Норвегия, Белгия, Исроил, Австралия ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр ҶТ роҳи инкишофи давлати демократиро пеш гирифтааст ва ба такмили унсурҳои он, аз ҷумла интихоботи озоду демократӣ талошу кӯшишҳои зиёдеро ба сомон расонида истодааст. Ин гуфтаҳо далели он аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз медоранд: «Мо таҷрибаи ҷаҳонии давлатдорӣ, омилҳои сиёсию иқтисодӣ ва миллию фарҳангии мамлакатро дар марҳилаи гузаштаву имрӯза омӯхта, роҳи ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократиро интихоб кардем» [26, с. 368].

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан зарур аст, ки низоми интихоботро дар ҶТ ба чаҳор зина ҷудо намудан мумкин аст:

1. Низоми интихоботи Президенти ҶТ;
2. Низоми интихоботи МО ҶТ;
3. Низоми интихоботии вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ;
4. Низоми интихоботии вакилони Ҷамоат.

Интихоботи Президент яке аз чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ дар ҳаёти давлат ба шумор меравад. Конститутсияи ҶТ ҳатмӣ будани интихоботи Президенти ҶТ-ро пешбинӣ карда, муқаррароти умумии алоҳида баргузории интихоботи Президентро мустаҳкам мекунад (м. 65) ва имкон медиҳад, ки қонунгузорӣ паҳлуҳои муҳимми интихоботи Президенти Тоҷикистонро муайян намоядм [290, с. 28]. Интихоботи Президенти ҶТ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони МО ҶТ дар на дертар аз ду моҳи хатми ваколатҳои Президенти ҶТ таъин карда мешавад.

Ташкили интихоботи Президенти ҶТ ба зиммаи комиссияҳои интихоботӣ гузошта мешавад. Комиссияҳои интихоботӣ ба таври дастаҷамъӣ кор мекунанд.

Тайёрӣ ва гузаронидани интихобот аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ рӯйирост ва ошкор амалӣ карда мешавад [3].

Ташаккули падидаи интихоботи президентиро дар Тоҷикистон ба ду давра ҷудо намудан мумкин аст:

Давраи аввал, аз соли 1990 то соли 1992;

Давраи дуюм, аз соли 1994 то инҷониб.

Давраи аввал бо қабули Эъломияи истиқлоли ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва Қарори ШО ҶШС Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлоли Тоҷикистон», Изҳороти ШО ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи Истиқлоли давлатии ҶТ аз 9 сентябри соли 1991», 29 ноябри соли 1990 Қонуни ҶТ «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти ҶШС Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ» қабул шуд. Санади дигаре, ки ба таърихи таъсис додани мансаби Президент дахл дорад, ба шумор меравад.

Давраи дуюм бо қабули Конститутсияи ҶТ (6 ноябри соли 1994) ва бо тағйиру иловаҳои соли 1999, 2003, 2016, инчунин, қабули Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» аз 21 июли соли 1994 №1042 ва бо тағйиру иловаҳо ба он мебошад.

Қайд карда мешавад, ки ислоҳоти низоми интихоботӣ аз давраи бозсозӣ ва демократикунонии ҷамъияти шуравӣ сар шуда буд, барои ба амал баровардани бозсозӣ ва демократикунонии ҷамъияти шуравӣ чи дар сатҳи ИҶШС ва чи дар сатҳи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба Конститутсия ва қонунгузории интихобот тағйироти дахлдор дохил карда шуданд.

Ин тағйирот дар Қонуни ҶШСТ «Дар бораи интихоботи вакилони халқӣ ҶШСТ», ки 24 ноябри соли 1989 Шурои Олии ҶШСТ қабул карда буд, ворид карда шуда буданд. Онҳо, асосан, ба баланд бардоштани нақши мақомотҳои намояндагӣ, таъмин намудани доираи васеи ташкилотҳо ва гурӯҳҳои интихобкунандагон ба пешбарӣ кардани номзадҳо ба вакилӣ равона карда шуда буданд.

Дар робита ба таъсиси парлумони дупалатагӣ дар соли 1999 дар қонунгузории интихобот тағйироти ҷиддие ба амал омад. Ба Конститутсия тағйироти дахлдор ворид карда шуда, Қонуни нав дар бораи интихоботи парлумон қабул карда шуд [272, с. 44].

Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ чунин муайян намудааст, ки «интихоботи Президенти ҶТ дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевосита бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад, шаҳрвандони ҶТ, ки то рӯзи интихобот ба синни 18 расидаанд, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқи дар интихоботи Президенти ҶТ иштирок карданро доранд» [3].

Вобаста ба падидаи интихобот дар Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон аз 25 феврали соли 1931 фасли алоҳида, ки аз 3 боб иборат буд, танзим намудааст (фасли 6, бобҳои 13,14,15). Дар Конститутсия интихоботи шуроҳо, ҳуқуқи интихоботи фаъол ва ғайриаъол, инчунин тартиби гузаронидани интихобот муайян карда шуда буд. Инчунин, дар Конститутсияи ҶШСТ 1 марти соли 1937 боби алоҳидаи худро дар бораи системаи интихобот бахшида буд(боби 10). Коститутсияи 14 апрели соли 1978 бошад боби 10 худро ба системаи интихобот гузошт. Ин меъёрҳои конститутсионии овардашуда танҳо низоми ингтихоботии вакилони прлумон ва вакилони маҳаллиро танзим намудааст.

Шаҳрвандоне, ки ба синни қонунии интихобот расидаанд, дар интихобот баробарҳуқуқанд ва ҳар яки онҳо танҳо як овоз доранд. Президенти ҶТ бо роҳи овоздиҳии бевоситаи интихобкунандагон интихоб карда мешаванд. Интихобот бо усули овоздиҳии озод ва пинҳонӣ баргузор мегардад. Омодагӣ ва баргузории интихоботи Президенти ҶТ-ро КМИР, комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ ва учаскаҳои интихоботӣ бо риояи принсипи ошкорбаёнӣ анҷом медиҳанд.

Комиссияҳо, аз ҷумла, КМИР ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботи Президенти ҶТ ба шаҳрвандон аз фаъолияти худ хабар медиҳанд ва ҷамъбасти интихоботро эълон мекунанд [10].

Дар ҳамин асос, низоми интихоботиро дар ҶТ мо бо чаҳор зина ҷудо намудем, ки зинаи болоии ин интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

зинаи миёна, ин интихоботи МО, зинаи поёнӣ, яъне маҳаллӣ, ин интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва дар зинаи Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бошад, ин зинаи интихоботии вакилони Ҷамоат фаҳмидан мумкин аст.

Қонунгузории ҶТ дар бораи интихоботи Президенти ҶТ ба Конститутсия асос ёфта, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар ҶТ интихоботи Президенти Тоҷикистонро Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ба танзим медарорад. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо мекунанд, ҳуқуқи дар интихоботи Президенти ҶТ иштирок карданро надоранд [3].

Дар интихобот, рақобати номзадҳо, ки мувофиқи қоидаҳои эътирофшуда баргузор мегирад, ба таъмини сулҳ, субот ва тартиботи ҷамъиятӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад. Аз ҳамин рӯ, интихоботи озоду шаффоф, ки дар мӯҳлатҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ баргузор мегардад, асоситарин василаи амалӣ гардонидани соҳибихтиёрии мардум мебошад [92, с. 237]. Дар робита ба ин, А.И. Имомов чунин мепиндорад, ки «яке аз воситаҳои демократӣ кардани интихобот ба тарзи бисёрҳизбӣ ташкил кардан ва анҷом додани он аст» [82, с. 241].

Баъд аз касб намудани Истиқлоли давлатӣ ниҳоди интихобот дар асоси қонунгузории ҶТ рушд карда, ба ҳадафҳои зерин ноил гаштааст:

а) ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон;

б) изҳори иродаи озоди шаҳрвандон нисбат ба интихобот ва раъйпурсӣ;

в) дар асоси ошкорбаёнӣ пешбарии рӯйхати номзадҳо ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) дар руҳияи меҳанпарастӣ тарбия намудани шаҳрвандон.

Интихобот, ҳамсон бо дигар ҷанбаҳои ҳаёти сиёсӣ, ба заминаи муайяни иҷтимоӣ-сиёсӣ ниёз дорад, ки он ҳамчун пояи асосии ин раванд баромад мекунад. Маҳз, низоми сиёсиву ҳуқуқии мавҷудбудаи ҷомеа заминаи ташкилӣ

ва ҳуқуқии интихоботро фароҳам месозад. Дар ин низом, риояи принсипҳо ва меъёрҳои махсуси интихоботӣ нақши калидӣ мебозад. Раванди интихобот, пеш аз ҳама, бар принсипҳое асос ёфтааст, ки дорои хусусияти инсондӯстона ва арзишҳои умумибашарӣ мебошанд. Гарчанде ки ин принсипҳо дар кишварҳои гуногун бо шеваҳои мухталиф татбиқ мешаванд, дар ҳар сурат, онҳо як ҳаққи асосии инсонро - ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро таъмин ва таъйид менамоянд.

Принсипҳои интихоботи озод ва демократӣ дар асоси ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон баён меёбанд, ки дар доираи илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун меъёрҳои муайян ба низом дароварда шудаанд. Ҳар интихобкунанда, новобаста аз мақоми иҷтимоии худ, танҳо як овоз дода метавонад. Принсипи махфият ҳангоми овоздиҳӣ бояд қатъиян риоя гардад - интихоби интихобкунанда набояд ба ягон шахс маълум бошад.

Олими хориҷӣ Ж. Бешлер, чунин мешуморад, ки «интихобот ҳамчун падидаи муҳимми ҷомеа дар таҳкими муносибатҳо ва ташаккули ҳукумат нақши муҳим дошта, пешрафту инкишофи муттасили ҷомеа ба чигунагии баргузории он алоқамандии зич дорад. Интихобот воситаи муҳимтарини ташаккули системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Аз хотире, ки интихобот сохти сиёсии ҷамъиятиро бунёд месозад, он масъалаи аввалиндараҷаи инкишофи ҷомеаи демократӣ ба шумор меравад» [49, с. 47].

Масалан, ҳизби сиёсӣ дар маъракаи интихоботии худ аз рамзҳо ва тасвирҳое истифода кардааст, ки аз ҷониби комиссияи интихоботӣ тибқи шартномаи давлатии иттилоотӣ бо интихобкунандагон фармоиш дода шудааст.

Ба ақидаи Д.А. Каримов «хусусияти таҳлили масъалаҳои ҳуқуқие, ки дар амалияи ҳаёт ба миён меоянд, шарти зарурии ҳалли дурусти онҳо мебошад».

Ҳамин тавр:

-интихобот равандест, ки дар чаҳорчӯби сохтори демократӣ ташкил мегардад ва ҳадафи асосии он таъмини имкони изҳори озоди иродаи мардум ва мусоидат ба таҳкими демократия дар ҷомеа мебошад.

-Ҳуқуқи интихоботӣ як шакли демократиро меноманд, ки мақсад барои рушди ҷомеа ва изҳори озоди иродаи халқ, инчунин, таъмини ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон, ба шумор рафта, дар асоси ин ҳуқуқ шаҳрвандон имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва ё идоракунии давлатиро пайдо менамоянд.

## 1.2. Мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раванди интихоботӣ механизми марказии идоракунии демократиро таҷассум мекунад, ки ташаккули қонунии ниҳодҳои олии давлатиро таъмин намуда, иродаи шаҳрвандонро инъикос менамояд. Ин раванд на танҳо принсипҳои асосии ҳокимияти халқиро мустаҳкам мекунад, балки ба фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ, ислоҳоти сохторӣ ва мавқеъгирии байналмилалии давлат таъсири бевосита мерасонад.

Падидаи интихоботи президентӣ дар низоми сиёсии давлат аҳаммияти баланд дорад, маҳз, президент дорои ваколатҳои васеъ мебошад, ки ба ташаккул ва татбиқи сиёсати дохилию хориҷӣ таъсир мерасонад. Тибқи модели кунунии конститутсионӣ, президент вазифаи кафили соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва устувории низоми сиёсиро иҷро мекунад. Ҳамин тариқ, раванди интихоботие, ки бо интихоботи сардори давлат алоқаманд аст, на танҳо аҳаммияти ҳуқуқию сиёсӣ дорад, балки ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири дарозмуддат низ мерасонад [290, с. 28], [87, с. 10].

Тартиби гузаронидани интихоботи президентӣ бо меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои қонунгузорӣ, ки принсипҳои демократия, рақобатпазирӣ ва шаффофияти раванди интихоботро муайян мекунанд, танзим карда мешаванд. Дар низоми интихоботӣ ба кафолатҳои ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар овоздиҳӣ, таъмини гуногунандешии сиёсӣ ва риояи принсипи баробарии номзадҳо диққати махсус дода мешавад. Аммо, чун дар дигар давлатҳо, самаранокии механизми интихобот бештар аз сатҳи маърифат (шуур)-и ҳуқуқии ҷомеа, фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дараҷаи мустақилияти комиссияҳои интихоботӣ вобаста аст.

Дар ин замина, омӯзиши раванди интихобот ба мо имкон медиҳад, ки тамоюлҳои рушди демократиро таҳлил кунем, мушкилоти асосии марбут ба фарҳанги интихоботӣ ва муҳити институтсионалиро муайян карда, дурнамои навсозии низоми идоракунии давлатиро баҳо диҳем.

Вазъи ҳуқуқии Президенти ҶТ дар моддаи 64 Конститутсияи ҶТ муайян гардида, ӯ ҳамчун кафили Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд шиносоӣ шудааст. Президенти ҶТ барои ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлол ва тамомияти давлатӣ чораҳои зарурӣ меандешад, инчунин, фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатӣ ва риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистонро таъмин мекунад.

Мазмуни ин меъёри конститутсиониро таҳлил намуда, С.М. Сулаймонзода қайд мекунад, ки «мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии Президент маҷмуи муқарраротест, ки дар Конститутсия ва қонунгузорӣ мустаҳкам шудаанд ва тартиби амалигардонии фаъолияти Президентро муайян мекунанд, ки дар иҷрои вазифа ва салоҳияти ӯ ифода ёфтаанд» -[290, с. 28].

Дар асоси вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми интихоботи ӯ тартиботи махсус ва хеле мураккаб пешбинӣ шудааст, ки бо қонунгузории интихоботии кишвар ба таври муфассал танзим шудаанд. Риояи тартиботи пешбининамудаи қонунҳо кафолати муҳимтарини таъмини қонуният ва демократизми интихоботи анҷом додашуда, инчунин, суботи ҷомеа мебошад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста такмил меёбад. Ҳар як таҳрири нави Қонуни мазкур ба рафъи камбудиҳои дар ҷараёни маъракаи интихоботӣ ошкоршуда, таҳкими кафолатҳои таъмини баробарии мақоми номзадҳо, ноил шудан ба қонуният ва шаффофият дар тамоми марҳилаҳои раванди интихобот нигаронида шудааст [66, с. 200].

То имрӯз дар қонунгузории миллӣ таърифи меъёрии ин мафҳуми муҳимтарин мавҷуд надорад. Набудани як тарҳи ягонаи қонунгузорӣ боиси пайдоиши нуқтаҳои мухталиф гардид.

Омодагӣ ва гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дар раванди интихобот ифода меёбад, ки дар замон ва фазо сурат мегирад. Раванди интихоботӣ, ки падидаи мураккаби бисёрмарҳилавии воқеияти ҳуқуқӣ мебошад, дар қонунгузорӣ ба расмият дароварда шуда, дар амал, пеш аз ҳама, ҳамчун низоми пай дар пай якдигарро иваз намудани марҳилаҳо татбиқ мегардад, ки дар роҳ ба ҳадафи ниҳоии раванд – ташаккули мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ ва қонунӣ гардонидани онҳо функсия ва вазифаҳои мобайни (фосилави)-ро иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, марҳилаҳо бофтаи зиндаи раванди интихоботро ташкил медиҳанд.

Дар илми ҳуқуқӣ-конститутсионии муосир якчанд мафҳумҳои назариявӣ мавҷуданд, ки моҳият ва мазмуни раванди интихоботро шарҳ медиҳанд. Яке аз нуктаҳои назари маъмултарин ба равиши институтсионалӣ асос ёфтааст, ки тибқи он раванди интихобот тариқи ҷузъҳои сохтории он ва танзими меъёрӣ баррасӣ мешавад. Дар доираи ин таълимот, раванди интихобот ҳамчун низоми расмишуда маънидод карда мешавад, ки  пайдарпайии марҳилаҳо, расмиёти аз тариқи қонун тасдиқшудаи интихобот ва амалҳои мушаххаси субъектҳои ҳуқуқи интихоботро дар бар мегирад  [206, с. 52-54].

Аз нигоҳи равиши институтсионалӣ раванди интихобот на танҳо маҷмуи чорабиниҳоест, ки ба татбиқи ҳуқуқҳои фаъол ва пассивии интихобот нигаронида шудаанд, балки низоми аз рӯйи мантиқ муташаккили марҳилаҳое мебошад, ки ҳар кадоми онҳо дар таъмини қонуният ва хусусияти демократии интихобот нақши асосӣ мебозанд. Чунин марҳилаҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқие ташаккул меёбанд, ки тартиби гузаронидани интихобот, ҳуқуқ ва ухдадориҳои иштирокдорони онҳо, инчунин, механизмҳои назорат ва ҳалли баҳсҳои эҳтимолии интихоботро муқаррар мекунанд.

Бояд қайд кард, ки ҷузъи институтсионалии раванди интихобот якчанд ҷанбаҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад. Аввалан, ин танзими меъёрию ҳуқуқии расмиёти интихобот, аз ҷумла, меъёрҳои конститутсионӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ мебошад, ки тартиби омодагӣ ва

гузаронидани интихоботро танзим мекунанд. Дуюм, ин ҷузъи ташкилӣ, ки фаъолияти мақомоти интихоботӣ, таъмини шароити баробар барои номзадҳо ва интихобкунандагон, инчунин, механизмҳои назорати шаффофияти овоздиҳиро дар бар мегирад. Сеюм, ҷанбаи мурофиавӣ нақши муҳиммеро мебозад, ки пайдарпайии амалҳои интихоботро муайян мекунад, сар карда аз таъсиси ҳавзаҳои интихоботӣ ва ба қайд гирифтани номзадҳо то ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳӣ ва эълони расмии натиҷаҳо анҷом меёбад [76, с. 279].

Низомнокии муносибати институтсионалӣ имкон медиҳад тасдиқ кунем, ки раванди интихоботӣ якпорчаги (томият)-и муайяне дорад, ки дар он ҳар як марҳила таъиноти функсионалӣ ва асоснокии ҳуқуқии худро дорад. Ҳамин тавр, марҳалаи ибтидоии интихобот бо эълони маъракаи интихоботӣ ва тадбирҳои ташкилии гузаронидани он алоқаманд аст.

Ба расмият даровардани тартиботи интихобот шарти зарурии таъмини иштироки баробари шаҳрвандон дар интихобот, ҳимояи ҳуқуқ ба интихобот ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои эҳтимолӣ мебошад. Аммо дар таҷрибаи воқеии сиёсӣ самаранокии модели институтсионалии раванди интихоботӣ, бештар аз мустақилияти комиссияҳои интихоботӣ, сатҳи маърифати ҳуқуқии интихобкунандагон ва риояи принсипи волоияти қонун дар расмиёти интихоботӣ вобаста аст.

Ҳамин тариқ, муносибати институтсионалӣ ба раванди интихобот хусусияти меъёрию ҳуқуқии он, сохтор ва хусусияти ҳатмии риояи пайдарпайии муайяни амалҳоро таъкид мекунад. Ин консепсия ба мо имкон медиҳад, ки раванди интихоботро ҳамчун падидаи мукаммале таҳлил кунем, ки аз марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд иборат буда, ҳар яки онҳо вазифаҳои муайянро иҷро намуда, бо ин қонуният ва шаффофияти интихоботро дар давлати демократӣ таъмин менамояд.

Муносибати дуюм равиши фаъолиятӣ мебошад, ки дар доираи он раванди интихоботӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи марҳилаҳо ва расмиёти расмӣ, балки пеш аз ҳама, ҳамчун фаъолияти мушаххаси ҳуқуқӣ ва иҷтимоию сиёсии субъектҳои ҳуқуқи интихоботӣ баррасӣ мешавад [266, с. 18-23].

Моҳияти равиши фаъолиятӣ дар он ифода меёбад, ки раванди интихоботӣ ҳамчун низоми мураттабшудаи амалҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби субъектҳои он дар рафти интихобот иҷро карда мешавад. Ин низом марҳалаҳои аз ҷиҳати мантиқи пайдарпайро дар бар мегирад, ки бо ҳам алоқаманд буда, ба ноил шудан ба мақсади асосӣ — ташаккули мақомоти давлатӣ тавассути ифодаи демократии иродаи шаҳрвандон нигаронида шудааст. Дар ин маврид, муҳимтарин хусусияти ин раванд танзими меъёрии он мебошад, ки на танҳо чаҳорчӯбаи ҳуқуқии фаъолияти интихоботро муқаррар мекунад, балки мутобиқати онро ба принсипҳои демократӣ, аз қабили умумият, баробарӣ, ошкорбаёнӣ, рақобатпазирӣ ва баёни озоди ирода таъмин менамояд.

Хусусияти фарқкунандаи ин равиш таъкид ба таркиби субъективии раванди интихоботӣ мебошад. Бо дарназардошти равиши фаъолиятӣ, раванди интихоботро метавон ҳамчун ҳамкории бисёрсатҳаи субъектҳои гуногун тавсиф кард, ки ба ташкил ва гузаронидани интихобот дар шароити низоми демократӣ равона шудааст. Дар ин замина, принсипи муайянкунии пешакии ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад, ки мувофиқи он ҳар як марҳилаи раванд, аз эълони интихобот то ҷамъбасти натиҷаҳои он, пайдарҳамии муайяни амалҳоро ифода мекунад, ки татбиқи онҳо барои таъмини қонунияти интихобот зарур аст.

Муҳаққиқони тоҷик унсурҳои асосии сохтории раванди интихоботӣ дар доираи равиши фаъолиятӣ ба чунин намудҳо ҷудо намудаанд: «1. Раванди омодасозӣ, аз ҷумла, таъмини ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон, тадбирҳои ташкилӣ, ташаккули ҳавзаҳо ва комиссияҳои интихоботӣ, бақайдгирии интихобкунандагон (яъне шаҳрвандон). 2. Марҳилаи пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо, ки муқаррар намудани меъёрҳо ва тартиби иштирок дар интихоботро дар бар мегирад. 3. Марҳилаи маъракаи пешазинтихоботӣ, ки дар рафти он маъракаи интихоботии номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ гузаронида шуда, интихобот дар воситаҳои ахбори омма инъикос гардида, таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб менамояд. 4. Марҳилаи овоздиҳӣ, ки амали бевоситаи ифодаи иродаи шаҳрвандон мебошад. 5. Марҳилаи ҳисоб кардани овозҳо ва муайян кардани

натиҷаҳои интихобот, ки тартиби расмии ҷамъбасти натиҷаҳо ва қонунӣ гардонидани онҳоро дар бар мегирад» [66, с. 200].

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо як унсури алоҳидаи фаъолияти интихоботиро ифода мекунанд, лекин онҳо ба ҳам зич алоқаманданд ва як раванди ягонаро ташкил медиҳанд, ки ба татбиқи интихоботи демократӣ нигаронида шудаанд. Нуқтаи муҳим ин риояи шаффофият дар тамоми расмиёт мебошад, ки тавассути мавҷудияти механизмҳои мониторинги ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ, инчунин, расмиёти қонунии шикоят аз қонуншиканиҳои эҳтимолӣ ба даст оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, равиши фаъолиятӣ ба раванди интихоботӣ онро на танҳо пайдарпайии расмии марҳилаҳо, балки ҳамчун маҷмуи амалҳои мақсадноки тамоми субъектҳои раванди интихоботӣ низ медонад. Дар доираи ин равиш, диққати асосӣ ба гуногунии механизмҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ки қонунӣ будани интихоботро таъмин мекунанд, инчунин, ба аҳаммияти иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ташаккули мақомоти давлатӣ, ки асоси рушди демократии ҷомеа мебошад, дода шудааст.

Дар илми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ таълимоте вуҷуд дорад, ки тибқи он раванди интихоботӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун раванди ҳуқуқӣ, ки татбиқи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба интихоб ва интихоб шуданро таъмин менамояд, баррасӣ мешавад. Чунин муносибат ба он асос ёфтааст, ки интихобот на танҳо тартиби демократӣ, балки технологияи махсуси аз рӯйи қонун муқарраргардидаро ифода мекунад, ки тартиби ташкил ва гузаронидани маъракаҳои интихоботро расмӣ мегардонад. Дар ин замина, раванди интихоботӣ ҳамчун шакли махсуси ташкилию ҳуқуқии амалисозии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли интихоботӣ маънидод карда мешавад, ки бо меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ танзим карда мешавад [186, с. 152-160].

Аз нуқтаи назари ин консепсия раванди интихоботӣ ин пайдарпайии қатъии қонунии марҳилаҳоест, ки ба таъмини интихоботи одилона ва рақобатпазир нигаронида шудааст. Он вазифаи инфрасохтори технологии

интихобот, аз ҷумла, механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботӣ, тартиби ташкили овоздиҳӣ, инчунин, раванди шумридани овозҳо ва муайян кардани натиҷаҳои интихоботро иҷро мекунад.

Дар доираи ин таълимот раванди интихоботӣ аз унсурҳои асосии зерин иборат аст:

1. Асоси ҳуқуқии раванд ин маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки тартиби ташкили интихобот, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии интихоботӣ, инчунин, механизмҳои ҳалли ихтилофоти эҳтимолиро танзим мекунанд.

2. Инфрасохтори ташкилию технологӣ – ин низоми мақомоти давлатӣ, комиссияҳои интихоботӣ ва дигар субъектҳое мебошад, ки тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун гузаронидани интихоботро таъмин менамоянд.

3. Механизмҳои мурофиавӣ – пайдарпайии амалҳо ва расмиёти интихоботӣ, ки бо риояи қатъии қонун анҷом дода мешаванд, аз таъини интихобот сар карда, то эълони расмии натиҷаҳои онҳо анҷом меёбанд [75, с. 255-256].

Яке аз хусусиятҳои марказии раванди интихобот дар доираи ин равиш ин танзими қатъии он мебошад. Тамоми фаъолияти интихоботӣ бояд тибқи меъёрҳои муқарраршудаи ҳуқуқӣ сурат гирад, ки пешгӯйӣ, қонунӣ будан ва ҳифзи интихоботро аз тақаллуби эҳтимолӣ таъмин менамояд.

Хусусияти низомнокии раванди ҳуқуқии интихобот дар давра ба давра ташкил кардани он зоҳир мегардад. Дар доираи ин равиш, раванди интихоботро метавон ҳамчун пайдарпайии амалҳои ҳуқуқии ба ҳам алоқаманд муаррифӣ кард:

1. Таъин намудани интихобот ва таъмини ҳуқуқӣ – муайян кардани санаи интихобот, ташаккули ҳавзаҳои интихоботӣ ва комиссияҳои интихоботӣ, муқаррар намудани қоидаҳои овоздиҳӣ.

2. Пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо – тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, санҷиши мувофиқат ба талаботи қонун, қабули қарор дар бораи иҷозат ба интихобот.

3. Маъракаи пешазинтихоботӣ ва огоҳонидани интихобкунандагон - усулҳои қонунан расонидани иттилоот дар бораи номзадҳо ва барномаҳои онҳо ба интихобкунандагон, таъмини дастрасии баробар ба воситаҳои ахбори омма.

4. Овоздиҳӣ – аз ҷониби шаҳрвандон татбиқи ҳуқуқи фаъоли интихоботии худ тавассути иштирок дар интихобот, риояи принсипҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва озод.

5. Ҳисобкунии овозҳо, муқаррар ва нашри натиҷаҳои интихобот – тартиби қонунии муайян кардани натиҷаҳои овоздиҳӣ, тасдиқи расмии онҳо, инчунин, баррасии шикоятҳои эҳтимолӣ [166, с. 17].

Ҳамин тариқ, дар доираи ин муносибат раванди интихоботӣ ҳамчун технологияи мураккаби ҳуқуқӣ ба назар мерасад, ки ба татбиқи принсипи конститутсионии интихоботи даврии озод нигаронида шудааст. Хусусияти ҳуқуқии раванди интихоботӣ онро як қисми таркибии механизми конститутсионии соҳибихтиёрии халқ мегардонад, ки асоси ҳуқуқии фаъолияти давлати демократиро муайян мекунад.

Дар илми конститутсионӣ-ҳуқуқӣ мафҳуме вуҷуд дорад, ки тибқи он раванди интихобот ҳамчун низоми ҷудонашавандаи муносибатҳои ҳуқуқии ба ҳам вобаста ва муташаккил, ки бо пайдарпайии қатъии муқаррарнамудаи қонун ба вуҷуд меоянд, инкишоф меёбанд ва амалӣ мешаванд, баррасӣ мешавад. Дар робита ба ин С.Д. Князев чунин мешуморад, ки «бар хилофи равишҳои институтсионалӣ ва ё фаъолиятӣ, ки дар он бештар ба расмият ва субъектҳои раванди интихобот таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, равиши мурофиавӣ-ҳуқуқӣ онро ҳамчун сохтори ҳуқуқӣ муайян мекунад, ки маҷмуи расмиёти интихоботӣ ва муносибатҳои ҳуқуқиро муттаҳид мекунад, ки омодагӣ, ташкил ва гузаронидани интихоботро ба танзим медарорад» [206, с. 48-49].

Хусусияти асосии ин равиш дар он аст, ки раванди интихобот на танҳо ҳамчун пайдарпайии марҳилаҳо, балки ҳамчун низоми динамикии робитаҳои ҳуқуқии байни субъектҳои гуногуне, ки ваколатҳои худро дар доираи қонунгузории интихобот амалӣ мекунанд, шарҳ дода мешавад. Мурофиавӣ-ҳуқуқии раванди интихоботӣ хусусияти инкишофи танзимшавандаи онро

муайян намуда, тартиб ва механизмҳои татбиқи ҳуқуқҳои интихоботиро дар асоси принсипҳо муайян мекунад.

Низоми раванди интихоботӣ дар доираи равиши мурофиавӣ-ҳуқуқӣ бо нишондодҳои калидии зерин тавсиф мешавад:

1. Раванди интихоботӣ ин мунтазамӣ ва муташаккилӣ – низоми сохтории ҳуқуқӣ мебошад, ки аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст, ки бо пайдарпайии асоснокшудаи мантиқӣ амалӣ карда мешавад.

2. Мавҷудияти шакли мурофиавӣ – ҳама амалҳои интихоботӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим гардида, татбиқи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ сурат мегирад.

3. Хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ – раванди интихоботӣ ташаккул ва рушди муносибатҳои ҳуқуқиро байни субъектҳои он (комиссияҳои интихоботӣ, номзадҳо, интихобкунандагон, ҳизбҳои сиёсӣ, нозирон ва дигар иштирокдорон) пешбинӣ менамояд.

4. Динамизм ва хусусияти марҳилавӣ – раванди интихоботӣ бо пайдарҳамии муқарраршуда инкишоф ёфта, гузариш байни марҳалаҳои он ҳам бо иҷрои расмиёти дахлдор ва ҳам бо оқибатҳои ҳуқуқии марҳилаҳои қаблӣ, муайян карда мешавад [78, с. 362].

Дар заминаи равиши мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, раванди интихоботро на танҳо ҳамчун пайдарпайии технологии марҳилаҳо, балки ҳамчун низоми муайяни муносибатҳои интихоботӣ тасаввур кардан мумкин аст, ки он дар доираи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд. Чунин амал дар рафти интихобот табиати ҳуқуқӣ дошта, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад ва рушди минбаъдаи маъракаи интихоботиро пешакӣ муайян мекунад.

Сохтори раванди интихоботӣ, ки дар доираи равиши мурофиавӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад, марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Марҳилаи омодагӣ – аз таъини расмии интихобот оғоз шуда, ташаккули ҳавзаҳои интихоботӣ, таъсиси комиссияҳои интихоботӣ, таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки раванди интихоботиро танзим мекунанд,

дар бар мегирад. Дар ин марҳила, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии тамоми маъракаи интихоботӣ гузошта мешаванд.

2. Марҳилаи пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо – тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз ҷониби номзадҳо ва санҷиши мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда, баррасии шикоятҳо ва қабули қарор дар бораи роҳ додан ба иштирок дар интихоботро пешбинӣ мекунад.

3. Марҳилаи пешазинтихоботӣ – шаклу усулҳои пешбурди маъракаи пешазинтихоботиро танзим намуда, маҳдудиятҳои қонуниро вобаста ба маблағгузории маъракаи интихоботӣ, истифодаи воситаҳои ахбори омма, риояи принсипи баробарии номзадҳоро муқаррар менамояд.

4. Ҳисобкунии овозҳо - марҳилаи муҳим мебошад, дар раванди ташкили овоздиҳии умумӣ, паринсипи таъмини пинҳонӣ (махфият), (шаффофият), риояи ҳуқуқҳои интихобкунандагон.

5. Муайян намудани натиҷаҳои интихобот ва тасдиқи расмии онҳо - марҳилаи ниҳоӣ буда, коркарди протоколҳои интихоботӣ, санҷиши натиҷаҳои овоздиҳӣ, интишори расмии онҳо ва дар ҳолати зарурӣ баррасии арзу шикоятҳои эҳтимолии вобаста ба вайронкунии қонунро дар бар мегирад [275, с. 17].

Аз нуқтаи назари муносибати раванди интихобот асоси мурофиавӣ-ҳуқуқӣ дар он аст, ки он тавассути низоми муносибатҳои ҳуқуқие, ки қонунгузории интихобот танзим мекунад, амалӣ мегардад. Ҳамкории субъектҳои раванди интихоботӣ ба меъёрҳои дақиқ муқарраршуда асос ёфта, шаффофият, қонуният ва риояи принсипҳои демократии интихоботро кафолат медиҳанд.

Гузашта аз ин, раванди интихоботӣ, дар ин замина, ҳамчун механизме баррасӣ мешавад, ки на танҳо татбиқ, балки ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандонро низ таъмин менамояд. Дар ин ҷо низоми назорати ҳуқуқӣ аз болои риояи қонунгузорӣ, ниҳодҳои назорати ҷамъиятӣ, инчунин, механизмҳои мурофиавии ҳалли баҳсҳои интихоботӣ нақши муҳим доранд.

Ҳамин тариқ, муносибати мурофиавӣ-ҳуқуқӣ ба раванди интихобот имкон медиҳад, ки онро ҳамчун низоми мураккаби муносибатҳои ҳуқуқии интихоботӣ баррасӣ кунем, ки аз як тараф ташкили интихоботро таъмин намояд, аз тарафи дигар, шакли ҳуқуқии татбиқи принсипҳои демократии намояндагии халқ мебошад.

Таҳлили равишҳои мавҷудаи назариявӣ ва ҳуқуқии муайян намудани раванди интихоботӣ оид ба табиати мураккаб ва гуногунҷанбаи он дар низоми дастгоҳи категориали (маъкулави)-и ҳуқуқи конститутсионӣ ва интихоботӣ шаҳодат медиҳад. Сарфи назар аз мухолифати зоҳирии баъзе мафҳумҳо, онҳо мухолиф нестанд, балки якдигарро пурра мекунанд ва раванди интихоботро аз ҷанбаҳои мухталифи он ифода мекунанд.

Чунин гуногунии равишҳо бо он асоснок аст, ки ҳар кадоми онҳо ба унсурҳои алоҳидаи сохторӣ ва функсионалии раванди интихобот таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Бархе аз муҳаққиқон онро аз нуқтаи назари низоми институтсионалӣ баррасӣ намуда, хусусият ва марҳилаҳои меъёрию ҳуқуқии онро таъкид менамоянд. Дигарон ба ҷузъи фаъолиятӣ тамаркуз намуда, раванди интихоботиро ҳамчун шакли амалисозии ҳуқуқ ва ухдадориҳои иштирокдорони он таҳлил мекунанд. Гурӯҳи сеюми олимон инфрасохтори технологии онро таъкид намуда, равандро ҳамчун механизми аз ҷиҳати қонунӣ муқарраршудаи ташкил ва гузаронидани интихобот меомӯзанд. Ниҳоят, дар доираи равиши мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, раванди интихоботӣ ҳамчун низоми муносибатҳои ҳуқуқии интихоботии ба ҳам алоқаманд фаҳмида мешавад, ки бо пайдарпайии мантиқӣ инкишоф меёбанд.

Ба ҳар ҳол, ҳеҷ яке аз равишҳои дар боло зикршуда қодир нест, ки моҳияти раванди интихоботиро бо мураккабӣ ва гуногунрангии пурраи он комилан ошкор созад. Онҳо сатҳҳо ва марҳилаҳои гуногуни дониши илмии ин падидаро ифода мекунанд: аз таҳлили моҳияти амиқи он то омӯзиши шаклҳои берунаи зоҳир ва баръакс. Ҳама таълимотҳои назариявии пешниҳодшуда танҳо дар якҷоягӣ имкон медиҳанд, ки фаҳмиши ҳамаҷонибаи раванди интихоботиро ҳамчун падидаи бисёрҷанбаи ҳуқуқи конститутсионӣ ташаккул диҳем.

Ҳамин тариқ, омӯзиши раванди интихоботӣ муносибати ҳамгироӣ ва байнисоҳавиро талаб мекунад, ки ҷанбаҳои институтсионалӣ, фаъолиятӣ, технологӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқиро муттаҳид мекунад. Танҳо чунин таҳлили ҳамаҷониба имкон медиҳад, ки ин категорияро пурра дарк карда, аҳаммияти онро ҳамчун механизми татбиқи принсипҳои демократӣ, соҳибихтиёрии мардумӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон дар давлати ҳуқуқбунёд арзёбӣ кунем.

Ба андешаи мо, раванди интихоботӣ пайдарҳамии амалҳои бо қонун танзимшаванда ифода мекунад, ки ба омодагӣ, ташкил ва гузаронидани интихобот бо мақсади ташкили мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ ва мунитсипалӣ нигаронида шудааст. Он як навъи мушаххаси раванди ҳуқуқӣ буда, дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад, ки табиати ҳуқуқӣ ва мақсади вазифавии онро дар низоми идоракунии давлатӣ муайян мекунанд.

Хусусиятҳои зерини раванди интихоботиро метавон ҷудо кард:

1. **Самти ҳадаф.** Раванди интихоботӣ хусусияти қатъии вазифавӣ дорад, ки таъиноти асосии он таъмини тартиби демократии ташаккули мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ин замина, вай ҳамчун механизми амалӣ гардондани принсипи соҳибихтиёрии халқ хизмат мекунад ва идоракунии намояндагӣ ва қонунияти дастгоҳи давлатиро таъмин мекунад.

2. **Маҳдудият дар чаҳорчӯбаи вақт.** Раванди интихоботӣ як падидаи динамикии ҳуқуқӣ буда, ҳудуди муайяни дақиқи вақт дорад, ки ба давраи маъракаи интихоботӣ рост меояд. Дар ташкили интихобот омили вақт нақши ҳалкунанда дорад, зеро ҳар як марҳилаи раванди интихоботӣ дар вақти муайян-намудаи қонунгузорӣ гузаронида шуда, – муайян намудани натиҷаҳои интихобот мебошад, ки бояд ба принсипи саривақт таъсис додани мақомоти давлатӣ мувофиқ бошад.

3. **Нақши ташкилию назоратии комиссияҳои интихоботӣ**. Фаъолияти субъектҳои раванди интихоботӣ дар шароити роҳбарӣ ва назорати мақомоти махсуси давлатӣ - комиссияҳои интихоботӣ ба амал бароварда мешавад. Ин сохторҳо дорои мақоми мустақили ҳуқуқӣ буда, вазифаҳои ташкили интихобот,

таъмини шаффофияти онҳо, назорати риояи қонунгузории интихобот, инчунин, ҳалли баҳсу қонуншиканиҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ доранд, ки беғаразӣ ва воқеияти раванди интихоботро кафолат медиҳанд.

4. **Танзими меъёрҳои ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ, санадҳои зерқонунӣ).** Тартиби ташкил ва гузаронидани интихобот бо меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди (Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва ғ.) танзим карда мешавад, ба андозае ки онҳо тартиби ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон ва фаъолияти субъектҳои раванди интихоботиро муайян мекунанд. Ба ин гуна санадҳо на танҳо қонунҳо, балки низомномаҳо, дастуру тавзеҳотҳои комиссияҳои интихоботӣ дохил мешаванд, ки механизмҳои муфассали тартибии тайёрӣ ва гузаронидани интихоботро муқаррар мекунанд.

5. **Сохтори марҳилавӣ ва раванди нави мурофиавӣ.** Раванди интихоботӣ ин пайдарпайии мураккаби амалҳоест, ки ба марҳилаҳои муайян гурӯҳбандӣ шудааст, ва ҳар яки онҳо маҷмуи расмиёти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ин марҳилаҳо таъини интихобот, бақайдгирии номзадҳо, гузаронидани таблиғоти интихоботӣ, овоздиҳӣ, ҳисобкунии овозҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳои интихоботиро дар бар мегиранд. Танзими ҳамаи ин расмиёт, қонунӣ будан ва пешгӯйии раванди интихоботиро таъмин мекунад.

6. **Бақайдгирии ҳуқуқии натиҷаҳо дар ҳамаи марҳилаҳо.** Яке аз хусусиятҳои асосии раванди интихоботӣ ин бақайдгирии ҳуҷҷатии он мебошад, ки дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти муваққатӣ ва ниҳоӣ ифода меёбад. Ҳар як марҳилаи раванди интихоботӣ бо ҳуҷҷатҳои расмии ҳуқуқӣ, ки қонунӣ будани гузаронидани онро тасдиқ мекунанд, сафарбар карда мешавад. Ба чунин ҳуҷҷатҳо протоколҳои комиссияҳои интихоботӣ, қарорҳо дар бораи бақайдгирии номзадҳо, ҳисоботи ниҳоӣ дар бораи натиҷаҳои овоздиҳӣ ва дигар санадҳое, ки субъектҳои раванди интихобот дар доираи салоҳияти худ қабул кардаанд, дохил мешаванд [87, с. 171].

Ҳамин тариқ, раванди интихоботӣ шакли сохторӣ ва ҳуқуқии ташкили интихоботро ифода мекунад, ки таъиноти ҳадафии дақиқ, маҳдудият дар вақт,

сохторе, ки аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ назорат карда мешавад ва меъёру тартиботи қатъии танзимшавандаро дорад. Он муҳимтарин унсури низоми демократӣ буда, на танҳо баргузории интихоботро таъмин мекунад, балки дар ташаккули суботи сиёсӣ, таъмини волоияти қонун ва қонунигардонии мақомоти давлатӣ дар давлат нақши калидӣ дорад.

Илова бар ин, раванди интихобот як низоми муттасил ва ба ҳам алоқаманди марҳалаҳоро ифода мекунад, ки ҳар кадоми онҳо аҳаммияти мустақили ҳуқуқӣ дошта, дар ташкил ва гузаронидани интихобот нақши калидӣ доранд. Ҳар як марҳила бо тартиби муқаррарнамудаи қонун, дар мӯҳлатҳои муайян ва бо иштироки доираи қатъии танзимшавандаи субъектҳо амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосии ин марҳалаҳо таъмини интихоботи демократӣ ва қонунии шахсони мансабдори интихобӣ ва намояндагони мақомоти қонунгузор мебошад.

Дар асоси таҳлили қонунгузории интихоботии кишвар хусусиятҳои зерини марҳилаҳои раванди интихоботиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Таъиноти функсионалӣ.** Ҳар як марҳилаи раванди интихоботӣ вазифаи қатъии муайяншударо иҷро мекунад, ки ҳадафаш пайваста наздик шудан ба натиҷаи ниҳоӣ – интихоботи номзадҳо мебошад. Аҳаммияти вазифавии марҳила аз таъиноти он дар доираи тартиби умумии интихоботӣ иборат аст: аз тайёрии ташкилии интихобот то ҷамъбасти натиҷаҳои он.

2. **Танзими дақиқи мӯҳлатҳо.** Ҳама марҳилаҳои раванди интихоботӣ бо мӯҳлатҳои қатъии муваққатан, ки аз ҷониби қонунгузории интихоботӣ муқаррар шудаанд, маҳдуд карда мешаванд. Маҳдудиятҳо дар вақт аҳаммияти калидӣ доранд, зеро сари вақт татбиқи расмиёти интихоботӣ ба қонунӣ будани интихобот ва мутобиқати он ба меъёрҳои демократӣ таъсир мерасонад. Вайрон кардани мӯҳлатҳо метавонад боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, беэътибор донистани интихобот гардад.

3. **Таркиби муайяни субъектӣ.** Дар ҳар як марҳилаи раванди интихоботӣ доираи муайяни субъектҳои дорои ваколатҳои дахлдор амал мекунанд. Ба сифати субъектҳо; комиссияҳо, номзадҳо, интихобкунандагон, нозирон,

воситаҳои ахбори омма ва дигар ташкилотҳое дохил мешаванд, ки ҳуқуқи иштирок дар интихоботро доранд. Ба ҳар як субъект ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяне дода мешавад, ки аз ҷониби қонун танзим мешаванд.

4. **Маҷмуи расмиёти интихоботӣ ва амалҳо.** Ҳар як марҳила амалҳои мушаххаси интихоботиро дар бар мегирад, ки бо пайдарпайии муқаррарнамудаи қонун амалӣ карда мешаванд. Дар якҷоягӣ ин тартибҳо қонуният, шаффофият ва хусусияти демократии раванди интихоботиро таъмин мекунанд. Тартиби интихоботӣ бақайдгирии номзадҳо, таблиғоти интихоботӣ, овоздиҳӣ, ҳисобкунии овозҳо ва тасдиқи натиҷаҳои интихоботиро дар бар мегирад.

5. **Мустаҳкам намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳо.** Дар ҳар як марҳилаи раванди интихоботӣ ба субъектҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян дода мешаванд, ки ба онҳо имкон медиҳанд дар интихобот тибқи меъёрҳои муқарраршуда иштирок намоянд. Масалан, дар марҳилаи пешазинтихоботӣ номзадҳо ҳуқуқи пешбурди тарғиботро доранд ва комиссияҳои интихоботӣ вазифадоранд, ки мувофиқати онро ба қонунгузорӣ назорат кунанд.

6. **Ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо.** Натиҷаҳои ҳар як марҳилаи раванди интихоботӣ дар шакли ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки қарорҳои асосӣ ва натиҷаҳои расмиёти интихоботиро муайян мекунанд, ба расмият дароварда мешаванд. Ба чунин ҳуҷҷатҳо қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ, протоколҳои овоздиҳӣ, санадҳои бақайдгирии номзадҳо, қарорҳои суд оид ба баҳсҳои интихоботӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки дар рафти интихобот бароварда шудаанд, дохил мешаванд [207, с. 24-26].

Раванди интихоботӣ аз марҳилаҳои пайдарпай иборат мебошад, ки ҳар кадоми онҳо дар ташаккули мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ вазифаи муҳимро иҷро мекунанд. Тартиби аниқ муайяншудаи татбиқи онҳо, қатъӣ ба тартиб андохтани муҳлат, иштироки субъектҳои махсусгардонидашуда, қайди қонунии амалҳои интихоботӣ ва риояи ҳатмии меъёрҳои интихоботӣ, қонунӣ будани интихобот ва мувофиқат ба принсипҳои демократии онро таъмин менамояд.

Унсурҳои сохтории он – амалҳои интихоботӣ ва расмиёти интихоботӣ – асоси ҳар як марҳилаи раванди интихоботиро ташкил дода, пайвастагӣ ва асоснокии ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои интихоботиро таъмин мекунанд.

Амалҳои интихоботӣ амалҳои ибтидоӣ, марҳила ба марҳила амалӣ намудани ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли интихоботиро аз ҷониби субъектҳои раванди интихобот ифода мекунанд. Онҳо ба амалӣ гардондани ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки қонун муқаррар кардааст, ба марҳалаҳои гуногуни маъракаи интихоботӣ нигаронида шудаанд. Ин амалҳоро интихобкунандагон, мақомоти давлатӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иштирокдорони раванди интихобот анҷом медиҳанд.

Тартиби (расмиёти) интихоботӣ маҷмуи амалҳои пайдарпай ва аз ҷиҳати қонун танзимшавандаро ифода мекунад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххаси раванди интихоботӣ нигаронида шудаанд. Онҳо тартиби меъёрии муқарраршудаи иҷрои тамоми тадбирҳои интихоботиро, аз ҷумла, қабули қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ ва ба расмият даровардани натиҷаҳои интихоботиро муайян мекунанд.

Ҳарду гурӯҳ бо ҳам зич алоқаманданд: амалҳои интихоботӣ асоси расмиётро ташкил медиҳанд ва расмиёт шакли ҳуқуқии татбиқи онҳоро муайян мекунад. Онҳо якҷоя қонуният ва қонунӣ будани раванди интихоботиро дар тамоми марҳилаҳои он таъмин мекунанд.

Раванди интихоботӣ дар маҳдудиятҳои қатъиян муқаррарнамудаи вақт, ки қонун муайян кардааст, сурат мегирад. Нишондодҳои муваққатии гузаронидани интихобот вақти интихоботиро ифода мекунанд, ки ҳамзамон, хусусияти сиёсию ҳуқуқӣ дорад. Он якчанд вазифаҳои асосиро иҷро мекунад:

• **Аҳаммияти ҳуқуқӣ** – лаҳзаҳои ба вуҷуд омадан, тағйир додан ва қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии интихоботиро муайян менамояд, далели ҳуқуқие мебошад, ки ба эътибори расмиёти интихоботӣ таъсир мерасонад.

• **Аҳаммияти сиёсӣ** – ҳамчун воситаи банақшагирии стратегии маъракаҳои пешазинтихоботӣ баромад карда, ба фаъолияти интихоботӣ таъсир

мерасонад, инчунин, шароити муборизаи рақобатии байни номзадҳо ва ҳизбҳоро ташкил медиҳад [76, с. 298-299].

Комиссияҳои интихоботӣ барои риоя намудани мухлатҳои интихоботӣ, нақшаи тақвими тайёрӣ ва гузаронидани интихоботро тартиб дода, онро тасдиқ мекунанд. Ҳуҷҷати мазкур санади ҳуқуқӣ буда, мухлатҳои маҳдуди мушаххаси татбиқи тамоми амалҳо ва расмиёти интихоботиро муайян намуда, рушди босуръати раванди интихоботро кафолат медиҳад.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ раванди интихобот ба марҳилаҳои асосӣ ва иловагӣ тақсим мешавад, ки ҳар кадоми онҳо дар ташкил ва гузаронидани интихобот нақши муайян доранд.

Марҳилаҳои асосӣ иборатанд аз:

1. Таъин намудани интихобот – аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ва ё мансабдори давлатӣ расман қабул намудани қарор дар бораи гузаронидани интихобот ва муқаррар намудани рӯзи овоздиҳӣ.

2. Ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ ва участкаҳои интихоботӣ – тақсимоти ҳудудие, ки барои ташкили раванди интихоботӣ ва овоздиҳӣ заруранд.

3. Тартиб додани рӯйхатҳои интихобкунандагон – ташаккули феҳристи расмии шаҳрвандони дорои ҳуқуқи овоздиҳии фаъол.

4. Пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо – раванди пешниҳоди аризаҳо, ҷамъоварии имзоҳо, санҷиши мувофиқати номзадҳо ба талаботи қонун ва қабули қарор дар бораи иҷозат ба интихобот.

5. Дастрасии иттилоотии интихобот ва таблиғи пешазинтихоботӣ – таъмини дастрасии озоди интихобкунандагон ба иттилоот, гузаронидани чорабиниҳои таблиғотии номзадҳо ва ҳизбҳо ва ғ.

6. Овоздиҳӣ, муайян кардани натиҷаҳо ва нашри натиҷаҳо – тартиби изҳори бевоситаи иродаи шаҳрвандон, ҳисоб кардани овозҳо, муқаррар намудани натиҷаҳои интихобот ва интишори расмии онҳо.

Агар ҳолатҳои муайян ба миён оянд, раванди интихоботӣ метавонад марҳилаҳои иловагиро дар бар гирад, аз ҷумла:

• Овоздиҳии такрорӣ дар сурате гузаронида мешавад, ки агар аз рӯйи натиҷаҳои даври аввал ягон номзад аксарияти овозҳои муқаррарнамудаи қонунро нагирифта бошад.

• Интихоботи такрорӣ – дар сурати беэътибор донистани интихобот ё баргузорнашуда ташкил карда мешавад [87, с. 35-41], [66, с. 25-32].

Сохтори марҳилавии раванди интихобот на танҳо пайдарпайии мантиқии чорабиниҳои интихоботӣ, балки тартиботи ҳуқуқии онҳоро низ таъмин мекунад. Мақсади асосии чунин тафовутгузорӣ ин таъсис додани низоми возеҳи ҳуқуқие мебошад, ки хусусияти демократии интихобот ва мувофиқати онҳоро ба меъёрҳои муқарраргардида кафолат медиҳад.

Дар ташкили раванди интихобот ба ҷуз ҷанбаи меъёрӣ, ҷузъи технологӣ нақши муҳим дорад. Татбиқи расмиёти интихоботӣ бидуни механизмҳои ёрирасони зерин ғайриимкон аст:

• Маблағгузории интихобот – саривақт ва кофӣ ҷудо намудани маблағҳо барои баргузории чорабиниҳои интихоботӣ.

• Назорати ҳуқуқӣ ва ҳалли баҳсҳои интихоботӣ – мавҷудияти механизмҳои муассири ҳалли судӣ ва маъмурии баҳсҳои эҳтимолии марбут ба интихобот.

• Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории интихоботӣ нисбат ба шахсоне, ки амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанду ба натиҷаи интихобот таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, раванди интихоботӣ дорои сохтори дақиқи муайян ва марҳилаҳои аз ҷиҳати вазифавӣ фарқкунанда буда, низоми мураккаби ҳуқуқиро ташаккул медиҳад, ки ба таъмини қонунӣ будани интихобот нигаронида шудааст. Робитаи мутақобилаи марҳилаҳои асосӣ ва иловагӣ, инчунин, таъмини мурофиавӣ, ҳуқуқӣ ва технологии онҳо имкон медиҳад, ки шаффофият, демократӣ будан ва ногузирии қонунии расмиёти интихоботиро кафолат диҳем.

Таҳлили қонунгузории ҶТ имкон медиҳад, ки якчанд марҳилаҳои асосии раванди интихоботро оид ба интихоботи президенти ҶТ қайд карда шаванд, ки ҳар яки онҳо барои тадриҷан татбиқи принсипҳои демократӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои

интихоботии шаҳрвандон нигаронида шудаанд. Дар зер тавсифи мухтасари онҳо бо таваҷҷуҳ ба танзими ҳуқуқӣ ва мушаххасоти татбиқи онҳо оварда шудааст [3].

**1. Таъин намудани интихобот.** Ин марҳила марҳилаи ибтидоӣ ва ҳатмии ҳама гуна раванди интихоботӣ мебошад, зеро маҳз, дар ҳамин марҳила, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ё шахси мансабдор оид ба санаи овоздиҳии дарпешистода қарор қабул мекунад. Дар ҳақиқат, он чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва ташкилии маъракаи ояндаи интихоботиро сабт мекунад, муҳлат ва тартиби гузарондани расмиёти минбаъдаро муайян мекунад. Муқаррароти дахлдори санадҳои қонунгузории ҶТ механизми мушаххаси таъини интихоботро муқаррар намуда, доираи субъектҳоеро, ки ҳуқуқи эълони интихоботро доранд, танзим намуда, инчунин, шартҳои эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори мазкурро муқаррар менамояд.

Қарор дар бораи таъини рӯзи интихоботи президентӣ далели асосии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки маҷмуи марҳилаҳои минбаъдаи интихоботӣ, аз ҷумла, пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо, гузаронидани маъракаи пешазинтихоботӣ, ташкили овоздиҳӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳоро ба роҳ мемонад. Инчунин, дар арсаи ҳуқуқӣ муқаррар намудани санаи интихоботи президентӣ шарти зарурии қонунӣ будани тамоми расмиёт мебошад. Марҳилаи таъини интихоботи президент маҳдудиятҳои муҳлатиро муайян мекунад, ки дар доираи он бояд тамоми амалҳои минбаъдаи интихоботӣ анҷом дода шаванд. Ин ҳам ба тадбирҳои ташкилию техникӣ (ташкили комиссияҳои интихоботӣ, омодасозии ҳавзаҳои интихоботӣ ва участкаҳои интихоботӣ, тартиб додани рӯйхатҳои интихобкунандагон) ва ҳам ба танзими ҳуқуқии маъракаи пешазинтихоботӣ ва маблағгузории маъракаҳо дахл дорад.

Унсурҳои асосии ин марҳила инҳоянд:

- **Қабули қарор дар бораи рӯзи интихобот**. Дар ин марҳила, мақомоти дахлдори давлатӣ (масалан, парлумон ва ё дигар ниҳоди ваколатдор) санаи овоздиҳиро расман тасдиқ мекунад.

– **Интишор (ифшо)-и қарор.** Таъини интихоботи президентӣ бояд ба ҳамаи иштирокдорони раванди интихоботӣ, аз ҷумла, шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои эҳтимолӣ ва ғайра расонида шавад. Ин, одатан, тавассути интишори расмии санади таъини интихобот дар ВАО-и давлатӣ ё дигар манбаъҳои расмӣ сурат мегирад.

– **Муайян кардани давраи ибтидоии маърака.** Аз лаҳзаи интишори қарор дар бораи таъини интихоботи президент давраи тақвимии интихобот оғоз мешавад, ки дар он тамоми марҳилаҳои маъракаи интихоботӣ гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, муҳлати пешбарӣ ва ба қайд гирифтани номзадҳо, гузарондани маъракаи пешазинтихоботӣ, инчунин, расмиёти имконпазири иловагӣ (овоздиҳии такрорӣ ва ғайра) муқаррар мешаванд.

Дар доираи тартиби таъини интихобот ду ҷанбаи асосиро шартан ҷудо кардан мумкин аст: доираи шахсони ваколатдор ва маҳдудиятҳои муваққатан, ки дар доираи онҳо қарори дахлдор бояд қабул карда шавад.

Муҳлати қабули қарор дар бораи таъини интихоботро қонунгузории ҷорӣ муқаррар мекунад. Дар баробари ин, қонунгузор танзими тафриқавии муҳлатҳои таъини интихоботи навбатӣ ва пеш аз муҳлатро пешбинӣ кардааст. Ҳамин тавр, қарор дар бораи гузарондани интихоботи навбатӣ бояд дар марҳилаи то ба охир расидани муҳлати ваколати мақомоти амалкунанда ё вакил қабул карда шавад, ки он маҳдудияти муваққатии ақалли мувофиқ барои қабули чунин карорро муайян мекунад [3].

Интихоботи Президенти ҶТ дар қонунгузорӣ муайян шудааст, ки, қарор аз ҷониби ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони МО ҶТ сурат гирифта, дар давоми на дертар аз ду моҳ пеш аз ба охир расидани муҳлати ваколати сардори давлат сурат мегирад. Ин тартиб омодагии саривақтӣ ба маъракаи интихоботро таъмин намуда, устувории механизми иваз кардани мақомоти олиро кафолат медиҳад.

Меъёрҳои конститутсионӣ ва интихоботии ҶТ интишори ҳатмӣ ва расмии қарор дар бораи таъини интихоботро дар воситаҳои ахбори омма пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид, интишор бояд на дертар аз се рӯз аз рӯзи қабули

санади дахлдор анҷом дода шавад ва ин масъулият ба дӯши ҳамон мақомоти давлатӣ ё шахси мансабдоре вогузор карда мешавад, ки қарорро мебарорад [3].

Махсусан қайд кардан зарур аст, ки қонунгузорӣ ба мақомоти ваколатдор ё мансабдор вазифа мегузорад, ки танҳо дар бораи таъини интихобот саривақт - дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун қарор қабул намояд. Пас аз эътибор пайдо кардани ин қарор, бекор кардан ё тағйир додани муқаррароти он иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои қатъӣ муайяншуда, ба монанди ҷорӣ кардани вазъияти фавқулода ё вазъияти ҳарбӣ. Бо ин принсипи ҳатмии гузаронидани интихобот кафолат дода мешавад, имкони худсарона бекор кардани қарори қаблан қабулшуда дар бораи таъини маъракаи интихоботиро аз байн мебарад [306].

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми таъин намудани санаи интихоботи нав на санаи интихоботи гузашта ва на ҷамъбасти натиҷаҳои интихобот, балки рӯзи ба кор даромадани шахси мансабдори интихобшуда ба назар гирифта мешавад. Масалан, президенти ҶТ тибқи моддаи 67 Конститутсияи ҶТ аз лаҳзаи савганд ёд кардан дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба вазифаи худ шуруъ мекунад [87, с. 35-41], [66, с. 25-32].

Ҳамин тариқ, марҳилаи таъини интихоботи Президенти ҶТ, дар ташаккули механизми қонунӣ ва демократии ивази мақомоти олии давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Он маҳдудиятҳои қонунӣ ва муҳлатии тамоми маъракаи интихоботиро муқаррар намуда, ҳам қонунӣ будани расмиёти интихобот ва ҳам шаффофияти ташкили онҳоро таъмин менамояд. Риояи принсипҳо ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун дар ин марҳала, омили асосии кафолати дурусти минбаъдаи гузаронидани интихобот ва эътирофи натиҷаҳои он аз ҷониби ҳамаи иштирокдорони раванди интихобот хидмат мекунад.

**2. Ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ.** Дар ин марҳила ҳудуде ташаккул дода мешавад, ки интихобкунандагон дар доираи он ҳуқуқи фаъоли интихоботии худро татбиқ мекунанд. Ташкили ҳавза ва участкаҳои интихоботӣ тибқи қонунгузории интихобот сурат мегирад, ки меъёрҳои ташкили ҳавзаҳо (шумораи интихобкунандагон, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва ғ.)-ро танзим мекунад.

Илова бар ин, сарҳади участкаҳои интихоботӣ муайян карда мешаванд, ки ин мусоид будани овоздиҳӣ ва дурустии ҳисобкунии овозҳоро таъмин менамояд.

Ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ яке аз расмиёти калидӣ мебошад, ки баробарии ҳуқуқи интихоботӣ ва мувофиқати интихобот ба меъёрҳои байналмилалии демократияро таъмин мекунад, аз ҷумла, дар моддаи 3 Конвенсия дар бораи стандартҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ дар кишварҳои узви ИДМ (Кишинёв, 7 октябри соли 2002) пешбинишударо муайян намудааст.

Қонунгузории ҶТ дар бораи ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ тартиберо муқаррар мекунад, ки барои муайян кардани воҳидҳои ҳудудие, ки аз онҳо вакилон ва ё шахсони мансабдори интихобшаванда интихоб мешаванд, имкон медиҳад, инчунин, сарҳадеро муқаррар мекунад, ки дар ҳудуди он овоздиҳӣ гузаронида мешавад [3].

Ҳавзаи интихоботӣ ҳамчун қаламраве фаҳмида мешавад, ки интихобкунандагон бевосита аз он шахси мансабдоро интихоб мекунанд. Асоси ташкили ин гуна ҳавзаҳо принсипи ҳудудӣ мебошад, ки он аз рӯйи ҳавзаҳо тақсим кардани интихобкунандагонро аз рӯйи ҷойи истиқомати доимӣ ё асосиашон дар назар дорад. Ин принсип ба амалӣ гардидани ҳуқуқи интихоботии умумӣ ва баробар мусоидат мекунад, зеро вай дар интихобот иштироки баробари ҳамаи шаҳрвандонро таъмин мекунад.

Тартиби ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ аз мақомоти давлатӣ, ки бо роҳи интихобот ташаккул меёбад, вобаста аст. Ҳамин тавр, барои интихоботи Президенти ҶТ тамоми қаламрави кишвар ба ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихоботӣ табдил меёбад [87, с. 35-41], [66, с. 25-32].

Участкаҳои интихоботӣ воҳидҳои асосӣ дар доираи ҳавзаҳои интихоботӣ мебошанд, ки бақайдгирии интихобкунандагон, ташкили овоздиҳӣ ва ҳисобкунии овозҳоро таъмин мекунанд.

Дар ҳар як участкаи интихоботӣ комиссияи участкавии интихоботӣ фаъолият мебарад, ки вазифаи асосии он бевосита гузарондани тартиби овоздиҳӣ ва ба ҳисоб гирифтани пешакии бюллетенҳо мебошад. Раванди

ташаккули участкаҳои интихоботӣ аз ҷониби комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ ташкил карда мешаванд, ки дар асоси пешниҳодҳои аз роҳбарони шаҳру ноҳияҳо расида, қарор қабул мекунанд. Онҳо дар навбати худ вазифадоранд, ки барои гузаронидани интихобот биноҳои мувофиқро ройгон муҳайё созанд [3].

3. **Тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон.** Асоси ба амал баровардани ҳуқуқҳои фаъоли интихоботии шаҳрвандон рӯйхати интихобкунандагон мебошад, ки дар он маълумот дар бораи шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар интихобот доранд, ҷойгир шудаанд. Ин марҳила ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маълумоте, ки аз мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва дигар муассисаҳои салоҳиятдор гирифта шудааст, дар бар мегирад. Комиссияҳои участкавии интихоботӣ маълумоти расидаро ҷамъбаст намуда, рӯйхати пурра ва навтарини интихобкунандагонро барои ҳар як участкаи интихоботӣ тартиб медиҳанд. Муҳим будани ин марҳила дар зарурати дуруст ва саривақт ба рӯйхати дахлдор дохил намудани ҳамаи шаҳрвандоне мебошад, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доштаву кафолати ҳуқуқи иштирок дар интихобот доранд.

Мутобиқи қонунгузории интихоботи ҶТ бо мақсади фароҳам овардани кафолатҳои воқеии амалӣ намудани ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон, ба рӯйхати интихобкунандагон дохил намудани шаҳрвандон муқаррар карда шудааст.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ ду усули асосии бақайдгирии интихобкунандагон истифода мешаванд: ҳатмӣ ва ихтиёрӣ.

• Бақайдгирии ҳатмӣ маънои онро дорад, ки давлат тавассути мақомоти ваколатдор мустақилона баҳисобгирии шаҳрвандонеро, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, пеш мебарад. Ба ин мақсад, дар кишвар қоидаҳое амал мекунанд, ки аз ҷойи истиқомат ба қайд гирифтанро пешбинӣ мекунанд ва мақомоти дахлдор дар бораи шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд, маълумот доранд.

• Бақайдгирии ихтиёрӣ муроҷиати мустақилонаи шаҳрвандонро ба муассисаи махсуси ваколатдор барои дохил шудан ба рӯйхати интихобкунандагон пешбинӣ менамояд.

Дар ҶТ бақайдгирии ҳатмӣ татбиқ карда мешавад. Қонунгузории ҷумҳурӣ тартиб додани рӯйхати интихобкунандагон ва татбиқи дигар расмиёти интихоботиро дар асоси ба қайд гирифтани шахсоне, ки дар ҳудуди дахлдор истиқомат мекунанд ва ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, муқаррар менамояд. Моҳияти ин тартиб аз ворид намудани маълумоти шахсӣ дар бораи интихобкунандагон ба феҳристи шакли муқарраршуда иборат аст, ки имкон медиҳад шумораи умумии интихобкунандагон дар ҳудуди мушаххас муайян гардида, ба ҳамин тариқ, ҳангоми тартиб додани рӯйхатҳо ҳаммонандсозии инфиродии онҳо таъмин карда шавад.

Масъулият барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии интихобкунандагон ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта мешавад. Дар асоси маълумоте, ки онҳо ба комиссияҳои участкавии интихоботӣ медиҳанд, рӯйхати интихобкунандагон барои ҳар як участкаи интихоботӣ тартиб дода мешавад, ки ин барои ба амал баровардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар бобати иштирок намудан дар интихобот кафолат медиҳад.

Ҳангоми гузаронидани ҳама гуна интихобот дар ҶТ барои ба рӯйхати интихобкунандагон дохил намудани шаҳрвандон қоидаҳои ягона татбиқ мешаванд:

1. **Маҳдудияти синнусолӣ**: шаҳрванд бояд то рӯзи интихобот 18-сола бошад.

2. **Меъёри истиқомат:** ҳангоми тартиб додани рӯйхат интихобкунанда бояд доимӣ ё муваққатан дар ҳудуди участкаи муайяни интихоботӣ истиқомат кунад.

3. **Бақайдгирии ягона:** шаҳрванд метавонад танҳо ба як рӯйхат дохил карда шавад – дар ҷойи истиқомат.

4. **Ислоҳи камбудиҳо**: агар интихобкунандае, ки дар ҳудуди участкаи муайян доимӣ истиқомат мекунад, бо ягон сабаб ба рӯйхат дохил карда нашуда бошад, вай метавонад бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, бо қарори комиссияи участкавии интихобот ба рӯйхат дохил карда шавад.

Рӯйхати интихобкунандагон, одатан аз рӯйи тартиби алифбо ё бо усули дигаре, ки барои ташкили овоздиҳӣ мувофиқ аст, ташкил карда мешавад. Дар баробари ин, ҳар як намуди мушаххаси интихобот метавонад нозукиҳои инфиродӣ ё талаботи иловагиро барои тартиб додани чунин рӯйхатҳо пешбинӣ намояд, аммо дар маҷмуъ, принсипҳои асосӣ барои ҳамаи маъракаҳои интихоботӣ дар доираи низоми қонунгузории миллӣ бетағйир боқӣ мемонанд.

4. **Пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо.** Пешбарии номзадҳо нуқтаи ибтидоии татбиқи ҳуқуқҳои пассивии интихоботӣ мебошад. Шаҳрванд, ки ба меъёрҳои муқаррарнамудаи қонун мувофиқат мекунад, нияти худро барои пешбарӣ шудан ба интихобот изҳор менамояд, ки он бо тартиби пешбарӣ ба расмият дароварда мешавад. Дар ҳавзаҳои мажоритарӣ ба ҳайси номзад як шахси мушаххас баромад мекунад, дар низомҳои мутаносиб бошад, ба сифати рӯйхатҳои интихоботӣ, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ташкил карда мешаванд.

Бақайдгирии номзадҳо аз ҷониби комиссияҳои интихоботӣ анҷом дода мешаванд, ки мувофиқати номзадҳоро ба тамоми талаботи қонунгузории интихоботӣ тафтиш мекунанд.

Тартиби пешбарӣ ва ба қайд гирифтани номзадҳо аз рӯйи вақт мувофиқ намеоянд. Аввалан, шаҳрванд бояд расман номзад пешбарӣ шавад ва танҳо пас аз он метавонад барои сабти ном муроҷиат кунад. Ҳамин тавр, татбиқи ҳуқуқи пассивии интихоботӣ, ки дар қонун муқаррар карда шудааст, аслан, аз лаҳзаи пешбарӣ шудани номзад сар мешавад. Пешбарии номзадҳо аз ҷониби номзад изҳори расмии хоҳиши иштирок дар интихоботро дар бар мегирад.

Мутобиқи қонунгузории интихоботии ҶТ худпешбарӣ кардани номзадҳо ба мансаби президентӣ пешбинӣ нашудааст.

Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» пешбинӣ мекунад, ки «субъектҳое, ки номзад ба вазифаи Президенти ҶТ

пешбарӣ кардаанд, ҳуқуқ доранд қарори худро дар бораи пешбарии номзадҳо ба вазифаи Президенти ҶТ дар ҳар лаҳза то интихобот бекор кунанд. Чунин қарор аз рӯйи тартибе, ки барои пешбарии номзадҳо муқаррар шудааст, қабул карда мешавад. Инчунин, номзад ба мансаби Президенти ҶТ метавонад ҳар вақт бо пешниҳоди ариза ба Комиссияи марказии интихоботӣ ва раъйпурсӣ номзадии худро бозпас гирад» [3].

5. **Таъминоти иттилоотии интихобот ва маърака (таблиғ)-и пешазинтихоботӣ.** Ин марҳила як қатор чорабиниҳоро дар бар мегирад, ки ба паҳн кардани иттилоот дар бораи интихобот ва ташаккули муносибати огоҳона дар интихобкунандагон нисбат ба овоздиҳии дар пешистода алоқманд аст. Дастгирии иттилоотӣ дар бар мегирад:

1. **Огоҳонидани интихобкунандагон** - фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, комиссияҳои интихоботӣ ва воситаҳои ахбори омма мебошад, ки ба шаҳрвандон дар бораи рафти маъракаи интихоботӣ, номзадҳо ва барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ маълумоти объективӣ ва боэътимодро таъмин менамояд.

2. **Маъракаи пешазинтихоботӣ** - маҷмуи амалҳои номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ мебошад, ки барои бовар кунондани интихобкунандагон ба тарафдории номзад ё рӯйхати мушаххас нигаронида шудаанд.

Ба маҳдудиятҳои танзимкунанда (меъёрӣ), ки ба пешгирии паҳншавии маълумоти бардурӯғ ва риояи принсипи баробарии номзадҳо нигаронида шудаанд, диққати махсус дода мешавад. Тамоми фаъолияти таблиғотӣ бояд ба талаботи қонун мувофиқат кунад, ба истиснои табъиз, туҳмат ва суйиистифода аз захираҳои маъмурӣ [77, с. 816].

6. **Овоздиҳӣ, ҳисоби овозҳо ва муқаррар намудани натиҷаҳои овоздиҳӣ.** Ин марҳалаи маъсулиятнокест, ки дар он бевосита ифодаи иродаи шаҳрвандон ба амал меояд. Овоздиҳӣ дар рӯзи пешакӣ муайяншуда, қатъиян мувофиқи тартибе, ки махфият ва иштироки ихтиёрии интихобкунандагонро кафолат медиҳад, гузаронида мешавад. Баъди ба охир расидани вақти овоздиҳӣ, комиссияҳои участкавии интихоботӣ фавран ба ҳисоби овозҳо шуруъ мекунанд.

Натиҷаи ҳисоб дар протокол қайд карда мешавад, ки он ба мақомоти болоии интихоботӣ фиристода мешавад.

Дар асоси маълумоте, ки аз комиссияҳои участкавӣ (ё ҳавзавӣ) гирифта шудааст, мақомоти дахлдори интихоботӣ натиҷаи умумии овоздиҳиро муқаррар намуда, натиҷаҳои интихоботро муайян мекунад. Маълумоти ниҳоӣ дар протоколҳо оид ба натиҷаҳои овоздиҳӣ сабт карда мешавад, ки баъд аз он интишор (ифшо)-и расмии натиҷаҳо сурат мегирад.

7. **Овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ.** Ин марҳила хусусияти факултативӣ дорад, зеро он танҳо дар мавридҳое ба амал бароварда мешавад, ки даври асосии интихобот аз рӯйи тартиби муқаррарнамудаи қонун, ба ташаккули мақомоти интихобӣ оварда намерасонад.

**Интихоботи такрориро** дар вақте ташкил намудан зарур аст, ки агар интихобот беэътибор ё баргузорнашуда эътироф шуда бошад, инчунин, дар ҳолате, ки ҳеҷ кадоме аз ду (ё камтар) номзадҳои ба қайд гирифташуда аз ҳадди муқарраршудаи интихобот гузашта натавонанд. Дар робита бар ин, интихоботи такрорӣ дар вақте гузаронидан мумкин аст, ки дар натиҷаи овоздиҳии такрорӣ номзади интихобшуда муайян нагардида бошад ва ё ягон ҳизби сиёсӣ ҳуқуқи тақсими мандатҳо (овозҳо)-ро аз рӯйи низоми мутаносиб нагирифта бошад.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло бояд қайд намуд, ки сохтори марҳилавии раванди интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти ҶТ, пайдарпайии равшани мантиқии амал ва расмиёти ба таъмини қонуният, шаффофият ва одилонаи интихобот нигаронидашударо инъикос менамояд. Марҳалаҳои асосӣ - аз таъини интихобот ва ташкили ҳавзаҳо, то муайян кардани натиҷаҳои овоздиҳӣ ба шаҳрвандон татбиқи ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли интихоботиро кафолат медиҳанд. Марҳилаҳои иловагӣ (овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ) барои ҳалли ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар он ба даст овардани натиҷае, ки ба талаботи қонун мувофиқат мекунад ва қонунӣ будани мақомоти интихобиро таъмин мекунад, имконнопазир мегардад.

Дар ин маврид, ба унсурҳои ташкилию технологӣ, аз ҷумла, маблағгузории интихобот, ҳалли баҳсҳои интихоботӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани қонунгузории интихоботӣ, нақши муҳим дода мешавад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалиро ба вуҷуд меоварад, ки бе он татбиқи пурраи принсипҳои демократӣ дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ имконнопазир аст.

# БОБИ 2. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҷаҳони муосир, тасаввур кардани давлати демократӣ бидуни баргузор кардани интихобот ғайриимкон аст. Гузаронидани интихоботи даврии озод асоси демократияи намояндагиро ташкил медиҳад. Тавассути интихобот аксарияти шаҳрвандон дар амалӣ гардондани ҳокимияти давлатӣ иштирок менамоянд. Интихоби сарвари давлат низ истисно нест. Интихоботи президент яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсии ҳаёти давлат ба ҳисоб рафта, дурнамои рушди давлатро дар давраи муқарраршуда муайян мекунад.

Дар иртибот ба ин, масъалаи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ин раванд аҳаммияти махсусро пайдо мекунад. Охир маҳз, интихобот, яке аз шаклҳои муҳимтарини қонуният пайдо кардани ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ мебошад.

Ба аҳаммияти ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ҳамин тариқ, ӯ зимни суханронии худ дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба муносибати 20-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуд, ки «чунон ки борҳо қайд кардам, мо ҳамеша ҷонибдори интихоботе ҳастем, ки ба таври демократӣ ва шаффоф баргузор мешавад. Ҳоло барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани онҳо тамоми имкониятҳо мавҷуданд, ки ин чорабинии муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятро баҳри таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ояндаи ободонии мамлакат ва наслҳои наврасро тақозо мекунад» [302].

Масъалаи мазкурро таҳқиқ карда, олими рус В.Е. Чиркин қайд мекунад, ки «муҳимтарин хусусияти мақомоти давлатӣ аломати қонунигардонӣ ва қонунӣ шудани мақомоти давлатӣ мебошад. Қонунигардонии ҳокимияти

давлатӣ – ин эълони қонунии пайдоиш, ташкил ва фаъолияти он мебошад. Чун қоида, қонунигардонии мақомоти давлатӣ дар Конститутсия ва қонунҳои кишвар сурат мегирад» [147, с. 119]. Муҳаққиқ дар идома иброз медорад, ки «қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ – ин равандҳо ва падидаҳое мебошанд, ки тавассути онҳо он хусусияти қонуниятро пайдо карда, дурустӣ, асоснокӣ, адолатнокӣ, қонунияти ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ва дигар ҷанбаҳои мувофиқати ин ҳокимият, фаъолияти онро ба меъёрҳои муайян, пеш аз ҳама, муносибатҳои равонӣ, интизориҳои ҷомеа, миллат, одамон, ифода мекунад» [147, с. 119].

Дар ин масъала олимони ватанӣ низ бо ӯ ҳамфикранд. Ҳамин тавр, А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ амалӣ мешавад, ки ба онҳо ваколатҳои дахлдор дода шудаанд ва онҳо озод ва қонунӣ мебошанд, яъне онҳоро халқ эътироф намудааст, ки дар асоси қонун ташаккул ёфтаанд. Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ташаккул ва фаъолияти чунин мақомоти давлатӣ, ба мисли Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, суду прокуратура ва дигар мақомотро муайян мекунад» [64, с. 58-59]. З. Ализода дар навбати худ қайд мекунад, ки «рушди устувори ҶТ ва соҳаҳои алоҳидаи ҷомеа аз таъмини ҳуқуқии саривақтӣ ва мукаммали онҳо вобаста аст. Бинобар ин, зарур аст, ки қонунгузорӣ пайваста ва дар ҳамбастагӣ бо масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ такмил ёбад ва пеш равад. Ин заруратро, инчунин, амалӣ намуданӣ стратегияву барномаҳои ояндасози кишвар, аз ҷумла, «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тақозо менамояд» [152, с. 16-18].

Аҳаммияти қонунӣ будани ҳокимиятро П.П. Баранов муайян мекунад. Ба андешаи ӯ, ҳангоми омӯзиши масъалаи қонунӣ будани ҳокимият ба ҳолатҳои зерин таваҷҷуҳ кардан бамаврид аст, ки дараҷаи қонунӣ будани ҳокимияти сиёсиро тавсиф мекунанд.

Аввалан, ин худи муносибат ба ниҳоди ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки омӯзиши моҳият ва пайдоиши давлат, ҳуқуқ ва умуман, ҳокимияти давлатиро пешбинӣ мекунад. Сонияи, қонунияти ҳокимияти давлатиро бо муносибати аҳолӣ ба механизмҳои ташаккули ин ҳокимият муайян кардан мумкин аст.

Сеюм, қонунӣ будани ҳокимияти давлатиро бо он муайян кардан мумкин аст, ки дар раванди ташаккули он расмиёти қонунии ҳуқуқӣ чӣ гуна риоя карда шудаанд. Чорум, дар шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ сатҳи қонуният, масалан, мақомоти марказӣ ва мақомоти маҳаллӣ метавонад якхела набошад [165, с. 77-78].

Ба ибораи дигар, давлат бояд санадҳои ҳуқуқие таҳия ва қабул намояд, ки дар онҳо тартиби ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазифаҳо, уҳдадориҳо, салоҳият ва ваколатҳои онҳо муайян карда мешаванд.

Дар давоми 30 сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва такмили қонунгузорӣ дар ин самт идома меёбад. Дар солҳои аввали истиқлоли кишвар ин омил нақши ҳалкунанда бозид, ки кишвари мо дар солҳои аввали ташаккули худ ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Бо қабули Конститутсия раванди қонунӣ кардани ҳокимият ба охир расид. Дар кишвар мақомоти ҳокимияти давлатӣ пурра ба кор даромад, тартиби ташаккул ва ваколатҳои онҳо муайян карда шуд. Ҳамин тавр, дар Конститутсияи ҶТ шакли идораи президентӣ интихоб гардид» [64, с. 58-59].

Дар Конститутсияи кишвар интихобот ва таъинот ба сифати усулҳои асосии ташаккули мақомоти давлатӣ муайян карда шудаанд. Тавре ки А.И. Имомов қайд мекунад: «дар ҳар давлат ду тарзи ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ вуҷуд дорад, ки яке бо роҳи интихобот, дигаре бо роҳи таъин кардан ба мансаб аст. Ба воситаи интихобот вазифаву мансабҳои олии давлатӣ дар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ ишғол карда мешаванд. Масалан, ба воситаи интихоботи бевосита яке аз палатаи МО – Маҷлиси намояндагон ва сарвари давлат - Президенти ҷумҳурӣ интихоб мешаванд. Онҳо аввалин ашхосе мебошанд, ки дар сатҳи давлатӣ халқ ҳокимияти худро ба онҳо бовар мекунад ва ба воситаи онҳо ҳокимияти давлатиро ба амал мебарорад. Ба ин муносибат, дар Конститутсия муқаррар шудааст, ки аз номи халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони МО ҳуқуқи сухан гуфтан доранд. Дар ташкили дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ нақши онҳо ҳалкунанда аст» [84, с. 380].

Дар навбати худ А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, ки «дар ҶТ мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ду усул: бо роҳи интихобот ва таъинот ташаккул меёбанд. Аммо таъинот ба вазифаҳои роҳбарикунандаи ҳокимияти иҷроия ва судӣ аз ҷониби мақомоти интихобӣ сурат мегирад. Ҳамин тариқ, интихобот ба тамоми сохтори мақомоти давлатӣ қонунияти аввалиндараҷаи баландтарин медиҳад. Дар ҶТ як палатаи МО, Маҷлиси намояндагон ва Сарвари давлат - Президенти ҶТ бевосита интихоб мешаванд. Маҳз, дар онҳо иродаи олии ташаккули ҳокимияти халқ таҷассум ёфта, аз онҳо ба ташаккули тамоми ҳокимияти иҷроия ва судӣ такони асосӣ дода мешавад. Аз ин рӯ, аҳаммияти ниҳоят муҳимми интихобот дар ҳама сатҳҳост» [64, с. 61].

Дар навбати худ М.С. Сулаймонов зимни баррасии ин масъала қайд мекунад, ки «Конститутсияи ҶТ интихоботи ҳатмии Президенти ҶТ-ро пешбинӣ намуда, муқаррароти муайяни умумиро оид ба гузаронидани интихоботи Сарвари давлат (м. 65) мустаҳкам менамояд ва ба қонунгузор имконияти муайян кардани параметрҳои калидии низоми интихоботе, ки ҳангоми интихоботи Президенти ҶТ истифода мешаванд, расмиёти махсус ва нисбатан мураккаб пешбинигардида, пешниҳод мекунад. Ҳангоми гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ қонунгузории кишвар муфассал танзим карда мешаванд. Риояи ин тартибот муҳимтарин гарави таъмини қонуният ва демократияи интихобот ва инчунин, субот дар ҷомеа ба ҳисоб меравад» [290, с. 28].

Ҳамин тариқ, танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ дар доираи васеи санадҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ин раванд ҳал карда мешавад, ин ташаккул додани шароити мусоиди низоми интихоботӣ мебошад, ки ба хусусиятҳои миллӣ ва роҳҳои асосии раванди ҷаҳонии демократӣ мувофиқ аст.

Тавре ки А.П. Мясников қайд мекунад: «Давлат танзими меъёрии ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихоботро дар тамоми марҳилаҳои раванди интихоботии ҳамаи сатҳҳо истифода мебарад» [221, с. 256-266]. Дар навбати

худ В.В. Красинский қайд мекунад, ки «дар сохтори танзими меъёрӣ-ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихобот меъёрҳои ҳуқуқӣ на танҳо аз он сабаб аҳаммият доранд, ки онҳо кафолатҳои асосии амалӣ намудани аз тарафи шаҳрвандон ҳуқуқи интихоботиро мустаҳкам менамоянд, балки заминаи мустаҳками ҳуқуқиро муқаррар менамоянд, ки ба таври муфассал ва ҳаматарафа рафтор ва фаъолияти иштирокдорони муносибатҳои ҷамъиятиро муайян менамоянд, ки бо мақомоти ташаккулёбии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ алоқамананд, инчунин, дар тамоми марҳилаҳои раванди интихобот, балки вобаста ба он, ки онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки моҳияти танзими меъёриро дарк кунем» [216, с. 15].

Ифода ва тарзи мавҷудияти мазмуни танзими меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки марҳилаҳои раванди интихоботро ба таври муфассал танзим мекунанд [105, с. 622].

Вобаста ба ин, муаллифони ватанию хориҷӣ таснифоти мухталифи санадҳои ҳуқуқиро амалӣ мекунанд, ки раванди баргузории интихоботро дар маҷмуъ ва бахусус, интихоботи Президентро танзим менамоянд.

Ҳамин тавр, муҳаққиқи ватанӣ А.И. Имомов «чунин маҷмуи санадҳои меъёриро ҷудо намудааст, ки интихоботро танзим мекунанд:

1. Конститутсия ҶТ аз соли 1994;
2. Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 1994;
3. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР);
4. Меъёрҳои санадҳои корпоративие мебошанд, ки вобаста ба интихобот аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои онҳо қабул карда мешаванд;
5. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ.
6. Одату анъанаҳое, ки дар раванди маъракаи ташкилу гузаронидани интихобот ба вуҷуд меоянд» [87, с. 35-41].

Дар навбати худ А.М. Диноршоев ва С.М. Салоҳидинова доираи санадҳои ҳуқуқӣ, ки раванди интихоботро дар Тоҷикистон танзим мекунанд, чунин муайян мекунанд:

– Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ;

– санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;

– қонунгузории ҶТ;

– санадҳои зерқонунии меъёрӣ, аз ҷумла, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии комиссияҳои интихоботӣ;

– қарорҳои Суди Конститутсионии ҶТ [66, с. 25-32].

А.П. Мясников ин масъаларо дар мисоли Русия баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки «асосҳои ҳуқуқии низоми интихоботӣ дар Русия айни замон, бо санадҳои қонунгузорӣ танзим карда мешаванд, ки низоми мушаххасро аз ҷиҳати таъиноти функсионалӣ ва қувваи ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Вобаста ба сатҳи қабулашон онҳо ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи якум принсипҳо ва меъёрҳои умумӣ эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии ФР, ки ба танзими муносибатҳои интихоботӣ нигаронида шудаанд, дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар сатҳи федералӣ қабул шудаанд, дохил мешаванд. Ин, пеш аз ҳама, Конститутсияи ФР ба ҳисоб меравад, ки дар он принсипҳои ибтидоии ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда шудаанд. Ба сарчашмаҳои ин гурӯҳ санадҳои конститутсионии федералӣ нисбат дониста мешаванд, ки ташкили низоми интихоботро танзим мекунанд, яъне интишори онҳо бевосита дар Конститутсияи ФР пешбинӣ шудааст. Гурӯҳи сеюми санадҳое, ки низоми интихоботро танзим мекунанд, аз ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар субъектҳои ФР, конститутсияҳои ҷумҳуриҳо ва оинномаҳои дигар субъектҳои Федератсия, қонунҳо дар бораи интихобот, ки дар субъектҳои ФР қабул шудаанд ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба интихобот, ки аз меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунҳои федералии интихобот бармеоянд, ташкил медиҳанд. Ба гурӯҳи

чоруми сарчашмаҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба ташкили мақомоти намояндагии худидоракунии маҳаллӣ дохил мешаванд» [221, с. 255-266].

Мавқеи дар илми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мавҷударо таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ-ро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

1. Конститутсияи ҶТ;
2. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;
3. Қонунҳо (конститутсионӣ ва ҷорӣ);
4. Санадҳои зерқонунӣ.

Минбаъд, ба ҳар яки ин санадҳо ҳамчун шакли танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ мухтасар таваҷҷуҳ мекунем.

Конститутсияи ҶТ дар раванди танзими интихоботи Сарвари давлат мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ нишон дода шудааст, ки дар Конститутсия ду роҳи танзими масъалаҳои марбут ба интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавҷуд аст - мустақим ва ғайримустақим.

Дар доираи усули якум дар Конститутсия бобҳои алоҳида муқаррар карда шудаанд, ки дар онҳо низоми интихобот ва ҳуқуқи интихоботии давлат муайян карда мешаванд. Масалан, ФР, Ҷумҳурии Узбекистон.

Роҳи дуюм, бавосита аст. Дар доираи ин шакли танзими ҳуқуқӣ ягон боби бевоситаи танзими раванди интихобот дар Конститутсия вуҷуд надорад. Ин усулро Г.И. Муромтсев тавсиф намуда, кайд мекунад, ки «таълимоти конститутсионализми классикӣ, ки то ибтидои асри XX ҳукмрон буд, бо ду сабаб мавҷудияти меъёрҳои интихоботиро дар матнҳои Конститутсия истисно мекард. Аввалан, ҳудуди предмети танзими конститутсионӣ риоя мешуд. Сониян, зинаи возеҳ ва пайгиронаи конститутсияҳо ва қонунҳо ҳамчун сарчашмаҳои меъёрҳои гуногуни ҳуқуқ вуҷуд дошт: дар конститутсияҳо, асосан, меъёрҳои арзишӣ ва «абадӣ» инъикос ёфтаанд, дар қонунгузории ҷорӣ бошад, меъёрҳои танзимкунанда ва асбобӣ. Ҳамин тавр, меъёрҳои интихоботӣ ба доираи қонунгузории амалкунанда тааллуқ дошта, дар конститутсияҳо на ҳамчун предмети мустақили танзим, балки ҳамчун ифодаи мурофиавии низоми

демократӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои низоми мақомоти давлатӣ зикр гардидаанд» [221, с. 20-42].

Ҳамин тавр, муҳаққиқони ватанӣ хусусиятҳои зерини танзими конститутсионии равандҳои интихоботро чунин таъкид мекунанд: «аввалан, Конститутсияи ҶТ принсипи ҳокимияти халқро ҳамчун яке аз асосҳои сохти конститутсионӣ мустаҳкам намуда, муқаррар менамояд, ки ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ - референдум ва интихоботи умумихалқӣ ба ҳисоб меравад (м. 6). Сониян, Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи овоздиҳиро ба маънои субъективӣ муқаррар ва кафолат медиҳад, яъне ҳуқуқи шаҳрвандҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ интихоб кардан ва интихоб шудан (м. 27), инчунин, доираи шахсонеро, ки ҳуқуқи интихоботии онҳо махдуд аст, муайян мекунад. Сеюм, Конститутсияи ҶТ талаботи асосии интихоботи Президенти ҶТ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзоёни Маҷлиси миллиро муайян мекунад. Масалан, «Маҷлиси намояндагон дар асоси ҳуқуқи умумии баробар бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб карда мешавад» (қ. 1, м. 49); «Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон дар асоси ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ, баробар ва мустақим бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мекунанд» (қ. 1 м. 65); «Номзад ба мансаби Президент дар сурате интихобшуда ҳисоб карда мешавад, ки ба тарафдории вай зиёда аз нисфи интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштирокдошта овоз дода бошанд» (қ.7 2 м. 66); «Интихоботи Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва як қатор меъёрҳои дигарро Президенти ҶТ таъин мекунад» (банди 14 м. 69). Чорум, дар худи Конститутсияи ҶТ механизми ҳифзи меъёрҳои конститутсионӣ, аз ҷумла, меъёрҳои мустаҳкамкунандаи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон ва кафолатҳои татбиқи онҳоро муқаррар карда шудааст (м.м. 10 ва 14)» [87, с. 35-41], [66, с. 25-32].

Аҳаммияти танзими конститутсионии равандҳои интихоботиро дар Тоҷикистон таҳқиқ намуда, муҳаққиқ А.А. Сайфиддинов чунин ибрози андеша менамояд, ки «Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 як қатор принсипҳои муҳимтарини ҳуқуқиро, ки барои ташаккули низоми нави ҳуқуқи интихоботӣ

дар шароити рушди муосири ҶТ аҳаммияти бевосита доранд, мустаҳкам намудааст. Навовариҳо (меъёрҳо)-и муҳимми ҳуқуқи интихоботӣ дар ин боб дар м. 15, 17, 24, 25, 29, 30 ва чанде дигар мустаҳкам шудаанд. Аммо асоси ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон ва ҳуқуқи интихоботии Тоҷикистонро муқарраротҳое ташкил медиҳанд, ки дар м. 27 ва 28-и Конститутсияи ҶТ мавҷуданд. Ҳамин тавр, дар м. 27 омадааст: «Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлат бевосита ва ё ба воситаи намояндагон иштирок намояд. Шаҳрванд баъди расидан ба синни 18-солагӣ ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шуданро дорад» [293, с. 220].

Дар баробари ин, аз ҷониби як қатор муаллифони ватанӣ бароиислоҳоти Конститутсияи кишвар дар робита ба танзими муқаррароти интихоботӣ, яъне гузаштан ба танзими бевосита дар доираи боби мустақил, пешниҳодҳо пешкаш мешаванд.

Ҳамин тавр, С.О. Наимова қайд мекунад, ки «хусусияти асосии фарққунандаи қонунгузории интихоботии ҶТ дар он аст, ки дар Конститутсияи ҳозираи ҶТ, чунон ки дар конститутсияҳои пештараи шуравии Тоҷикистон буд, боби махсус оид ба интихобот мавҷуд нест» [233, с. 182-186]. Дар навбати худ, А.И. Имомов чунин мешуморад, ки «умумияти принсипҳо, меъёрҳо ва тартиби интихобот талаб мекунад, ки онҳо дар боби алоҳидаи Конститутсия гурӯҳбандӣ карда шаванд. Муттаҳидсозии ин меъёрҳо, ба ақидаи ӯ, аввалан, ба ташаккули як ниҳоди таркибии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ – низоми интихобот мусоидат мекунад, дуюм, аз демократӣ будани ҷомеа шаҳодат медиҳад, сеюм, ба омӯзиш ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи интихобот мусоидат мекунад ва чорум, тавассути омӯзиши низоми интихобот имкон пайдо мешавад, ки бартарӣ ва нуқсонҳои он ошкор ва ислоҳ карда шавад» [85, с. 360].

Муҳаққиқон ақадаҳои худро бо он асоснок мекунанд, ки мавҷудияти боби алоҳидаи Конститутсия, ки муносибатҳои интихоботиро танзим мекунад, имкон медиҳад, ки муқаррароти асосии ҳуқуқи интихобот ва низоми интихоботӣ ба тартиб дароварда шавад. Ин зарурат дар Тоҷикистон аз он

иборат аст, ки дар қонунгузории интихоботӣ равиши дигар ба танзими мафҳумҳо ва муносибатҳои якхела вуҷуд дорад.

Ба фикри мо ин таклиф басо мунозира ва баҳсталаб аст. Дар мавриди зарурати боби алоҳида дар Конститутсия, З.Ализода назари дигаре дорад. Ӯ, аз ҷумла, қайд мекунад, ки «аз ҳамаи кишварҳои ИДМ танҳо дар Конститутсияи Беларус ва Украина интихобот ва раъйпурсӣ дар боби алоҳида сабт шудааст. Дар дигар давлатҳои ИДМ, аз ҷумла, Тоҷикистон, ин масъалаҳо дар боби ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бахшидашуда, инчунин, дар бобҳои бахшида ба парлумон, президент ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ танзим карда мешаванд. Аз рӯйи ҳаҷм ин бобҳо хурданд. Дар онҳо, асосан, принсипҳои интихобот, ҳуқуқи овоздиҳӣ, синну соли интихоботӣ, озодии баён ва кафолатҳои он, инчунин, асосҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи овоздиҳӣ танзим мешаванд. Мустаҳкамкунии масъалаҳои низоми интихобот дар шакли боб ё фасли алоҳидаи Конститутсия низ дар амалияи конститутсионии ҷаҳонӣ маъмул нест. Дар онҳо масъалаҳои интихобот, асосан, дар бахшҳо ё бобҳои ба ҳуқуқи инсон бахшидашуда ва дар бобҳои дахлдори ба парлумон ва дигар мақомоти интихобии ҳукумат бахшидашуда танзим мешаванд» [154, с. 11-15].

Чӣ тавре ки амалияи даҳсолаи охир нишон медиҳад, равандҳои интихоботӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон равандҳои бештар ҳаракаткунанда мебошанд. Тавре С.А. Авакян қайд мекунад, «асосҳои ҳуқуқии таҳияшудаи баргузории интихобот дар доираи як маъракаи мушаххаси интихоботӣ метавонад дар ҷараёни интихоботии баъдӣ ба таври назаррас тағйир ёбад» [87, с. 35-41], [66, с. 25-32].

Воқеан, дар шароити муосир, бахусус, дар раванди рушди технологияҳои иттилоотӣ ва дигар технологияҳои коммуникатсионӣ, рушди шуури ҷамъиятӣ ва дигар омилҳо раванди интихобот дар ҷараёни ҳаракати доимӣ қарор дорад, ки вокуниши фаврӣ, аз ҷумла, дар сатҳи қонунгузориро тақозо мекунад. Бар асоси ин, дар Конститутсия пурра мустаҳкам намудани масъалаҳои баргузории интихобот, бинобар хусусияти қабули Конститутсия, барои саривақт ҷорӣ намудани навоварӣ дар ин раванд монеа мешавад. Бо назардошти ин омилҳо,

мо чунин мешуморем, ки модели имрӯзаи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии интихобот, аз ҷумла, Президенти ҶТ оптималӣ ба ҳисоб меравад.

Гурӯҳи дуюми санадҳои танзимкунандаи раванди интихобот дар Тоҷикистон аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборат аст. Дар баробари ин, метавон ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи интихоботӣ, ки аз моддаи 10-уми Конститутсияи ҶТ бармеояд, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро низ метавон дохил кард, ки мутобиқи он санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравада.

Тавре ки А.И. Имомов қайд мекунад: «Дар байни сарчашмаҳои низом ва ҳуқуқи интихобот санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мавқеи хоса дошта, таъсири он ба таҷрибаи ташкил ва гузаронидани интихоботи миллӣ торафт меафзояд» [86, с. 132]. М.В. Баглай рисолаеро пешниҳод кардааст, ки «стандартҳои байналмилалӣ дар ҳолати мавҷуд набудани танзими конститутсионӣ ва ё дигар танзим, дар ҳолати ихтилоф ва ё ҳолатҳои татбиқи муштарак, метавонанд маънои танзимгари мустақили меъёриро дошта бошанд, на балки танҳо ҳамчун ҳадди ақалли меъёрӣ амал кунанд, ки сатҳи танзими давлатиро муайян мекунад» [44, с. 163]. Муҳаққиқи ватанӣ Б.А. Сафарзода қайд мекунад, ки «ҳадаф аз таъсиси стандартҳои байналмилалӣ набояд эҷоди қонунгузории ягона дар соҳаи ҳуқуқи инсон, балки таҳияи моделҳое бошад, ки давлатҳо дар асоси онҳо заминаи қонунгузории миллии худро оид ба ҳуқуқи инсон бунёд кунанд» [251, с. 41-47].

Яке аз самтҳои асосие, ки дар он меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ васеъ истифода мешаванд, соҳаи интихобот ба ҳисоб меравад. Маҳз, дар онҳо асосҳои демократии гузаронидани интихобот гузошта шудаанд. Чунонки И.С. Алехин қайд мекунад: «стандарти байналмилалӣ-ҳуқуқиро, аз ҷумла, дар соҳаи ҳуқуқи интихоботӣ, метавон ҳамчун шакли мушаххаскунии принсипҳо, дастурҳои бунёдӣ оид ба дарк ва татбиқи онҳо баррасӣ кард. Муносибати зич ва ногусастании байни принсипҳо ва стандартҳоро метавонад меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ хуб нишон диҳад» [163, с. 66-67]. А.А. Вешняков зери стандартҳои байналмилалии интихоботи озоди демократӣ «уҳдадориҳои

давлатҳо оид ба таъмини шахсони таҳти тобеияти онҳо қарордоштаро бо озодиҳо ва ҳуқуқҳои иштирок дар интихоботи озод, одилона, ҳақиқӣ, давравӣ, ошкоро ва шаффоф, инчунин, кафолати вайрон накардани ин ҳуқуқу озодиҳо ва кафолати қабули давлатҳо чораҳои дахлдор барои пурратар иҷро шудани онҳо мефаҳмад» [169, с. 10].

Муаллифон масъалаи татбиқи меъёру стандартҳои байналмилалиро таҳқиқ намуда, ба хусусияти дугонаи онҳо аҳаммият медиҳанд, яъне ин стандартҳоро метавон ба универсалӣ ва минтақавӣ тақсим кард. Категорияи якум муқарраротеро дар бар мегирад, ки дар санадҳои байналмилалии дар доираи СММ мустаҳкам шуда, муқаррар шудаанд. Гурӯҳи дуюмро санадҳои қабулкардаи ташкилотҳои гуногуни минтақавӣ ташкил медиҳанд. Дар шароити ҶТ ин санадҳои САҲА ва санадҳои дар доираи ИДМ қабулшуда мебошанд.

Ҳамин тавр, нақш ва аҳаммияти санадҳои байналмилалиро таҳқиқ намуда, А.И. Имомов қайд мекунад, ки «дар моддаи 21 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эълон карда шудааст, ки 1. Ҳар инсон ҳақ дорад дар идораи корҳои мамлакати худ бевосита ё ба тавассути намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат кунанд. 2. Иродаи мардум бояд поя ва асоси қудрати ҳукумат бошад; ин ирода бояд дар интихоботҳои даврaӣ ва ғайриқаллобона (ғайрисохтакорона) ифода ёбад, ки зимни ҳуқуқи умумӣ ва баробари интихоботӣ ба тариқи овоздиҳии махфӣ ё шаклҳои дигари дорои дараҷаи баробар, ки озодии овоздиҳиро таъмин кунанд, бояд баргузор гарданд» [86, с. 132].

Муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ дар байни санадҳои олии байналмилалӣ Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро таъкид мекунанд, ки дар он муқаррар шудааст, ки ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи овоз додан ва интихоб шуданро дар интихоботи даврии ҳақиқӣ дорад, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботи умумӣ ва баробар ба тaври пинҳонӣ гузаронида мешавад ва озодона баён кардани иродаи интихобкунандагонро таъмин мекунад [251, с. 41-47].

Дар раванди таъмини интихоботи демократӣ санадҳои ҳуқуқии минтақавӣ низ нақши муҳим доранд. Ҳамин тавр, ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон дар

Ҳуҷҷати машваратии Копенгагении конфронси меъёрҳои башарии Созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо (соли 1990) зикр ёфтаанд. Қайд ёфтааст, ки «иродаи мардум, ки дар интихоботи даврӣ ва ҳақиқӣ ифода ёфтааст, поя ва асоси қудрати ҳокимияти давлатӣ мебошад». «Барои он ки иродаи мардум асоси ҳокимияти давлатӣ гардад, давлатҳои иштироккунанда:

1. Интихоботи озодонаро дар давраҳои муайяни қонун муқаррар карда мегузаронанд.

2. Имкон медиҳанд, ки ақаллан дар яке аз палатаҳои мақомоти намояндагии миллӣ ҳамаи мандатҳо дар асоси рақобати озодонаи номзадҳо дар маъракаи интихоботи умумихалқӣ ба даст оварда шаванд.

3. Ба шаҳрвандони болиғ ҳуқуқи интихоботи умумӣ ва баробарро кафолат медиҳанд.

4. Гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ ё ба кор бурдани тарзи ба он мувофиқи овоздиҳии озодона ва баҳисобгирии овозҳо ва ахбороти ҳаққониро дар бораи он, чопи натиҷаи расмӣ таъмин менамоянд» [86, с. 132 ].

Ба ҷуз аз санадҳои САҲА, санадҳои дар доираи ИДМ қабулшуда барои Тоҷикистон, аз ҷумла, “Конвенсия дар бораи меъёрҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои интихоботӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ” аҳаммияти калон доранд. Вижагии Конвенсияи мазкур дар он аст, ки бори нахуст дар амалияи ҷаҳонӣ стандартҳои интихоботи демократӣ дар доираи як сохтори байнидавлатӣ – ИДМ рамзгузорӣ шуда, дар формати санади ҳуқуқӣ-байналмилалӣ мустаҳкам карда шудааст – конвенсияи дорои хусусияти ҳатмӣ. Конвенсия барои таҳияи як қатор ҳуҷҷатҳои ИДМ заминаи ибтидоии ҳуқуқӣ буд, ки воситаи иловагии ҳуқуқӣ-байналмилалӣ барои таъмини риояи меъёрҳои интихоботи демократӣ, ҳуқуқу озодиҳои интихоботии шаҳрвандон, дигар иштирокдорони интихобот, назорати байналмилалии интихобот дар давлатҳои узви Конвенсия гардид. Дар асоси Конвенсия, баъдан, чунин санадҳои муҳим қабул ва тасвиб шуданд: Низомнома (муқаррарот) дар бораи ҳайати нозирон аз ИДМ дар интихоботи президентӣ ва парлумонӣ, инчунин, раъйпурсӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ ва Эъломияи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳо ва

аъзои ИДМ «Дар бораи принсипҳои назорати байналмилалӣ оид ба интихобот ва раъйпурсӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ». Илова бар ин, метавон санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалиеро қайд кард, ки хусусияти машваратӣ доранд ва ҳуҷҷатҳои методологии ёрирасон мебошанд, аз ҷумла, барои ташкил ва гузаронидани назорати байналмилалии интихобот аз ҷониби нозирони байналмилалии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [217, с. 62-69].

Ҳамин тариқ, таҳлили санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи гузаронидани интихобот нишон дод, ки дар онҳо принсипҳои умумӣ оид ба ташаккули давлати демократӣ тавассути призмаи татбиқи ҳокимияти халқ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳокимияти давлатӣ, ҳамчун ҳуқуқи таҷзиянашавандаи инсон (ВДПЧ, МПГПП) муқаррар шудаанд, инчунин, расмият ва ҷанбаҳои мурофиавии гузаронидани интихобот танзим мешаванд (дар ҳуҷҷатҳои дар доираи САҲА ва ИДМ -қабулшуда).

Гурӯҳи сеюми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ин қонунҳои интихоботӣ ва дигар қонунҳо мебошанд, ки раванди интихоботро дар кишвар танзим мекунанд.

Дар баробари ин, қонунгузории интихоботии кишвари мо як қатор хусусиятҳои хос дорад. Ин, пеш аз ҳама, аз он вобаста аст, ки зарурати қабули чунин қонунҳо дар Конститутсияи ҶТ бевосита баён шудааст -моддаҳои 49, 66 ва 78. Дар асоси ин муқаррароти конститутсионӣ қонунҳои зерини конститутсионӣ қабул карда шуданд;

- Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» аз 21-уми июли соли 1994 бо тағйироту иловаҳои минбаъда;
- Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 10-уми декабри соли 1999;
- Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» аз 10-уми декабри соли 1999;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5-уми августи соли 2009.

Инчунин, 19-уми июли соли 2019 Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ» қабул гардид.

Тавре муаллифони ватанӣ қайд мекунанд, «дар низоми қонунгузории интихоботии ҶТ, бешубҳа, ин қонунҳо мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Онҳо як навъ «асос»-и қонунгузории интихоботӣ, санади асосии он мебошанд. Онҳо на танҳо кафолатҳои ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандонро муқаррар ва танзим мекунанд, балки худи ин ҳуқуқҳоро низ мушаххас мекунанд. Ба таври алоҳида, ин қонунҳои конститутсионӣ меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки тартиби омодагӣ ва гузаронидани интихоботи дахлдорро аз марҳилаи муқаррар намудани санаи интихобот сар карда, то ба танзими тартиби шикоят дар бораи нақзи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон ва ба ҷавобгарӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба қонунгузории интихобот, ба таври муфассал танзим мекунанд» [66, с. 200].

Дар баробари ин, агар дар бораи танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронем, онро метавон ба ду гурӯҳ – қонунҳои умумӣ ва махсус ҷудо кард.

Қонуни ҶТ «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ» ва Кодекси ҷиноятии кишварро метавон ба категорияи якум дохил кард. Дар якумӣ аз қонунҳои мазкур тартиби ташкил ва фаъолияти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ҳамчун мақомоти масъул барои баргузории интихобот, аз ҷумла, интихоботи Президенти ҶТ танзим мешавад. Дар навбати худ, Кодекси ҷиноятӣ барои қонунвайронкуние, ки дар раванди интихоботи Президенти ҶТ, ба амал меояд, ҷазо пешбинӣ мекунад.

Ҳамин тавр, мувофиқи моддаи 150-и КҶ ҶТ барои монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқҳои интихоботӣ ва ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсии умумихалқии шаҳрванд, инчунин, монеъ шудан ба кори комиссияҳои интихоботӣ, дар якҷоягӣ бо ришвахорӣ, фиреб, истифодаи зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифодаи он, ки шахс бо истифода аз мақоми хизматиаш, аз ҷониби як гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил содир шудааст, ҷазо дода мешавад. Барои сохтакории ҳуҷҷатҳои интихоботӣ, дидаву дониста

нодуруст ҳисоб кардани овозҳо ва ё муқаррар намудани натиҷаҳои интихобот, ҷавобгарии мустақили ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст (м. 151 КҶ ҶТ). Барои ин кирдор, аъзоёни Комиссияи интихоботӣ ва аъзоёни гурӯҳҳои ташаббускори номзадҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Барои усулҳои дигари монеа шудан барои озодона амалӣ намудани ҳуқуқи интихоботии шаҳрванд, ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Ба санади ҳуқуқии махсусгардонидашуда, ки тартиби гузаронидани интихоботро танзим мекунад, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» аз 21-уми июли соли 1994 дохил мешавад. Чунон ки М.С. Сулаймонов қайд мекунад, «Асосҳои ҳуқуқии баргузории интихоботи Президенти ҶТ-ро Конститутсияи ҶТ ва ҳамин қонун ташкил медиҳанд. Муқаррароти дар Конститутсияи ҶТ ва қонуни конститутсионии зикргардида мустаҳкам шуда, ба танзими принсипҳо ва тартиби гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ нигаронида шудаанд» [290, с. 28].

Вай бо таҳлили минбаъдаи мазмуни он қайд мекунад, ки дар он доираи масъалаҳои зерин ба танзим даровarда мешаванд:

1. Муқаррароти асосие, ки тартиби интихоби президентро муайян мекунанд, яъне принсипҳои ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихоботӣ.

2. Ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайрифаъол ҳангоми интихоботи президент.

3. Даврӣ будани интихоботи президент.

4. Ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба вазифаи президент.

5. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои номзад ба мақоми президентӣ [290, с. 28].

Муқаррароти пешниҳодшудаи М.С Сулаймонов ба фикри мо нопурра аст. «Ин қонунро таҳлил намуда, ӯ чунин ҷиҳатҳои муҳим, монанди масъалаҳои ҷамъбасти натиҷаҳои интихобот, эълон намудани натиҷаҳои онҳо, инчунин, масъалаҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонуни мазкурро баррасӣ мекунад. Ин ҷанбаҳо дар раванди ташкил ва гузаронидани интихобот нақши муҳим мебозанд. Дар бораи танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ сухан ронда, аз баҳсу мунозираҳое, ки дар илми ватанӣ вобаста ба такмили

қонунгузории интихобот ва махсусан, дар бораи зарурати қабули Кодекси интихобот идома дорад, нодида нагирифтан ғайриимкон аст» [290, с. 28].

Аксари донишмандони ватанӣ бар ин назаранд, ки барои танзими раванди интихобот дар Тоҷикистон бояд Кодекси интихоботӣ таҳия ва қабул шавад. Чуноне ки А.А. Сайфиддинов қайд мекунад; «Вазифаи қонунгузории интихобот бояд аз он иборат бошад, ки дар ҷараёни интихобот муташаккилии бештар ба даст оварда шавад» [293, с. 220]. Мушкилоти асосии қонунгузории феълии интихобот, ба гуфтаи муҳаққиқони ватанӣ, дар он аст, ки танзими муносибатҳои якхела тавассути панҷ қонуни мустақил боиси ихтилоф ва низоъҳо ҳангоми баргузории интихобот мегардад.

А.М. Диноршоев қайд мекунад, ки «ҳуқуқ ва раванди интихоботӣ бояд дар як санади меъёрӣ танзим карда шавад. Дар баробари ин шарт нест, ки ин санади ҳуқуқӣ ҳамчун “Кодекси интихоботӣ” номгузорӣ шавад. Чунин санади ягона метавонад қонуни конститутсионии дорои унвони шартии «Дар бораи тартиби гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» бошад [181, с. 149-155]. Ин пешниҳоди ӯ бар он асос аст, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки масоили марбут ба баргузории интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути қонуни конститутсионӣ танзим мешавад. Яъне, қабули Кодекси интихоботӣ хилофи муқаррароти Конститутсияи кишвар хоҳад буд.

Бо ҷамъбасти мавқеъҳои дар илми ватанӣ мавҷудбуда оид ба ин масъала, мо чунин мешуморем, ки пешниҳодҳои олимони ватанӣ оид ба ягонакунии қонунгузории интихоботӣ дуруст ва саривақтӣ мебошанд. Ин, ба назари мо, ба мо имкон медиҳад, ки дар оянда ба миён омадани ихтилофотро дар қонунгузории интихоботии ҶТ пешгирӣ кунем. Гузашта аз ин, Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ 27 ноябри соли 2020 Кодекси намунавии интихоботии кишварҳои узви ИДМ-ро қабул кард.

Шакли ниҳоии танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ ин инъикоси онҳо дар санадҳои меъёрии зерқонунӣ мебошад. Ин доираи санадҳо хеле васеъ аст. Ба ин категорияи санадҳои ҳуқуқӣ муаллифони гуногун санадҳои

корпоративии ҳизбҳои сиёсӣ, урфу одатҳои конститутсионӣ [87, с. 35-41], қарорҳои Суди конститутсионӣ [66, с. 25-32] ва ғайра дохил мешаванд.

Бо омӯхтани пешниҳодҳои дар илми ватанӣ мавҷудбуда мо метавонем маҷмуи зерини санадҳои меъёрии зерқонуниро, ки раванди баргузории интихоботи Президенти ҶТ-ро танзим мекунанд, тартиб диҳем:

–Фармону дастурҳои Президенти ҶТ;

–қарорҳои маҷлиси якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва дигар санадҳои қабулнамудаи палатаҳои Парлумон;

–санадҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ва дигар комиссияҳои интихоботӣ КМИР;

–санадҳои корпоративии ҳизбҳои сиёсӣ;

– қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ;

– урфу одатҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи интихоботӣ.

Таъиноти ҳар яке аз ин санадҳои зерқонуниро мухтасар баён мекунем. Тавре муаллифони ватанӣ қайд мекунанд, хусусияти фармонҳо, дастурҳо ва пешниҳодҳои Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои марбут ба доираи ҳуқуқи интихобот гуногун аст. Аз ҷумла, мо метавонем санадҳои дорои хусусияти ғайримеъёрӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлат вобаста ба татбиқи ваколатҳои конститутсионии худ қабул шудаанд, таъкид намоем. Ҳамин тавр, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ бо пешниҳоди Президенти Тоҷикистон раис, муовин ва 5 узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсиро интихоб мекунад.

Санадҳои ҳуқуқие, ки парлумони кишвар қабул кардааст, барои баргузории интихобот муҳим арзёбӣ мешаванд. Ҳамин тавр, мувофиқи б. 4 м. 55 Конститутсияи ҶТ ва моддаи 6 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» аз 21 июли соли 1994, интихоботи Президенти ҶТ аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони МО ҶТ давоми на дертар аз ду моҳ то ба охир расидани муҳлати ваколати Президенти ҶТ таъин карда мешавад. Ба ибораи дигар, раванди ташкил ва гузаронидани интихоботи

Президенти ҶТ бо санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби палатаҳои парлумони кишвар дар ҷаласаи якҷоя қабул карда мешавад, амалӣ карда мешавад.

Дар байни санадҳои зерқонунӣ, ки раванди интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд, санадҳои комиссияҳои интихоботӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Чуноне ки А.И. Имомов қайд мекунад «Баъзе масъалаҳои ташкилу ҷамъбасти интихобот тавассути санадҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) танзим шуда, онҳо низ дар раванди муътадил баргузор гаштани интихоботи Президент аҳаммияти хоса доранд. Масалан, Низомномаи тартиби иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо ба вакилӣ, воситаҳои ахбори омма ва нозирони хориҷӣ дар интихобот, ки бо қарори КМИР пеш аз ҳар як маъракаи интихобот тасдиқ карда мешавад, Дастури кори аъзои комиссияи ҳавзавӣ ва комиссияи қитъавии интихобот ва ғайра заминаҳои устувори баргузоршавии интихобот ба ҳисоб мераванд» [87, с. 35-41].

Комиссияҳои интихоботӣ мувофиқи вазъи ҳуқуқии худ набояд ба фаъолияти қонунгузорӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ) машғул шаванд, аммо онҳо ҳуқуқ доранд дар асоси қонунҳои дахлдор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул кунанд. Инҳо метавонанд дастурҳо, қарорҳо, муқаррарот ва қарорҳои дигаре бошанд, ки мақсад аз онҳо таъмини татбиқи якхелаи қонунгузории интихобот мебошад. Ҳамин тавр, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ дорад оид ба татбиқи якхелаи қонунҳои конститутсионӣ оид ба интихобот дастур диҳад (нашр кунад).

Хусусияти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии комиссияҳои интихоботӣ дар он аст, ки муқаррароти онҳо, чун қоида, барои комиссияҳои интихоботии зинаи поёнӣ ҳатмӣ мебошанд. Аммо дар баробари ин, онҳо амалиёти дигар иштирокдорони раванди интихоботро танзим мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки аз тарафи комиссияҳои интихоботӣ қабули санадҳои меъёрӣ на ба эҷоди расмиёти нави интихобот, балки ба таъмини татбиқи якхелаи қонунгузории амалкунанда нигаронида шудааст [66, с. 25-32].

Чӣ тавре ки олими ватанӣ Имомов А.И. ибрози андеша менамояд; «Ба сифати санадҳои танзимкунандаи интихобот, аз ҷумла, интихоботи Президент ҶТ меъёрҳои санадҳои корпоративиеро, ки вобаста ба интихобот аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои онҳо қабул карда мешаванд, эътироф менамоянд. Масалан, қарори мақомоти олии ҳизб дар бораи пешбарии номзад ба мансаби Президенти ҶТ, дар бораи барномаи пешазинтихоботии номзад ва ғайра» [87, с. 35-41].

Суди конститутсионии ҶТ, ки мақомоти назорати конститутсионӣ аст, аксаран, дар асоси принсипҳои дар ин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ифодаёфта хулоса мебарорад. Суди конститутсионии ҶТ дар ҳифзи ҳуқуқии Конститутсияи ҶТ ва таъмини риояи он нақши махсусро мебозад. Дар амал Суди конститутсионӣ метавонад масъалаҳои мазмуни принсипҳои қонуни интихобот ва механизмҳои татбиқи онҳоро, инчунин, дигар масъалаҳои дар ҷараёни интихобот ба миёномадаро ҳал намояд.

Қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ, инчунин, сарчашмаҳои ҳуқуқи интихобот буда, ҳам ба фаъолияти қонунбарорӣ ва ҳам ба фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ин самт таъсир мерасонанд. Онҳо ба рушди низоми интихобот ва қонунгузории интихоботӣ ва ба ин васила, ба рушди раванди демократии давлатдории миллӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар амалияи Суди конститутсионии ҶТ як қатор ҳолатҳои вобаста ба татбиқи қонунгузории интихоботи кишвар вуҷуд доранд [66, с. 25-32].

Одату анъанаҳое, ки дар раванди маъракаи ташкилу гузаронидани интихобот ба вуҷуд меоянд, низ заминаи хукуқии барпошавии интихобот мебошанд. Масалан, дар маъракаи интихоботи Президенти ҶТ ва вакилони халқ мавқеи гурӯҳҳои ташаббускор хеле калон аст. Онҳо бештар кори ташвиқотиро дар интихобот дар асоси ҷамъиятӣ ба уҳда мегиранд. Аммо вазъи ҳуқуқии онҳо дар қонунҳои конститутсионии ҶТ дар бораи интихобот танзим карда нашудааст. Ҳоло ки нақши гурӯҳҳои ташаббускор дар ташкили маъракаи дастгирии номзад ба президентӣ ва номзад ба вакили халқ ва гузаронидани ташвиқоти пешазинтихоботӣ хеле назаррас мебошад. Хусусан, дар маъракаи

интихоботи президентӣ ва парлумонӣ номзадҳои ба захираҳои маъмурӣ дастрасӣ надошта, маҳз, тавассути ташкили гурӯҳҳои ташаббускор метавонанд барномаҳои пешазинтихоботии худро ба интихобкунандагон расонанд ва таклифу дархостҳои онҳоро қабул намоянд [87, с. 35-41].

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, мо ба чунин хулоса омадем:

1. Интихобот яке аз шаклҳои муҳимтарини қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ мебошад. Ба ибораи дигар, дар давлат бояд санадҳои ҳуқуқие таҳия ва қабул карда шаванд, ки дар онҳо тартиби ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазифаҳо, уҳдадориҳо, салоҳият ва ваколатҳои онҳо муайян карда мешаванд.

2. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ дар доираи васеи санадҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Мавқеъҳои дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷудбударо таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

• Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• Санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ;

• Қонунҳо (конститутсионӣ ва ҷорӣ);

• Санадҳои зерқонунӣ.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди танзими интихоботи Сарвари давлат мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ нишон дода шудааст, ки дар Конститутсия ду роҳи танзими масъалаҳои марбут ба интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавҷуд аст - мустақим ва ғайримустақим.

4. Гурӯҳи дуюми санадҳои танзимкунандаи раванди интихобот дар Тоҷикистон аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборат аст. Масъалаи татбиқи меъёру стандартҳои байналмилалиро таҳқиқ намуда, мо ба хулосае омадем, ки ин стандартҳоро метавон ба универсалӣ ва минтақавӣ тақсим кард. Категорияи якум муқарраротеро дар бар мегирад, ки дар санадҳои байналмилалие, ки дар

доираи СММ мустаҳкам шудаанд, муқаррар шудаанд. Гурӯҳи дуюмро санадҳои қабулкардаи ташкилотҳои гуногуни минтақавӣ ташкил медиҳанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин санадҳои САҲА ва санадҳои дар доираи ИДМ қабулшуда мебошанд.

5. Гурӯҳи сеюми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ-ро қонунҳои интихоботӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки раванди интихоботро дар кишвар танзим мекунанд, ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, агар дар бораи танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ сухан ронем, онро метавон ба ду гурӯҳ – қонунҳои умумӣ ва махсус ҷудо кард.

6. Шакли ниҳоии танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ ин инъикоси онҳо дар санадҳои меъёрии зерқонунӣ мебошад. Бо омӯхтани пешниҳодҳои дар илми ватанӣ мавҷудбуда мо метавонем маҷмуи зерини санадҳои меъёрии зерқонуниро, ки раванди баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд, тартиб диҳем:

- Фармону дастурҳои Президенти ҶТ;

– қарорҳои маҷлиси якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва дигар санадҳои қабулнамудаи палатаҳои Парлумон;

- санадҳои КМИР ва дигар комиссияҳои интихоботӣ;

- санадҳои корпоративии ҳизбҳои сиёсӣ;

– қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ;

- урфу одатҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи интихоботӣ.

## 2.2. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон қисми бунёдии мақоми ҳуқуқии шахсиятро дар шароити давлати ҳуқуқбунёд ташкил медиҳанд. Ин ҳуқуқҳо дар ташаккули робитаҳои устувор миёни давлат, ҷомеа ва шаҳрванд нақши калидӣ бозида, имконияти иштироки фаъолро дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ таъмин месозанд.

Ҳуқуқҳои сиёсӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи озодии шахсӣ мебошанд, ба инсон ҳамчун соҳиби шуур ва иродаи сиёсӣ имкон медиҳанд, ки ҳамчун субъекти мустақили фаъолияти сиёсӣ баромад намояд. Бо сабаби хусусияти хосси худ, ин ҳуқуқҳо, одатан, танҳо ба шаҳрвандони давлат тааллуқ доранд, зеро татбиқи онҳо бевосита ба мақоми ҳуқуқии шахс дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Бар хилофи ҳуқуқҳои умумибашарӣ, ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон муносибати онҳоро бо давлат муайян намуда, соҳаи манфиатҳои умумиро танзим мекунанд ва механизми иштироки шаҳрвандро дар раванди сиёсӣ таъмин менамоянд.

Мавқеи муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ сазовори таъкид аст, ки тибқи он моҳияти ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ то андозае аз хусусияти ҳамкории миёни шахсият ва давлат муайян карда мешавад. Хосияти ин муносибатҳо, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки шаҳрванд на танҳо ҳуқуқ дорад дар ташаккули мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ иштирок намояд, балки ҳамзамон, дар муайян сохтани самтҳои сиёсати давлатӣ, дар умум, саҳм гузорад. Дуюм, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ озодии шахсро фаро мегиранд, то ки ӯ тавонад ба равандҳои ҷамъиятӣ таъсир расонад, ки ин аҳаммияти онҳоро дар таъмин намудани асосҳои демократии давлат ва ҷалби фаъоли шаҳрвандон ба идоракунии корҳои ҷамъиятӣ таъкид менамояд [70, с. 180], [71, с. 336].

Татбиқи ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ тавассути маҷмуи механизмҳо ва воситаҳои калидӣ амалӣ карда мешавад, ки ба шахс имконият медиҳанд ба ташкили сохтор ва фаъолияти давлат, муассисаҳои он ва дигар унсурҳои низоми сиёсӣ таъсир расонад. Нақши марказӣ дар ин равандро ҳуқуқи интихоботӣ иҷро мекунад, ки он ҳамчун воситаи асосии ифодаи иродаи сиёсии шаҳрвандон баромад мекунад.

Муҳаққиқони муосир таъкид мекунанд, ки иштирок дар интихобот бояд танҳо ҳамчун ҳуқуқи сиёсии шаҳрвандоне, ки ба давлат тааллуқ доранд, баррасӣ шавад. Ниҳоди интихобот бошад, дар навбати худ, ба таври ҷудонашаванда бо ҳуқуқи интихоботӣ пайванд дорад, зеро маҳз, тавассути он

татбиқи принсипҳои демократӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ташаккули мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ таъмин мегардад [155, с. 93-97].

Дар солҳои охир раванди интихоботӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҶТ ҷойгоҳи марказӣ пайдо намуда, ба яке аз абзорҳои муҳимми татбиқи принсипи ҳокимияти халқ табдил ёфтааст. Интихобот на танҳо ҳамчун механизми ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ амал мекунад, балки воситаи калидии ифодаи иродаи шаҳрвандон ба шумор меравад, ки зарурати такмил ва рушди пайвастаи онро муайян месозад.

Динамикаи рушди низоми интихоботӣ мутобиқшавии онро ба шароити тағйирёбандаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ инъикос мекунад, ки дар ин замина, масъалаҳои шаффофият ва одилонаи расмиёти интихоботӣ аҳаммияти махсус пайдо менамоянд. Таъмини ошкорбаёнӣ ва қонуният дар ҷараёни интихобот дар кафолати ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон барои иштирок дар идоракунии давлат нақши ҳалкунанда дорад, зеро он ба ҳар як шахс имконият медиҳад, ки ҳуқуқи худ – интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимиятро амалӣ намоянд.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба МО кишвар таъкид намуданд: «Интихобот волотарин ва бевосита озодтарин шакли ифодаи ҳокимияти халқ мебошад, ки тавассути изҳори иродаи озодона ва ихтиёрии интихобкунандагон амалӣ мегардад. Гузаронидани интихобот бо роҳи демократӣ, озод ва шаффоф яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ба ҳисоб меравад. Мо хуб дар ёд дорем, ки ташаннуҷ ва бесуботӣ дар ҷомеа, тақсимшавии шаҳрвандони кишвар ба гурӯҳҳои мухолиф ва мухолифати шадид аз интихоботи президентии соли 1991 оғоз ёфт ва ниҳоят ба ҷанги таҳмилшудаи шаҳрвандӣ оварда расонд. Интихобот ба хотири рушду ободии мамлакат, таъмини ояндаи орому осоишта ва фардои беҳтари кишвар, инчунин, суботи наслҳои оянда аз ҳар як шаҳрванд маърифати баланди сиёсӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва эҳсоси масъулиятро тақозо менамояд» [300].

Ҳамин тавр, ташаккули давлати демократӣ риояи мукаммали маҷмуи шароити зарурирo талаб мекунад, ки миёни онҳо танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Маҳз, интихобот ягона механизми қонунии интиқоли ҳокимият аз халқ ба мақомотҳои намояндагии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки қонунияти демократии сохторҳои низоми давлатиро таъмин мекунад.

Ба андешаи як қатор муҳаққиқон (Вешняков А.А., Авакян С.А.) [34, с. 912], «ҳуқуқи интихоботӣ ҳамчун ҳуқуқи субъективии шахс яке аз унсурҳои муҳимми татбиқи соҳибихтиёрии халқ мебошад ва ҳама гуна маҳдудкунии он, бояд танҳо бо асосҳои қонунӣ ва шарҳи ҳуқуқӣ сурат гирад».

Ин раванд зарурати болоравии аҳаммияти ҳуқуқи интихоботиро ҳамчун як категория (макула)-и бунёдии ҳуқуқӣ, ки тартиби иштироки шаҳрвандонро дар ташаккули мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ муайян менамояд, ба миён мегузорад.

Тавре маълум аст, ҳуқуқи интихоботӣ дорои ду маънӣ мебошад, ки онро ҳам аз ҷиҳати объективӣ ва ҳам аз ҷиҳати субъективӣ баррасӣ менамоянд [167, с. 123-125].

Олими хориҷӣ С.Д. Князев иброз менамояд, ки «аз нуқтаи назари объективӣ, ҳуқуқи интихоботӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар гирифта, муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд, ки дар раванди ташкил ва баргузории интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ пайдо мешаванд. Ин низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ низоми интихоботиро дар маънои васеаш муайян мекунад, ки принсипҳои баргузории интихобот, тартиби пешбарии номзадҳо, расмиёти овоздиҳӣ, ҳисобу китоби овозҳо ва тартиби баррасии шикоятҳоро дар бар мегирад. Бо ҳамин тартиб, мавзуи ҳуқуқи интихоботии объективӣ (воқеӣ) муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар робита ба баргузории интихобот ба миён меоянд ва дар онҳо шаҳрвандон, комиссияҳои интихоботӣ, мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар субъектҳои раванди интихоботӣ иштирок мекунанд» [98, с. 213].

Аз ҷиҳати субъективӣ, ҳуқуқи интихоботӣ имконияти аз ҷониби давлат ба шаҳрванд додашударо ифода мекунад, ки тибқи он ӯ метавонад дар раванди интихобот иштирок намояд ва иродаи сиёсӣ ва мавқеи худро тавассути овоздиҳӣ ё пешбарии номзадии худ баён созад. Ин ҳуқуқ тавассути ҳуқуқи интихоботии фаъол (ҳуқуқи овоз додан) ва ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол (ҳуқуқи номзад шудан ва интихоб шудан) татбиқ мегардад. Кафолати амалишавии ҳуқуқи интихоботии субъективӣ далели хислати демократии давлат ба шумор меравад, зеро он иштироки мустақими шаҳрвандонро дар ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд, ки ифодаи принсипи соҳибихтиёрии халқ аст.

Ҳар ду шакли ҳуқуқи интихоботӣ бо ҳам зич алоқаманд мебошанд: ҳуқуқи интихоботии объективӣ заминаи ҳуқуқии баргузории интихоботро фароҳам месозад, дар ҳоле, ки ҳуқуқи интихоботии субъективӣ амалисозии бевоситаи ин меъёрҳоро таъмин мекунад ва ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки дар ташаккули мақомоти давлатӣ ширкат варзанд. Ҳамоҳангии мутавозини ин ду ҷанба аз ҳуқуқи интихоботӣ як омили муҳими таъмини пойдории ниҳодҳои демократӣ ба шумор меравад ва онро метавон ҳамчун қонуният ва шаръияти раванди интихобот ҳисобид.

Ҳуқуқи интихоботӣ бо маънои субъективӣ, дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 27-и Конститутсияи ҶТ мустаҳкам гардидааст ва амалӣ гардидани он бар асоси принсипҳои умумият, баробарӣ ва изҳори озоди иродаи шаҳрвандон сурат мегирад.

Таҳлили илмии ҳуқуқи интихоботии субъективӣ нишон медиҳад, ки ин падидаи ҳуқуқӣ маҷмуи мураккаби меъёрҳои ҳуқуқӣ ва кафолатҳоро фаро мегирад, ки ҳадафашон таъмини иштироки шаҳрвандон дар раванди демократӣ мебошад.

Дар илми ҳуқуқшиносии замони шуравӣ, ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайрифаъол на танҳо ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ баррасӣ мегардиданд, ки имконияти иштирок намудани шаҳрвандонро дар интихобот, ҳамчун интихобкунандагон ва ё ҳамчун номзадҳо таъмин менамуданд (М.А.

Постников), балки инчунин, ҳамчун ифодаи консепсияи васеътари қобилияти ҳуқуқии интихоботии шаҳрванд (А.И. Ким) таъбир меёфтанд [89, с. 210]. Таҳти ҳуқуқи субъективии интихоботӣ қобилияти шаҳрванд ҳамчун соҳиби маҷмуи ҳуқуқу уҳдадориҳои вобаста ба иштироки фаъолона дар равандҳои интихоботӣ мегардад, ки он ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии интихоботӣ фаҳмида мешуд.

Бо вуҷуди ин, унсури марказии тамоми ин низом ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ ва ҳуқуқи ғайрифаъоли интихоботӣ ба шумор меравад, зеро маҳз, онҳо асоси пайдоиш, тағйир ва қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба интихоботро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, дар таълимоти ҳуқуқӣ, ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ ва ҳуқуқи ғайрифаъоли интихоботӣ на танҳо ҳамчун категорияҳои мустақили ҳуқуқӣ, балки ҳамчун унсурҳои сохтории низоми васеътари ҳуқуқӣ баррасӣ мегарданд, ки ташкили интихобот ва фаъолияти муассисаҳои демократияи намояндагиро таъмин менамоянд.

Ба таври муфассал ин мафҳумҳоро дар мисоли интихоботи Президенти ҶТ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Тавре ки қаблан зикр гардид, татбиқи яке аз ҳуқуқҳои бунёдии конститутсионии онҳо – ҳуқуқи интихоб кардан мебошад. Маҳз, шаҳрвандоне, ки бо ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ таъминанд, субъектони асосии раванди интихоботӣ маҳсуб меёбанд, зеро бе иштироки бевоситаи онҳо интихобот муҳтавои воқеӣ ва қонунияти ҳуқуқии худро аз даст медиҳад.

Интихобкунандагон ҳамчун иштирокдорони ҷудонашавандаи муносибатҳои ҳуқуқии интихоботӣ баромад намуда, пояи механизми демократии интиқоли ҳокимиятро тавассути овоздиҳӣ ташаккул медиҳанд. Нақши онҳо на танҳо ба ифодаи иродаи сиёсӣ бо роҳи иштирок дар овоздиҳӣ маҳдуд мегардад, балки ҳамчунин, таъмини худи имкони фаъолияти низоми интихоботиро фаро мегирад. А.В. Зиновьев, И.С. Полякова чунин мешуморад, ки «дар шароити набудани интихобкунандагон, раванди интихобот моҳияти демократии худро аз даст медиҳад, зеро принсипи асосии ҳуқуқи интихоботӣ –

ҳокимияти халқӣ маҳсуб меёбад, ки тавассути иштироки шаҳрвандон дар ташаккули мақомоти намояндагии ҳокимият амалӣ мегардад» [73, с. 357].

Ҳамин тариқ, интихобкунандагон ду вазифаи муҳимми худро иҷро мекунанд: аз як тараф, онҳо ҳамчун субъектҳои фаъоли муносибатҳои интихоботе, ки дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ мебошанд, баромад мекунанд; аз ҷониби дигар, ҳамчун кафолатдиҳандагони қонунӣ будани раванди интихоботӣ нақш мебозанд.

Тавре ки Р.Ю. Махашев таъкид мекунад: «Интихобкунандагон дар тамоми марҳилаҳои маъракаи интихоботӣ нақши фаъол ва мустақимро мебозанд, ки аҳаммияти мақоми ҳуқуқии онҳоро дар доираи раванди интихоботӣ барҷаста менамояд. Ҳуқуқҳои интихоботӣ аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ танҳо ба имконияти абстрактии иштирок дар интихобот маҳдуд намешаванд, балки ҳамчун воситаи мушаххас ва самарабахши амалӣ намудани манфиатҳои шахсӣ, ки аз ҷониби қонун ҳифз мегарданд, баромад мекунанд. Дар ин замина, ҳуқуқи интихоб карданро набояд ҳамчун имконияти расмии ворид шудан ба муносибатҳои ҳуқуқӣ бо мақомоти интихоботӣ арзёбӣ намуд, балки ҳамчун имконияти воқеии таъсиррасонӣ ба натиҷаи интихобот тавассути иштирок дар овоздиҳӣ ва қабули қарор дар бораи номзадҳо баррасӣ намуд» [208, с. 21-25].

Бар асоси меъёрҳои конститутсионӣ ва қонунгузории интихоботии кишвар, интихобкунанда шаҳрвандест, ки дорои ҳуқуқи фаъоли интихоботии ҶТ мебошад. Гарчанде ки чунин таъриф баҳси ҷиддӣ ба миён намеорад, онро аз нуқтаи назари мантиқии ҳуқуқӣ комил шуморидан душвор аст. Пеш аз ҳама, он ба мафҳуми «ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ» такя мекунад, ки худ ба тавзеҳи муфассали алоҳида ниёз дорад. Ин гуна маҳдудият ва печидагии мантиқӣ дар таъриф, фаҳмиши дақиқ ва тафсири онро мушкил мегардонад.

Илова бар ин, бояд муқаррароти моддаи 27 Конститутсияи ҶТ-ро ба назар гирифт, «ки мувофиқи он ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ ба ҳамаи шаҳрвандони ҶТ, ки то рӯзи овоздиҳӣ ба синни 18-солагӣ расидаанд, дода мешавад, ба истиснои он шахсоне, ки аз ҷониби суд ғайриқобили амал эътироф шудаанд ва ё ҷазоро тибқи ҳукми суд дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ адо мекунанд» [1,

с. 136]. Ҳамин тавр, эътирофи шахс ҳамчун интихобкунанда бевосита ба риояи шароити муқаррарнамудаи қонун вобаста аст, ки мавҷудияти ҳуқуқи фаъоли интихоботиро таъмин менамояд.

Тавре ки А.И. Имомов зикр мекунад: «ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ (ҳуқуқи интихоб кардан) ба ҳамаи шаҳрвандони ҶТ, новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, пайдоиш, вазъи молу мулкӣ ва мансабӣ, маҳалли зист, муносибат ба дин, шомил будан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ҳолатҳо, ки то рӯзи овоздиҳӣ синни 18-солагиро пурра ба даст овардаанд, тааллуқ дорад. Ба интихобот шаҳрвандоне роҳ дода намешаванд, ки аз ҷониби суд ғайриқобили амал дониста шудаанд ва ё дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ тибқи ҳукми суд қарор доранд» [87, с. 171].

Доштани ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли аксари давлатҳои ҳуқуқбунёд, ба риояи як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ вобаста аст, ки дар қонунгузории миллӣ муқаррар гардидаанд. Ин меъёрҳо ҳам стандартҳои умумии байналмилалиро инъикос мекунанд ва ҳам хусусиятҳои низоми ҳуқуқӣ ва манфиатҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар мегиранд.

Аввалан, яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба доштани ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ, расидани шаҳрванд ба синну соли муқаррарнамудаи қонун мебошад. Синни интихоботӣ на танҳо ҳамчун як меъёри расмии ҳуқуқӣ амал мекунад, балки нишондиҳандаи сатҳи муайяни камолоти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва равонии шахс низ мебошад, ки барои иштироки бошуурона дар интихобот зарур аст. Ҳамин тавр, синну сол ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ ва иҷтимоии қобилияти шахс ба сифати узви комилҳуқуқи ҳаёти сиёсӣ баромад мекунад.

Дуюм, доштани шаҳрвандии ҶТ шарти ҳатмӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Бар хилофи баъзе давлатҳои демократӣ, ки дар онҳо ба сокинони доимии хориҷӣ иҷозати иштирок дар интихоботҳои маҳаллӣ дода мешавад, қонунгузории ҶТ ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон ва ғайришаҳрвандонро қатъиян аз ҳам ҷудо мекунад. Ин сиёсат ба мақсади ҳифзи соҳибихтиёрии миллӣ ва таъмини суботи сиёсӣ амалӣ мегардад,

зеро иштироки мардум дар интихобот ифодаи олии соҳибихтиёрии халқ ҳамчун манбаи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Зикр кардан ҷоиз аст, ки истисно кардани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз шумори субъектҳои дорои ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ ба принсипҳои демократӣ мухолифат намекунад ва ба таҷрибаи байналмилалии қабулшуда, аз ҷумла, ба меъёрҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз соли 1966), ки иҷозати таъини маҳдудиятҳои оқилона медиҳад, мутобиқ мебошад.

Сеюм, қобилияти ҳуқуқии иштирок дар интихобот бо як қатор ҳолатҳои ҳуқуқӣ маҳдуд карда мешавад, ки ба аз даст додан ё маҳдудсозии қобилияти амалии интихоботӣ вобаста аст. Тибқи Конститутсияи ҶТ, ҳуқуқи интихоботӣ ба он шахсон дода намешавад, ки аз ҷониби суд комилан ғайриқобили амал эътироф шудаанд, инчунин, ба шахсоне, ки ки аз рӯйи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокардаи суд, ҷазоро ба таври аз озодӣ маҳрум сохтан адо мекунанд. Дар робита ба ин Р.Ю. Махашев чунин иброз доштааст, ки «ин маҳдудиятҳо ҳамчун механизми ҳуқуқие баромад мекунанд, ки ба таъмини қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ равона шудаанд ва хусусияти ҳадафмандона доранд, бе он ки ғояи умумии баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро халалдор созанд» [208, с. 21-25].

Ҳамин тавр, ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ дар ҶТ бо риояи принсипҳои давлати демократии ҳуқуқбунёд танзим мегардад. Маҳдудиятҳое, ки дар татбиқи ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ дар ҶТ пешбинӣ шудаанд, ба гурӯҳи ба истилоҳ маҳдудиятҳои муҳофизатӣ мансубанд, ки ҳадафашон таъмини суботи сохти конститутсионӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти давлат мебошад.

Чунин чораҳои ҳуқуқӣ на барои хориҷ кардани худсаронаи шахсон аз раванди интихоботӣ, балки барои пешгирии таъсири эҳтимолии манфии гурӯҳҳои муайяни шахсон ба низоми сиёсӣ пешбинӣ шудаанд. Манъи иштироки ин ашхос дар интихобот поймол намудани принсипи адолат ё татбиқи муносибати табъизомез нест, балки зарурати ҳифзи қонуният ва суботи сохтори давлатӣ мебошад, ки ин равиш ба таҷрибаи байналмилалӣ ва танзими

конститутсионӣ-ҳуқуқии аксари давлатҳои демократӣ мутобиқ мебошад [66, с. 200].

Тибқи Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории амалкунандаи интихоботӣ, ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ дар доираи принсипҳои умумӣ, баробарӣ ва бевоситаи ҳуқуқи интихобот тавассути овоздиҳии пинҳонӣ амалӣ карда мешавад.

• Умумияти ҳуқуқи интихоботӣ маънои онро дорад, ки ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи субъективии интихоботиро дорост, новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, забон, эътиқоди динӣ, назари сиёсӣ ва дигар ҳолатҳо ҳуқуқи иштирок дар интихоботро дорад. Истисноҳо танҳо бар асоси меъёрҳое, ки бевосита дар қонун пешбинӣ шудаанд, роҳ дода мешаванд ва бо ҳаҷм ва муҳлати амали онҳо маҳдуд мегарданд.

• Баробарии ҳуқуқи интихоботӣ дар он зоҳир меёбад, ки тамоми интихобкунандагон дорои ҳаҷми баробари ваколатҳои интихоботӣ мебошанд, ҳар як овоз дорои қувваи ҳуқуқии баробар аст ва иштирок дар интихобот дар асоси шартҳои баробар амалӣ карда мешавад. Ин кафолати адолати раванди интихоботиро таъмин намуда, асоси иштироки демократии шаҳрвандонро дар идораи корҳои давлатӣ фароҳам месозад.

• Ҳуқуқи бевоситаи интихоботӣ принсиперо муқаррар мекунад, ки мувофиқи он шаҳрвандон бевосита ба тарафдории номзадҳо ё рӯйхати номзадҳо, бе иштироки ягон сохторҳои миёнарав овоз медиҳанд. Ин тартиби овоздиҳӣ шаффофият ва ҳисоботдиҳии бештари раванди интихоботиро таъмин мекунад.

• Махфияти овоздиҳӣ озодии изҳори иродаи интихобкунандагонро кафолат медиҳад ва имкони таъсири беруна, назорат ё дахолат ба раванди қабули қарори онҳоро истисно менамояд. Ин принсип тавассути тадбирҳои ташкилӣ, ки махфияти интихоби шахсиро таъмин мекунанд, амалӣ мегардад ва худ яке аз кафолатҳои муҳимми озодиҳои сиёсии шаҳрвандон мебошад [87, с. 171].

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии раванди интихоботӣ дар ҶТ, аз ҷумла, маҳдудиятҳои муваққатии ҳуқуқи интихоботӣ, ба амалисозии принсипҳои

давлати ҳуқуқбунёд ва мардумсолории демократӣ равона гардида, зарурати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ ва суботи сиёсиро ба назар мегирад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки иштироки шаҳрвандон дар интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли бештари давлатҳои демократӣ, дорои хусусияти комилан ихтиёрӣ мебошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ба шаҳрванд фишор оварад, то ӯро ба иштирок дар интихобот маҷбур созад ё баръакс, ӯро аз иштирок дар интихобот манъ намояд. Ин принсип ҳам дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар қонунгузории миллӣ оид ба интихобот мустаҳкам карда шудааст, ки муҳимтарин меъёрҳои озодии изҳори иродаи сиёсиро инъикос мекунад.

Овоздиҳӣ танҳо як амали расмӣ набуда, балки яке аз муҳосибаҳои муҳимми механизми ҳуқуқӣ мебошад, ки тавассути он шаҳрванд ҳуқуқи конститутсионии худро барои иштирок дар идоракунии корҳои давлат амалӣ месозад. Овоздиҳӣ маҷмуи чорабиниҳои ташкиливу ҳуқуқӣ ва расмиятҳои тартиботиро дар бар мегирад, ки ба таъмини шароити озод, махфӣ ва шахсии изҳори иродаи ҳар як интихобкунанда равона карда шудаанд.

Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқӣ, раванди овоздиҳӣ метавонад ҳамчун марҳилаи ҳалкунандаи тамоми маъракаи интихоботӣ баррасӣ гардад. Зеро, маҳз, дар ҳамин марҳила изҳори ниҳоии иродаи халқ амалӣ мешавад, ки он асоси ташаккули ҳокимияти қонунии давлатиро муайян менамояд. Аз ин рӯ, бархе аз муҳаққиқон бо дурустӣ диққати худро ба овоздиҳӣ ҳамчун лаҳзаи калидии раванди интихоботӣ равона менамоянд, чунки аз дурустӣ ва шаффофияти он сатҳи эътимод ба низоми интихоботӣ дар маҷмуъ вобаста мебошад [208, с. 21-25].

Ҳамин тариқ, овоздиҳӣ дар ҶТ на танҳо таҷассумгари татбиқи ҳуқуқи фаъолонаи интихоботии шаҳрвандон аст, балки ҳамчун раванди муҳимтарини таъмини принсипҳои демократӣ хизмат мекунад, аз ҷумла, озодии интихоб, баробарии имкониятҳои интихобӣ ва эҳтиром ба иродаи аксариятро бо таъмини кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи ақаллиятҳо фаро мегирад.

Ҳадафи асосии татбиқи ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ дар ҶТ дар ташаккул ва ифодаи иродаи дастаҷамъонаи шаҳрвандон зоҳир мегардад. Маҳз, тавассути ҳамин ирода, ҳайати шахсии мақомоти интихоботии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ муайян карда мешавад. Унсури марказии ин раванд овоздиҳӣ мебошад, ки шакли асосии изҳори иродаи сиёсӣ ва иштирок дар идоракунии давлат аз ҷониби шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Аз мавқеи қонунгузорӣ ва таълимоти илмии ҳуқуқӣ метавон таъкид кард, ки раванди интихоботӣ маҷмуи марҳилаҳои ҳатмиро дар бар мегирад, ки ҳар яке барои фароҳам овардани шароити овоздиҳии озод ва одилона аҳаммияти хоса дорад. Дар ҳамаи марҳилаҳои интихоботӣ тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ амалӣ мегарданд, ки ба таъмини татбиқи пурраи ҳуқуқи фаъоли интихоботии шаҳрвандон нигаронида шудаанд [66, с. 200]. Аз ҷумла, изҳори самарабахши иродаи халқ бидуни амалҳои зер ғайриимкон аст:

1. Пешниҳод намудани маълумоти пурра, боэътимод ва саривақтӣ ба шаҳрвандон оид ба маъракаи интихоботӣ, номзадҳо ва барномаҳои онҳо;

2. Фароҳам овардани шароит барои рақобатпазирӣ ва ошкорбаёнӣ, ки имкон медиҳад доираи васеи манфиатҳои иҷтимоӣ ва мавқеъҳои сиёсӣ муаррифӣ гарданд;

3. Истифодаи механизмҳои шаффоф ва одилонаи ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳӣ, ки таъмини инъикоси боэътимоди иродаи аксариятро бо риояи назари ақаллият кафолат медиҳад.

Аҳаммияти махсусро он воқеият пайдо мекунад, ки субъекти дастаҷамъии раванди интихоботӣ - корпуси интихобкунандагон – дорои иродаи ягонаи дохилӣ нест. Баръакс, он маҷмуи шаҳрвандонест, ки дорои андешаҳо, арзишҳо ва манфиатҳои мухталиф мебошанд.

Аз ин бармеояд, ки эътирофи интихобот ҳамчун қонуниятдошта ва инъикоскунандаи иродаи ҳақиқии мардум танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки маҷмуи тамоми кафолатҳои ҳуқуқӣ ва расмиёти муқарраргардида ба таври қатъӣ риоя шаванд. Нақзи ин шартҳо — аз ҷумла, кӯшиши таҳриф кардани афкори ҷамъиятӣ, фишор овардан ба интихобкунандагон ва ё паҳн кардани

маълумоти носаҳеҳ – ба таҳриф гардидани иродаи воқеии шаҳрвандон оварда мерасонад. Ин бошад, дар навбати худ, боиси пайдоиши беэътимодӣ дар ҷомеа нисбат ба раванди интихобот мегардад, сатҳи фаъолияти электоратро паст мекунад ва муносибати манфии аҳолиро нисбат ба институти интихобот ҳамчун як унсури муҳимми демократия ба вуҷуд меорад.

Дар низоми интихоботии ҶТ ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол, яъне ҳуқуқи шаҳрванд ба он ки ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ интихоб гардад, бо дарназардошти як қатор маҳдудиятҳои қонунгузорӣ, ки ҳамчун «сензҳо» маъруфанд, амалӣ мегардад. Дар баробари ин, талабот ба номзадҳо вобаста ба сатҳ ва хусусияти мақоми ташаккулёбандаи ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, нисбат ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин маҳдудиятҳо (сензҳо)-и ғайрифаъол татбиқ мегарданд:

**1. Меъёри шаҳрвандӣ.** Яке аз шартҳои асосии роҳ ёфтан ба иштирок дар интихобот ба ҳайси номзад ба мансаби Президенти ҶТ меъёри шаҳрвандӣ мебошад.

Моҳияти ҳуқуқии ин талабот дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқи интихоб шудан танҳо ба ашхосе дода мешавад, ки шаҳрвандии ҶТ-ро доранд. Ин маҳдудият на танҳо мантиқи ҳуқуқӣ, балки мантиқи сиёсӣ-ҳокимиятиро низ дар бар мегирад, ки аз принсипи соҳибихтиёрии давлатӣ ва зарурати таъмини суботи сиёсӣ бармеояд.

Шаҳрвандӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ иртиботи устувори ҳуқуқиро миёни шахс ва давлат ифода мекунад, ки дар доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобила зоҳир мегардад. Ин иртибот уҳдадории эҳтиром ба сохтори конститутсионӣ, риояи қонунҳо ва иштироки фаъол дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии кишварро дар бар мегирад. А.И. Имомов қайд намудааст, ки «танҳо шаҳрванд, ҳамчун узви комилҳуқуқи низоми ҳуқуқӣ ва сиёсии давлат, метавонад ба ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол соҳиб бошад, зеро шаҳрванд ҳамчун субъекти вафодор ва содиқи давлат ба шумор меравад, ки қобилияти

намояндагӣ намудани манфиатҳои мардумро дар доираи асосҳои сохтори давлатӣ дорост» [84, с. 760].

Аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи умумӣ, маҳдуд намудани ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол танҳо ба шаҳрвандон ба далоили таъмини амнияти миллӣ, пешгирии дахолати хориҷӣ ба соҳаи сиёсӣ ва нигоҳ доштани якпорчагии институтсионалии мақомотҳои намояндагӣ асос ёфтааст. Комилан мантиқист, ки ҳуқуқи иштирок дар ташаккули мақомотҳои ҳокимияте, ки бо ваколатҳои қудратӣ-оммавӣ муҷаҳҳаз мебошанд, танҳо ба он афроде дода шавад, ки мансубияти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ба давлат доранд ва ин мансубият бо мақоми расмии ҳуқуқӣ тасдиқ гардидааст.

Зикр намудан зарур аст, ки бар хилофи ҳуқуқи интихоботии фаъол, ки дар баъзе давлатҳо иштироки шаҳрвандони хориҷиро дар интихоботи сатҳи маҳаллӣ иҷозат медиҳад (бо асоси созишномаҳои байналмилалӣ), ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол дар ҶТ қатъиян бо шаҳрвандии кишвар маҳдуд карда шудааст. Ин масъала аҳаммияти махсуси мақоми номзадро ҳамчун эҳтимолан соҳиби ваколатҳои давлатӣ ва масъул барои татбиқи сиёсати давлатӣ таъкид мекунад [66, с. 200].

**2. Меъёри синнусолӣ** ҳамчун шарти татбиқи ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин меъёр низоми ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол ба ҳисоб меравад ва ҳамчун василаи муҳимми ҳуқуқӣ барои маҳдуд намудани доираи ашхосе хизмат мекунад, ки метавонанд ҳамчун номзад дар интихобот иштирок намоянд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри синнусолӣ хусусияти фарқкунанда дошта, вобаста ба сатҳи мансаби интихоботӣ тағйир меёбад. Ин ҳолат дараҷаи гуногуни масъулият, уҳдадорӣ ва талаботро, ки ба мансабҳои дахлдор пешбинӣ шудаанд, ифода мекунад.

Таъини меъёри синнусолӣ ҳадафи муҳимми ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро пайгирӣ мекунад – дар ин замина, синну сол ҳамчун меъёри объективӣ баромад мекунад, ки имкон медиҳад ҳадди ақал чунин сатҳи зеринро дар шахси номзад пешбинӣ намудан соҳиб бошад:

- огоҳии ҳуқуқӣ;

• фарҳанги сиёсӣ;

• қобилияти қабули қарорҳои боэътимоди идоракунӣ;

• устувории иҷтимоӣ ва ахлоқӣ.

Талаби махсусан сахт – расидан ба синни 30-сола – бо мақоми махсуси Президенти ҶТ, ба сифати Сарвари давлат ва кафили Конститутсия асоснок карда мешавад, ки дар дасти ӯ иҷрои муҳимтарин вазифаҳои оид ба таъмини сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, суботи мақомоти давлатӣ ва таъмини сиёсати беруна ва дохилии кишвар, устувории дастгоҳи давлатӣ ва амнияти миллӣ тамаркуз ёфтаанд. Ин мансаб на танҳо донишҳои баланди ҳуқуқӣ, балки сатҳи баланди пухтагии сиёсӣ ва малакаи амал кардан дар шароити ноустувории сиёсиро талаб мекунад.

Меъёри синнусолӣ ҳамчун маҳдудияти ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол (пассивӣ) дар таҷрибаи байналмилалӣ васеъ истифода мешавад. Масалан, дар аксари кишварҳои ҷаҳон барои иштирок дар интихоботи президентӣ, ҳамчунин, синни баландтари поёнӣ муқаррар шудааст – аз 30 то 40-сола. Ин ҳолат бо он асоснок мегардад, ки ишғоли мансабҳои интихобии сатҳи олии ҳокимият на танҳо доштани маълумоти расмӣ ё таҷриба, балки хусусиятҳои устувори шахсиро талаб мекунад, ки одатан, бо мурури синну сол ташаккул меёбанд [142, с. 500].

Ҳамин тариқ, меъёри синнусолӣ дар қонунгузории ҶТ ҳамчун меъёри ҳуқуқии асоснок ва дорои аҳаммияти иҷтимоӣ баромад мекунад, ки интихоби ҳайати номзадонро бар асоси нишонаҳои объективӣ таъмин менамояд.

**3. Меъёри муқимият (меъёри истиқомати доимӣ)**. Меъёри муқимият ё талаботи истиқомати доимӣ яке аз меъёрҳои асосии роҳ додани шаҳрвандон ба иштирок дар интихобот ҳамчун номзад ба мансабҳои интихобӣ мебошад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, талаботи вазнинтар нисбат ба номзадҳо ба мансабҳои олии давлатӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, барои номзад ба мансаби президенти ҶТ мӯҳлати даҳсолаи истиқомати доимӣ дар ҳудуди кишвар муқаррар гардидааст.

Меъёри муқимият (истиқомати доимӣ) як қатор вазифаҳои муҳимми зеринро иҷро менамояд:

1. **Робитаи зичи номзад бо ҷомеа ва давлатро кафолат медиҳад.** Истиқомати доимӣ дар ҳудуди ҶТ ҳамчун далели мутобиқшавии устувори ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба сохтори давлатдории миллӣ баромад мекунад. Чунин номзад ҳамчун шахсияте арзёбӣ мегардад, ки дониши амиқ дар бораи воқеиятҳои дохилӣ, мушкилот ва ниёзҳои ҷомеа дорад.

2. **Мусоидат ба ташаккули эътимод аз ҷониби интихобкунандагон.** Шахсоне, ки дар муддати тулонӣ дар минтақа ё кишвари муайян зиндагӣ мекунанд, бештар ба аҳолии маҳаллӣ шинос ҳастанд. Ин омил шароити мусоидро барои ҷамъият қонунӣ будани иштироки онҳо дар интихобот ва боз будани раванди сиёсиро фароҳам меорад.

3. **Ҳамчун нишондиҳандаи вафодорӣ ба давлат хизмат мекунад.** Меъёри муқиммият ба таври ғайримустақим садоқати номзадро ба манфиатҳои ҷумҳурӣ ва омодагии ӯро барои иштирок дар рушди ҷомеа на дар шакли ҳолатӣ, балки дар доираи муносибатҳои бардавом ва алоқаи устувор бо муҳити маҳаллӣ ва давлатӣ арзёбӣ менамояд.

4. **Иштироки шахсони тасодуфӣ ё унсурҳои сиёсии берунаро дар интихобот пешгирӣ менамояд.** Ин маҳдудият нақши садро иҷро намуда, роҳро барои афроде мебандад, ки дар низоми сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии давлат реша надошта, бинобар ин, қобилияти воқеии ҳимоя ва намояндагии манфиатҳои шаҳрвандонро надоранд [157, с. 57-67].

Бояд қайд кард, дар ҳолате ки муҳлати муқимият аз ҳад зиёд муқаррар гардад, хавфи маҳдудсозии ҳуқуқҳои сиёсӣ бе асоси кофии ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, дар ҶТ муҳлатҳои муайяннамудаи муқимият, аз ҷумла, даҳ соли истиқомати доимӣ барои номзад ба мансаби президенти ҷумҳурӣ, ҳамчун талаботи асоснок ва мантиқӣ арзёбӣ мегарданд. Ин талабот бо назардошти истиқлоли миллӣ, хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ ва манфиатҳои таъмини суботи давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки меъёри муқимият дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон истифода мешавад. Дар бархе аз давлатҳо, аз ҷумла, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Итолиё ва дигар кишварҳо, он ҳамчун як механизми муҳимми маҳдудсозии ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол (ҳуқуқи номзад шудан) барои шахсоне хизмат мекунад, ки бо давлат робитаи устувори сиёсӣ ва иҷтимоӣ надоранд [129, с. 336].

Ҳамин тариқ, меъёри муҳиммият дар қонуни интихоботии ҶТ яке аз воситаҳои муҳимми ҳуқуқиест, ки дар интихобот танҳо он афроде метавонанд иштирок намоянд, ки на танҳо аз лиҳози расмӣ соҳиби ҳуқуқ мебошанд, балки бо давлат ва шаҳрвандони он робитаи воқеии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ доранд.

4. **Меъёри таҳсилотӣ.** Дар сохтори маҳдудиятҳое, ки ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъолро дар ҶТ танзим мекунанд, мақоми махсусро меъёри таҳсилотӣ ишғол менамояд, яъне, талаботе, ки аз номзадон доштани сатҳи муайяни маълумотро барои иштирок дар интихобот талаб мекунад. Ин меъёр ба он нигаронида шудааст, ки мутобиқати номзадон ба мансабҳои интихоботӣ бо сатҳи муайяни омодагии зеҳнӣ, касбӣ ва идорӣ таъмин карда шавад, ки барои вазифаҳои муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ муҳимманд. Тибқи қонунгузории амалкунанда, меъёри таҳсилотӣ хусусияти фарқкунанда дорад.

Меъёри таҳсилотӣ як қатор вазифаҳои калидиро иҷро мекунад:

1. **Функсияи тахассусӣ.** Доштани маълумоти олии касбӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии сатҳи омодагии умумӣ ва касбии номзад арзёбӣ мегардад. Ин нишонаест, ки қобилияти номзадро ба таҳлил, қабули қарорҳо ва идоракунии равандҳои мураккаби иҷтимоӣ ва сиёсӣ тасдиқ мекунад.

2. **Функсияи кафолатдиҳӣ.** Талаботи доштани маълумоти олии касбӣ кафолат медиҳад, ки номзад донишҳои зарурӣро дар соҳаҳои ҳуқуқ, иқтисод, идораи давлатӣ ва дигар фанҳои муҳимми иҷтимоӣ доро мебошад.

3. **Функсияи легитимикунӣ** (қонуникунонӣ). Барои интихобкунандагон доштани маълумоти олии касбии номзад метавонад ҳамчун нишонаи салоҳият ва қобилияти номзад баҳогузорӣ шавад. Ин ба

интихобкунандагон имкон медиҳад, ки чунин номзад метавонад манфиатҳои шаҳрвандонро дар сатҳҳои болоии идоракунии давлатӣ самаранок, махсусан, намояндагӣ кунад [98, с. 213].

Муқаррар намудани меъёри ҳатмии таҳсилотӣ барои номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ аз нигоҳи ҳуқуқӣ бо назардошти ҳаҷми салоҳиятҳои Сарвари давлат ва нақши калидии ӯ дар идоракунии стратегии кишвар асоснок ба шумор меравад. Президент ҳамчун мансабдори олии кишвар, ки риояи Конститутсияро таъмин менамояд ва кишварро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад, бояд на танҳо сифати роҳбарӣ, балки дониши низомманд дар бораи механизмҳои фаъолияти давлатро низ дошта бошад.

Ҳамин тавр, меъёри таҳсилотӣ дар низоми интихоботии ҶТ ҳамчун абзори тарзи муносибати дифференсиалӣ ба ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатии умумимардумӣ амал мекунад. Он сатҳи зарурии салоҳияти номзадонро барои ишғоли мансабҳои калидии давлатӣ таъмин менамояд.

**5. Меъёри забонӣ.** Номзад ба мансаби Президенти ҶТ бояд ба таври муқарраршуда забони давлатӣ – забони тоҷикиро донад. Ин талабот ба он равона гардидааст, ки дастрасии муоширати мустақим миёни шахси интихобшуда ва интихобкунандагон таъмин гардад, ҳамзамон, он ҳадаф дорад, ки ҳувияти миллии кишвар ва якпорчагии забонии давлат ҳифз карда шавад.

Меъёри забонӣ дар низоми интихоботии ҶТ як қатор вазифаҳои калидиро иҷро менамояд, ки ба таъмини ягонагии фазои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва самаранокии ҳамкории байни шахсони интихобшаванда ва шаҳрвандон равона шудаанд.

**1. Кафолати дастрасии коммуникатсионӣ.** Донистани забони давлатии тоҷикӣ имконияти муоширати бевосита ва ҳамаҷониба миёни номзад ва интихобкунандагонро таъмин мекунад. Он имкон медиҳад, ки номзад афкору барномаҳои сиёсии худро ба таври фаҳмо иброз намояд ва дар раванди қонунгузорӣ ё идоракунии давлатӣ бо забоне, ки аксарияти аҳолии кишвар онро мефаҳманд, иштирок намояд.

**2. Ҳамгироӣ ба низоми сиёсӣ-ҳуқуқии давлат.** Фаҳмиши забони давлатӣ на танҳо ҳамчун як шарт ё воситаи техникии муошират баррасӣ мегардад,

балки ҳамзамон, шакли рамзии эътирофи волоияти Конститутсия, қонунгузорӣ ва институтҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**3. Ҳифз ва таҳкими ҳувияти миллӣ.** Меъёри забонӣ сиёсати давлатро дар соҳаи забони миллӣ ҳамчун унсури муҳимми соҳибихтиёрии фарҳангӣ инъикос мекунад. Таъмини донистани забони тоҷикӣ аз ҷониби намояндагони ҳокимият ба муттаҳидсозии ҷомеа дар асоси забон, ташаккули ҳувияти умумимиллӣ ва пешгирии парокандашавии ҷомеа аз рӯйи нишонаҳои этнофарҳангӣ мусоидат менамояд.

**4. Ташаккули қонунӣ будани ҳокимияти интихобшуда.** Интихобкунандагон аз номзаде, ки ба он овоз медиҳанд, интизор доранд, ки вай манфиатҳои онҳоро дар тамоми сатҳҳо – аз маҳаллӣ то миллӣ намояндагӣ хоҳад кард. Монеаи забонӣ байни шахси интихобшуда ва аҳолӣ метавонад ба паст шудани эътимод ва душвор гардидани иҷрои вазифаҳои намояндагӣ, махсусан дар ҷомеаи сермиллат, оварда расонад [36, с. 592].

Меъёри забонӣ дар низоми ҳуқуқии дигар кишварҳо низ истифода мешавад. Масалан, дар бисёр кишварҳои Аврупои Шарқӣ, Осиё ва Осиёи Марказӣ талаботи донистани забони давлатӣ ҳамчун шарти ҳатмӣ барои ишғоли мансабҳои интихобӣ ё маъмурӣ амал мекунад. Дар баъзе кишварҳо ин талабот шакли расмӣ дорад, дар дигар давлатҳо бошад, донистани забон бо сертификати махсус ё имтиҳонҳо тасдиқ карда мешавад [142, с. 404].

Ҳамин тариқ, меъёри забонӣ дар низоми ҳуқуқии интихоботи ғайрифаъоли ҶТ унсури ҷудонашавандаи механизми ҳуқуқии ташаккули мақомотҳои қонунии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ин талабот ба таҳкими ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва тақвияти эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои демократӣ мусоидат менамояд. Донистани забони давлатӣ на танҳо воситаи муошират, балки ифодаи ҳувияти шаҳрвандӣ ва масъулияти сиёсӣ дар назди ҷомеа мебошад.

5. **Меъёри қобилияти ҳуқуқӣ ва набудани доғи судӣ.** Дар низоми интихоботии ҶТ, ба монанди аксари давлатҳои демократӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқие мавҷуданд, ки амалишавии ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъоли бархе аз

шаҳрвандонро монеа мешавад. Дар миёни ин маҳдудиятҳо, меъёри қобилияти ҳуқуқӣ ва набудани доғи судӣ аҳаммияти махсус доранд, зеро онҳо ба таъмини қобилияти ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ шахсоне равона шудаанд, ки барои ишғоли мансабҳои интихобӣ довталаб мешаванд.

Мутобиқи қонунгузории ҶТ, шахсе, ки бо ҳалномаи суд ғайриқобили ҳуқуқӣ эътироф шудааст, ҳуқуқи номзад шудан ба ягон мансаби интихоботиро надорад. Ин муқаррарот бар асоси принсипҳои бунёдии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва конститутсионӣ ба роҳ монда шудааст, ки мутобиқи он, қобилияти иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ мустақиман аз вазъи равонии шахс ва сатҳи маърифати ҳуқуқии ӯ вобаста аст.

Мақоми ҳуқуқии шахси ғайриқобил далели он аст, ки ӯ имкони дарки маънии аъмоли худ ва идора кардани онҳоро надорад. Ин ҳолат иҷрои вазифаҳои мураккаби дорои аҳаммияти ҷамъиятиро, ки ба намояндагии манфиатҳои шаҳрвандон, қабули қарорҳои меъёрӣ ва идоракунии корҳои давлатӣ марбутанд, номумкин мегардонад. Иштироки чунин шахс дар интихобот ба ҳайси номзад ба мансаби интихобӣ ба мантиқ ва асосҳои легитими (қонуни)-и раванди интихобот мухолиф буда, метавонад эътимоди ҷомеаро ба ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ зери шубҳа қарор диҳад.

Ҳамин тариқ, меъёри қобилиятӣ чораи табъизӣ (дискриминатсионӣ) нест, балки маҳдудияти воқеан асоснок мебошад, ки ба ҳифзи манфиатҳои худи шахс ва ҷомеа, дар маҷмуъ, равона гардидааст. Ин талабот бо стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои интихоботӣ мувофиқат мекунад, аз ҷумла, бо муқаррароти Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (соли 1966), ки имкон медиҳад ҳуқуқҳои сиёсӣ нисбат ба шахсоне, ки қобилияти ҳуқуқии комил надоранд, маҳдуд карда шаванд [36, с. 592].

Дигар гурӯҳи шаҳрвандоне, ки дар амалишавии ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол маҳдуд мешаванд, шахсоне мебошанд, ки дорои маҳкумияти судии бекорнашуда ё бардоштанашуда мебошанд. Ин гуна маҳдудият на танҳо ба қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба ҳуқуқи байналмилалӣ

низ мутобиқ буда, ба таъмини ахлоқи неку, масъулияти ҳуқуқӣ ва эътимоди ҷомеа ба намояндагони ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудааст.

Меъёри доғи судӣ доштан ҳамчун чораи пешгирикунанда амал мекунад, ки иштирок дар интихоботро барои шахсоне, ки пештар рафтори муқобили қонунро нишон додаанд, манъ мекунад ва ба баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ мусоидат мекунад, иловатан, ҳамчун механизми тозакунӣ хидмат мекунад, ки барои ҳимояи ҳокимияти давлатӣ аз таърифоти манфӣ зарур аст.

Бояд қайд кард, ки маҳдудият танҳо ба маҳкумияти бекорнашуда ё бардошташуда дахл дорад, ки имкон медиҳад, то ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрванд дар шароити аз нав иҷтимоикунонӣ ва нишон додани рафтори ҳуқуқшиносонаи ӯ, пас аз давраи муайян, аз нав барқарор шаванд [66, с. 200].

Меъёри қобилиятнокӣ ва доғи судӣ дар қонунгузории ҶТ як воситаи муҳимми ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба ҳимояи низоми интихоботӣ аз иштироки эҳтимолии шахсони ғайриқобилиятнок ё номуносиб барои ишғоли мансабҳои давлатии интихобӣ нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба интихоби Президенти ҶТ, ки ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайрифаъолро дар ҶТ ба танзим медароранд, ба таъмини тавозун миёни принсипҳои иштироки демократӣ ва талаботи салоҳияти сиёсӣ, қонуният ва амнияти давлатӣ равона шудааст. Маҳдудиятҳои муқарраршуда ба ташаккули намояндагии ҳокимияти салоҳиятдор, ахлоқӣ устувор ва ба манфиатҳои давлат ҷавобгӯй нигаронида шудааст.

## 2.3. Вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чандин маротиба таъкид гардида буд, ки раванди интихоботӣ низоми мураккаби тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва сиёсӣ мебошад, ки ба ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути изҳори иродаи мардум равона шудааст.

Тавре ки профессор В.И. Василев ба таври одилона зикр намудааст, раванди пешбарии номзадонро метавон ҳамчун «қутби ибтидоӣ»-и маъракаи интихоботӣ маънидод кард, зеро маҳз, дар ҳамин марҳила, рушди минбаъдаи ин

раванд то ҳадде муайян мегардад. Пешбарии номзад қадами нахустини расмӣ ва ошкорои шаҳрванд дар самти татбиқи ҳуқуқи пассивии интихоботии худ ба ҳисоб меравад [198, с. 316].

Муҳақиқи хориҷӣ Р.Т. Биктагиров чунин пешниҳод доранд, ки «моҳияти ин тартиби электоралӣ дар он ифода меёбад, ки он нияти расмии шаҳрвандро барои ширкат дар муборизаи интихоботӣ тасдиқ менамояд ва талоши ӯро барои ишғоли мансаби муайян дар низоми ҳокимияти давлатӣ эълон мекунад. Дар ҳамин замина, рӯйхати иштирокдорони рақобати сиёсӣ ташаккул ёфта, доираи шахсоне муайян мегардад, ки байни онҳо рақобати минбаъдаи интихоботӣ сурат хоҳад гирифт» [166, с. 91].

Пешбарии номзадон на танҳо оғози марҳилаи фаъоли раванди интихоботиро рамзгузорӣ мекунад, балки заминаи мусоидро барои муборизаи рақобатноки сиёсӣ фароҳам оварда, ба он сохтори ҳуқуқӣ ва ташкилии зарурӣ медиҳад. Дар ҳамин марҳила, номзадҳои эҳтимолии роҳбарони оянда давлат ба интихобкунандагон муаррифӣ мегарданд, ки ин амал ба динамикаи интихобот, афкори умум ва маъракаи таблиғотии минбаъда таъсири назаррас мерасонад.

Тартиби пешбарӣ ва бақайдгирии номзадон ба мансаби Президенти ҶТ яке аз марҳилаҳои асосии раванди интихоботӣ ба шумор меравад, ки шаффофияти интихобот ва қонунияту эътибори сарвари интихобшудаи давлатро таъмин мекунад. Дар раванди интихоботӣ шахсе номзад дониста мешавад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барои иштирок дар интихобот бо мақсади ишғоли мансаби интихобӣ пешбарӣ шудааст [66, с. 200]. Дар заминаи интихоботи президентӣ дар Тоҷикистон танҳо он шаҳрванди кишвар метавонад номзад ба мақоми Сарвари давлат гардад, ки ба талаботи муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷавобгӯ бошад ва марҳилаҳои пешбарии расмӣ ва бақайдгириро бомуваффақият тай карда бошад.

Мақоми ҳуқуқии номзад маҷмуи ҳуқуқ ва ухдадориҳоеро дар бар мегирад, ки бо Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегарданд. Ин

мақом номзадро вазифадор менамояд, ки дар ҷараёни маъракаи интихоботӣ принсипҳои шаффофият, ростқавлӣ ва риояи қонунро эҳтиром намояд. Ҳамзамон, ба номзад баъзе кафолатҳо ва имкониятҳо дода мешаванд, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ташкили таблиғот, ширкат дар баҳсҳои пешазинтихоботӣ, маблағгузории маъракаи интихоботӣ аз манбаъҳои муайяншуда ва ҳифозат аз ҷониби мақомоти давлатӣ аз дахолати ғайриқонунии шахсони дигар ба раванди интихобот.

Тавре қаблан зикр гардид, раванди пешбарии номзадон ба мансабҳои интихобӣ яке аз марҳилаҳои калидии раванди интихоботӣ ба шумор меравад, ки он рақобати сиёсиро ташаккул дода, татбиқи ҳуқуқи пассивии интихоботии шаҳрвандонро таъмин менамояд.

Тавре ки А.С. Кучин зикр мекунад: «Дар таҷрибаи интихоботии ҷаҳон муносибатҳои гуногун нисбат ба муайянсозии субъектҳои дорои ҳуқуқи пешбарии номзадон шакл гирифтаанд, ки онҳо хусусиятҳои низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳар як кишварро инъикос менамоянд. Аз ҷумла, ин масъала метавонад ҳам дар сатҳи Конститутсияи давлат ва ҳам дар сатҳи қонунҳои махсуси интихоботӣ танзим карда шавад» [283, с. 205].

Ба ҳамин тартиб, дар як қатор кишварҳо доираи субъектҳое, ки ҳуқуқи пешбарии номзадон доранд, бевосита дар Конститутсия муқаррар мегардад, ки ин нишонаи аҳаммияти баланди чунин меъёр ва устувории он мебошад. Ба гурӯҳи чунин кишварҳо метавон Австрия, Маҷористон, Ирландия, Португалия ва Финляндияро шомил донист. Таҳлилгарони гуногун таъкид мекунанд, ки мустаҳкам намудани ин институт дар сатҳи конститутсионӣ устувории онро таъмин намуда, эҳтимоли ворид намудани тағйироти манипулятивиро ба нафъи қувваҳои сиёсӣ, ки бартарӣ доранд, коҳиш медиҳад ва ба раванди пешбарии номзадон мақоми принсипи асосии демократиро мебахшад [257, с. 46-51].

Дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла, дар ҶТ механизми ҳуқуқии пешбарии номзадон дар сатҳи қонунгузории интихоботӣ муфассал танзим карда мешавад. Ҳамин тавр, тартиби пешбарии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ ба таври муфассал дар моддаҳои 24 ва 25-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ба танзим даровварда шудааст. Ин гуна таҷрибаи танзими ҳуқуқӣ ба аксарияти кишварҳои пасошуравӣ хос мебошад. Масалан, дар ФР қонунҳои федералии интихоботӣ муайян мекунанд, ки кадом субъектҳо ҳуқуқ доранд ташаббуси иштироки шаҳрвандон дар интихоботро пеш баранд. Тибқи қонуни интихоботии Русия, субъектҳои дорои ҳуқуқи пешбарии номзадон шаҳрвандоне, ки тариқи худпешбарӣ амал мекунанд, инчунин, иттиҳодияҳои интихоботӣ мебошанд [198, с. 316].

Ин гуна равиш имконияти танзими чандиртари раванди интихоботиро фароҳам месозад, аммо, бар хилофи муқаррароти конститутсионӣ, имкони ворид намудани тағйироти зуд-зуд ва пайвастаи қонунгузориро ба вуҷуд меорад.

Ҳамзамон, таҷрибаи танзими институти пешбарии номзадон тавассути қонунгузории интихоботӣ, ки дар Россия, Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои пасошуравӣ татбиқ шудааст, чандирӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити сиёсиро таъмин менамояд. Ин омил, ҳамчунин, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар бисёре аз кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, дар ҶТ, ҷустуҷӯйи тавозуни оптималӣ дар раванди интихобот, бахусус, дар интихоботи Сарвари давлат, идома дорад. Ҳамин тариқ, интихоби тимсоли мушаххаси танзими ҳуқуқии субъектҳои пешбарии номзадон аз хусусиятҳои низоми сиёсию ҳуқуқии ҳар як кишвар вобаста мебошад.

Яке аз масъалаҳои асосии баҳснок дар раванди пешбарии номзадон ба мансаби президент, ин муайян намудани субъектҳое мебошад, ки ҳуқуқи пешбарии номзадро ба ин вазифа доранд.

Пешбарии номзадон дар асоси муқаррароти ойинномавии созмонҳои дахлдор амалӣ гардида, дар анҷуманҳо, конференсияҳо ё маҷлисҳои вакилони онҳо сурат мегирад. Дар робита ба ин, муаллифи ватанӣ С.М. Сулаймонзода зикр мекунад, ки «ба гурӯҳи субъектҳое, ки чунин ҳуқуқ доранд, дохил мешаванд:

- ҳизбҳои сиёсии ҷумҳуриявӣ, ки манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро намояндагӣ мекунанд ва қарор дар бораи пешбарии номзадонро дар анҷуманҳои ҳизбӣ қабул менамоянд;

- созмонҳои ҷамъиятӣ, ки дар қонун махсус зикр шудаанд, аз ҷумла, Федератсияи иттиҳодияҳои мустақили касабаи Тоҷикистон ва Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, ки метавонанд вобаста ба ҳадафҳои барномавӣ ва намояндагии иҷтимоии худ номзад пешниҳод намоянд;

- мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ба онҳо Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо, Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, инчунин, маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ дохил мешаванд.

Чунин тақсимоти субъектҳои пешбарии номзадон имконият медиҳад, ки иштироки неруҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар раванди интихоботӣ таъмин гардад, ҳамзамон, манфиатҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ба назар гирифта шаванд» [290, с. 28].

Тавре ки Л.А. Окунков қайд мекунад, «васеъ кардани доираи субъектҳое, ки ҳуқуқи пешбарии номзадонро доранд, далели кӯшишҳо барои фароҳам овардани шароити бештар демократӣ ҷиҳати иштирок дар интихобот мебошад. Ин гуна равиш ба афзоиши гуногунрангии номзадҳои эҳтимолӣ мусоидат карда, дар навбати худ, имкониятҳои интихоботиро васеъ менамояд ва намояндагии васеътари қувваҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсиро таъмин месозад» [237, с. 28-29]. Бо ин андеша метавон розӣ шуд, зеро ҳар қадар ки шумораи субъектҳое, ки дар ташаккули рӯйхати номзадон иштирок мекунанд, зиёдтар бошад, ҳамон қадар эҳтимолияти ифодаи андешаҳои гуногун ва манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бештар мегардад.

Лекин, дар шароити раванди интихоботии ҶТ ин муқаррарот хусусияти муайяни хос дорад. Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи кишвар, ҳар як ҳизби сиёсӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, инчунин, мақомоти намояндагӣ, ба мисли Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, маҷлисҳои вилоятии вакилони халқ, Маҷлиси

вакилони халқи шаҳри Душанбе, маҷлисҳои вакилони халқ дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҳуқуқ доранд танҳо як нафар номзадро барои мансаби Президенти ҶТ пешбарӣ намоянд.

Аз нуқтаи назари принсипҳои демократӣ, чунин амалия метавонад ҳамчун маҳдудкунандаи иқтидори низоми пешбарии номзадҳо арзёбӣ гардад. Дар амалия, агар субъектҳои гуногун ҳуқуқи худро на барои васеъ намудани доираи номзадҳо, балки барои тасдиқи номзади аллакай пешбаришударо истифода баранд, сатҳи рақобати сиёсӣ коҳиш меёбад ва имконияти интихоб барои интихобкунандагон маҳдуд мегардад. Дар чунин ҳолат, институт ё худ низоми пешбарии номзадҳо вазифаи аслии худро – таъмин намудани гуногунии сиёсиро дар ҷараёни маъракаи интихоботӣ аз даст медиҳад.

Ин гуна дақиқсозӣ шаффофияти бештари тартиботи интихоботиро таъмин намуда, ба субъектҳои пешбарӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқи худро пурра амалӣ созанд ва хусусияти демократии интихоботи президентиро тақвият бахшад.

Таҳлили қонунгузории амалкунандаи ҶТ нишон медиҳад, ки дар раванди интихоботе, ки ба баргузории интихоботи Сарвари давлат марбут аст, имкони худпешбарии номзадҳо пешбинӣ нашудааст. Ин маънои онро дорад, ки пешбарии номзадҳо танҳо тавассути субъектҳои ваколатдори пешбининамудаи қонун анҷом дода мешавад, ки рӯйхати онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дақиқ танзим гардидааст.

Ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои низомҳои интихоботӣ дар кишварҳои ИДМ, С.А. Калачникова зикр менамояд, ки «Набудани механизми худпешбарӣ дар Тоҷикистон татбиқи ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъоли шаҳрвандонро маҳдуд месозад» [212, с. 146-149]. Ин андеша ниёз ба баррасии муфассал дорад, зеро яке аз принсипҳои асосии интихоботи демократӣ – дастрасии ҳарчи бештари шаҳрвандон ба иштироки фаъолона дар раванди интихоботро дар бар мегирад. Барои арзёбии объективии ин мавқеъ зарур аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби пешбарии номзадҳо ҳамаҷониба омӯзиш шаванд, инчунин, таҷрибаи татбиқи қонунгузории мавҷуда таҳлил гардад. Муҳим аст муайян карда шавад, ки кадом механизмҳои ҳуқуқӣ дар раванди пешбарии

номзадҳо амал мекунанд, ҳадафи онҳо чист ва то кадом андоза ба меъёрҳои байналмилалии интихоботи демократӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Набудани институти худпешбарии номзадҳоро метавон аз ду ҷиҳат баррасӣ кард. Аз ҷониби дигар, маҳдуд кардани имкони худпешбарӣ метавонад доираи шахсони дорои имкони иштирок дар интихоботи президентиро танг намояд, зеро пешбарии номзад аз дастгирии ташкилоти муайян вобаста аст, на танҳо аз иродаи шаҳрвандон.

Бо дарназардошти ин, масъалаи дараҷаи таъсири чунин маҳдудият ба ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон аҳаммияти хос пайдо мекунад. Агар механизмҳои мавҷудаи пешбарии номзадҳо имкони намояндагии васеи сиёсии шаҳрвандонро фароҳам созанд ва монеаҳои сунъӣ барои иштирок дар интихобот эҷод накунанд, он гоҳ иддао дар бораи маҳдудиятҳои ҷиддии ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъол метавонад зери шубҳа қарор гирад.

Президенти ҶТ дорои мақоми махсуси конститутсионӣ мебошад, зеро ӯ ҳамзамон, Сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, номзаде, ки тавассути механизми худпешбарӣ барои ишғоли ин мансаб довталабӣ мекунад, бояд мавҷудияти дастгирии ҷамъиятиро тасдиқ намояд, ки ин меъёри муҳимми қонуният ва қобилияти сиёсии ӯ ба шумор меравад. Дар ин замина, мақсаднок ба назар мерасад, ки дар қонунгузорӣ меъёрҳое муқаррар карда шаванд, ки талаботи минималиро нисбат ба худпешбаркунандагон танзим намоянд, бо дарназардошти зарурати дастгирии воқеии онҳо аз ҷониби интихобкунандагон.

Чунин меъёри қонунгузорӣ имкон медиҳад, ки намояндагии воқеии номзад таъмин гардад ва сатҳи дастгирии ӯ дар миёни аҳолӣ нишон дода шавад, ки ин шарти муҳимми иштирок дар интихобот баробар бо номзадҳое мебошад, ки аз ҷониби иттиҳодияҳои сиёсӣ пешбарӣ мегарданд.

Механизми иловагӣ, ки метавонад масъулияти худпешбаркунандагонро тақвият бахшад ва аз пешбарии номзадҳои пешакӣ бефоида ё номзадҳои техникӣ пешгирӣ намояд, метавонад ҷорӣ намудани гарави интихоботӣ бошад. Ҳаҷми чунин гарав метавонад 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил

диҳад, ки он ҳамчун филтри иловагӣ амал намуда, барои муайян кардани номзадҳое равона мегардад, ки воқеан, имкони иштирок дар маъракаи интихоботиро доранд. Дар баробари ин, маблағи гарав метавонад ба номзад баргардонида шавад, агар ӯ сатҳи муайяни дастгирии интихобкунандагонро соҳиб гардад, ки чунин амал ба таҷрибаи байналмилалии гузаронидани интихобот мутобиқ мебошад.

Татбиқи чунин талаботҳо ба ташаккули низоми самараноки худпешбарӣ мусоидат мекунад, ки баробарии шароитҳоро барои ҳамаи номзадҳо, новобаста аз мансубияти сиёсиашон, таъмин менамояд.

Дар натиҷа, муқаррар намудани чунин меъёрҳо дар қонунгузорӣ қадами муҳимме дар роҳи рушди минбаъдаи ниҳодҳои демократӣ ва таҳкими рақобати интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд [290, с. 28].

Новобаста аз далелҳои ҷонибдорӣ аз ҷорӣ намудани институти худпешбарӣ дар низоми интихоботи Президенти ҶТ, ин ташаббус ниёз ба таҳлили ҳамаҷонибаи пайомадҳои эҳтимолии он, инчунин, арзёбии мутобиқати чунин ислоҳот ба вазъи иҷтимоиву сиёсӣ-ҳуқуқии кишвар дорад.

Аввалан, худпешбарӣ ҳамчун шакли мустақили иштирок дар интихобот метавонад боиси афзоиши назарраси шумораи номзадҳо гардад, ки ин вазъро дар ҷараёни интихобот мураккаб месозад ва метавонад сатҳи огоҳии интихобкунандагонро коҳиш диҳад. Дар шароите, ки низоми интихоботӣ сатҳи баланди омодагии ташкилии худро тақозо мекунад, афзоиши беш аз ҳадди шумораи иштирокдорон бидуни назорати муассири институтсионалӣ метавонад ба парокандагии фазои сиёсӣ, душвор шудани ҳамкории иттилоотӣ миёни номзадҳо ва ҷомеа, инчунин, афзоиши тамоюлҳои он оварда расонад.

Дуюм, ҷорӣ намудани талаботи ҳатмӣ оид ба ҳадди ақал ҷамъоварии имзоҳо ба тарафдории худпешбарӣ (масалан, аз ҷониби 1500 шаҳрванд) ва инчунин, муқаррар намудани гарави интихоботӣ ба андозаи 1000 нишондиҳандаи ҳисоббаробаркунӣ метавонад на он қадар воситаи “тозакунӣ”-и номзадҳо бошад, балки бештар монеаи воқеӣ барои иштироки мустақили шаҳрвандон дар интихобот гардад. Ин бошад, ба навбати худ, зарурат ва

мақсаднокии худиислоҳотро зери суол мебарад, зеро дар асл, он наметавонад ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандонро васеъ намояд, балки баръакс, дастрасӣ ба раванди бақайдгирии номзадҳоро душвор мегардонад.

Сеюм, бояд ба назар гирифт, ки институти худпешбарӣ на танҳо танзими қонунгузориро талаб мекунад, инчунин, захираҳои муҳимми молиявӣ ва ташкилиро барои таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии он дар бар мегирад. Ҷорӣ намудани низоми худпешбарӣ таъсиси механизмҳои иловагии санҷиши дурусти маълумоти биографии номзадон, манбаъҳои маблағгузории маъракаҳои интихоботии онҳо ва мутобиқати онҳо ба талаботи қонунгузории мавҷудбударо пешбинӣ мекунад. Дар шароити низоми кунунии пешбарии номзадҳо тавассути ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки аллакай вазифаи полоиши аввалияро иҷро мекунанд, зарурати ташкили сохторҳои иловагӣ метавонад боиси мураккаб гардидани тартиби интихобот гардад.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки татбиқи механизми худпешбарӣ дар интихоботи Президенти ҶТ таҳқиқи амиқ ва асосноккунии ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Бояд ба назар гирифт, ки густариши механизмҳои пешбарии номзадҳо на танҳо бо танзими меъёрии ҳуқуқӣ, балки бо кафолатҳои муассири ташкилии амалӣ бояд ҳамроҳ гардад. Агар чунин система бо таври возеҳ ва дақиқ таҳия нагардад, ин ташаббус метавонад натиҷаи баръакс диҳад, яъне боиси мураккабшавии раванди интихобот ва коҳиши пешгӯйишавандагии он гардад, ки дар ниҳоят, ин метавонад ба суботи низоми сиёсӣ ва сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба институти интихобот таъсири манфӣ расонад.

Ҳангоми баррасии масъалаи пешбарии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ бе таваҷҷуҳ ба нақши ҳизбҳои сиёсӣ номумкин аст.

Ҳизбҳои сиёсӣ вазифаи калидии миёнаравро байни ҷомеа ва сохторҳои давлатӣ иҷро намуда, ҳамкории шаҳрвандонро бо низоми ҳокимият таъмин мекунанд. Моҳияти дугонаи онҳо дар он ифода меёбад, ки аз як тараф, онҳо дар чаҳорчӯбаи ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо шуда, ҷузъи ҷудонашавандаи он маҳсуб меёбанд, аз тарафи дигар тавассути механизмҳои раванди интихобот ба сохтори

ҳокимияти давлатӣ ҳамгиро шуда, ба як бахши низоми сиёсӣ-ҳуқуқии давлат табдил меёбанд.

Тавре ки С. Дяченко зикр мекунад: «Ҳизбҳои сиёсӣ дар низомҳои демократӣ нақши калидӣ мебозанд, ба ташаккули ҳокимият таъсири назаррас мерасонанд ва дар равандҳои идоракунии давлатӣ иштирок менамоянд. Фаъолияти онҳо ба иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар муҳокима ва ҳалли муҳимтарин масъалаҳои рушди иҷтимоию сиёсии кишвар мусоидат менамояд. Дар давраҳои интихоботи сарвари давлат, ҳизбҳои сиёсӣ нақши муттаҳидсозандаро иҷро карда, равандҳои иҷтимоиро ба як самти созанда ҳидоят месозанд ва аз парокандагии иҷтимоӣ ҷилавгирӣ менамоянд, ки бо ин васила, суботи низоми сиёсии давлатро таъмин мекунанд» [183, с. 7-11].

Дар навбати худ В.Д. Зоркин таъкид менамояд, ки «ҳизбҳои сиёсӣ дар асл, дар муҳити ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул меёбанд ва дар марҳилаи ибтидоии фаъолияти худ ҳамчун институтҳои он амал мекунанд, ки дар доираи муносибатҳои ҷамъиятии хусусӣ қарор дошта, зери назорати мустақими давлат қарор надоранд. Аммо бо зиёд шудани иштироки онҳо дар интихоботи сатҳҳои гуногун – аз сатҳи маҳаллӣ то сатҳи давлатӣ, ҳизбҳо мақоми нави ҳуқуқӣ пайдо мекунанд ва ба унсурҳои низоми идораи давлатӣ табдил меёбанд. Ин тағйирот зарурати ба танзим даровардани фаъолияти онҳо дар чаҳорчӯбаи қонуниро ба миён меорад ва муносибати дахлдори ҳуқуқию давлатии арзёбиро нисбат ба фаъолияти онҳо тақозо мекунад» [203, с. 22-44].

Ҳамин тариқ, ҳизбҳои сиёсӣ як падидаи мураккаби иҷтимоиву сиёсиро ифода намуда, миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои давлатӣ робита барқарор менамоянд. Фаъолияти онҳо талаб менамояд, ки миёни озодии худбаёнии ҷамъиятӣ ва зарурати танзими ҳуқуқӣ тавозуни оқилона таъмин карда шавад, ки бо ин қонунӣ будан ва самаранокии онҳоро дар доираи низоми демократӣ мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи рушди худ пайваста ба тамоюлҳои ҷаҳонии демократӣ мутобиқ шуда, принсипҳои умумиэътирофшудаи фаъолияти низоми сиёсии ҷаҳониро бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ

муттаҳид ва ҳамгиро месозад. Низоми ҳизбии ҷумҳурӣ, сарфи назар аз давраи нисбатан кутоҳи ташаккулёбӣ, сатҳи баланди ҳаракат ва пешрафтро нишон дод, марҳилаҳои ташаккули институтсионалӣ, танзими қонунгузорӣ ва таҳкими сохториро паси сар намуд. Дар ҷараёни рушди худ, ҳизбҳои сиёсӣ зери таъсири тағйироти воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ қарор гирифта, мутобиқшавии худро ба талабот ва даъвоҳои нави ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин намуданд.

Раванди ташаккули бисёрҳизбӣ дар ҶТ бо як силсила маъракаҳои интихоботӣ ҳамроҳӣ гардид, ки нишондиҳандаи устуворӣ ва қобилияти ҳаётии институтҳои ҳизбӣ шуданд. Ҳизбҳо, пас аз гузаштан аз санҷишҳои интихоботӣ, тавонистанд мавқеи худро дар фазои сиёсӣ мустаҳкам намуда, механизмҳои ҳамкориро бо сохторҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва интихобкунандагон ташаккул диҳанд. Дар натиҷа, онҳо мавқеи устуворро дар низоми муносибатҳои иҷтимоиву сиёсӣ ишғол карда, вазифаҳои муҳиммеро дар раванди идоракунии демократӣ иҷро менамоянд. Ҳамин тавр, таҳаввулоти низоми ҳизбӣ дар Тоҷикистон қонуниятҳои умумии ташаккули институтҳои демократиро инъикос намуда, аз талоши давлат барои рушди минбаъда дар асоси принсипҳои плюрализми сиёсӣ ва муколамаи ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар ҶТ ҳуқуқи иштирок дар интихоботи Президенти ҶТ-ро танҳо тавассути тартиби пешбарии номзадҳо доранд, ки он бо Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» аз 21 июли соли 1994 ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» аз 23 майи соли 1998 танзим карда мешавад. Мувофиқи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқи пешбарии номзадон танҳо ба иттиҳодияҳои расмии бақайдгирифташудаи сиёсӣ дода мешавад, ки расмиёти бақайдгирии муқаррарнамудаи қонунгузориро гузашта, салоҳияти дахлдор барои иштирок дар равандҳои интихоботиро дар сатҳи президентӣ доранд.

Тартиби иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботи Президенти ҶТ тибқи қоидаҳои қатъӣ муқарраршуда амалӣ карда мешавад. Як унсури муҳимми ин раванд таҳия намудани рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби Вазорати адлияи ҶТ мебошад, ки ҳуқуқи иштирок дар интихоботи президентиро доранд. Ин рӯйхат

дар санаи нашри расмии қарори таъини интихобот омода гардида, ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ (КМИР) пешниҳод мегардад.

Шомил кардани ҳизб ба ин рӯйхат дар асоси меъёрҳои объективии ҳуқуқӣ амалӣ мегардад, новобаста аз он ки оё ҳизби мазкур нияти воқеии пешбарии номзади худро дорад ё не. Ба ин рӯйхат ҳамаи ҳизбҳои сиёсие ворид карда мешаванд, ки то рӯзи таҳияи он расман ба қайд гирифта шуда, фаъолияти онҳо идома дорад, агар фаъолияти онҳо муваққатан боздошта нашуда бошад, онҳо барҳам дода нашуда бошанд ё ба дигар шаклҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ табдил дода нашуда бошанд, [3].

Ҳамин тариқ, низоми иштироки ҳизбҳои сиёсӣ дар интихоботи Президенти ҶТ ба меъёрҳои дақиқи ҳуқуқӣ такя мекунад, ки қонунӣ будани онҳо ва баробарии иштирокдоронро дар раванди интихобот таъмин менамояд. Танзими ин механизми ҳуқуқӣ ба ташаккули муҳити интихоботии шаффоф ва мутобиқ ба қонун равона гардида, ба рушди демократии низоми сиёсии кишвар мусоидат менамояд.

Раванди пешбарии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ тартиби қатъиян танзимшавандаро дар бар мегирад, ки аз чанд марҳилаи калидӣ иборат мебошад. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо ба таъмини қонуният, шаффофият ва қонунӣ будани иштироки номзадҳо дар маъракаи интихоботӣ равона шудааст. Марҳилаҳои асосии ин раванд иҷрои чунин корҳоро дар бар мегиранд:

1. Таҳияи ҳуҷҷатҳо барои пешбарии расмии номзад. Дар ин марҳила субъектҳое, ки мувофиқи қонун ҳуқуқи пешниҳоди номзад ба мансаби Сарвари давлатро доранд, омодасозии маҷмуи ҳуҷҷатҳои заруриро анҷом медиҳанд.

2. Ташкили анҷуман ва баргузории он ва ё конференсияи субъектҳои пешбарӣ. Ин марҳила баргузор кардани ҷаласаи расмии субъектҳое, ки ҳуқуқи пешбарии номзад ба интихоботи президентиро доранд, пешбинӣ менамояд. Дар ҷараёни анҷуман ё конференсия номзадҳои пешниҳодшуда баррасӣ мешаванд, муҳокима мегарданд ва овоздиҳӣ баргузор мегардад, ки натиҷаҳои овоздиҳӣ

дар протоколҳои дахлдор сабт мегарданд. Маҳз, ин қарорҳо асоси идомаи расмии раванди пешбарии номзадро ташкил медиҳанд.

3. Ирсоли огоҳинома ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ (КМИР) ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо. Баъди тасдиқи номзад, субъекте, ки пешбарии ӯро анҷом додааст, огоҳиномаи расмиро ба КМИРҶТ мефиристад. Ҳамзамон, бо ин, маҷмуи ҳуҷҷатҳо, ки қонунияти пешбарии номзад ва маълумот дар бораи ӯро тасдиқ мекунанд, пешниҳод мегарданд. Дар ин марҳила, риояи тамоми талаботи қонунгузорӣ санҷида мешавад, ки шарти ҳатмии роҳ додани номзад ба зинаи минбаъдаи интихоботӣ мебошад.

4. Қайди номзад дар КМИРҶТ. Марҳилаи ниҳоӣ баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби комиссияи интихоботӣ ва баровардани қарор дар бораи сабти номи номзадро дар бар мегирад. Агар ҳамаи маводи пешниҳодшуда ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ бошанд, номзад мақоми расмии иштирокдори маъракаи интихоботи президентиро ба даст меорад.

Марҳилаҳои мазкурро муфассалтар баррасӣ мекунем. Раванди пешбарии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ маҷмуи амалҳои пайдарпайро дар бар мегирад, ки дар қонунгузории миллӣ оид ба интихобот муфассал танзим шудааст. Дар баробари ин, заминаи қонунгузорӣ як қатор талаботи иловагиро дар бар мегирад, ки ба таъмини шаффофият, демократӣ ва баробарии шарту шароит барои ҳамаи иштирокдорони раванди интихоботӣ равона шудаанд.

Марҳилаи аввал ин таҳияи ҳуҷҷатҳо барои пешбарӣ ва ташкил намудани анҷуман (ё конференсия) мебошад. Қадами ибтидоӣ омода намудани маҷмуи пурраи ҳуҷҷатҳо мебошад, ки барои баргузор намудани анҷуман ё конференсияи субъект (ё субъектҳо)-е, ки ҳуқуқи расмии пешбарии номзад ба мансаби Президенти ҶТ доранд, зарур аст. Ба ин баста огоҳиномаи хаттӣ ба КМИРҶТ дар бораи сана ва макони баргузории чорабинӣ, инчунин, лоиҳаи қаблии таҳияшудаи қарор дар бораи пешбарии номзад дохил мешавад. Барои қабули чунин қарор зарур аст, ки аксарияти вакилони ҳузурдошта дар ҷаласа ҷонибдорӣ намоянд. Дар протоколи ниҳоии ҷаласа натиҷаҳои овоздиҳӣ ва

дигар маълумоти муҳим, ки барои тасдиқи қонуният ва дурустии пешбарии номзад заруранд, сабт карда мешаванд.

Марҳилаи дуюм – огоҳ намудани КМИР ҶТ ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо оид ба номзад. Субъекте, ки номзадро пешбарӣ намудааст, ухдадор аст дар муддати се рӯз ба КМИР ҶТ бастаи расмии ҳуҷҷатҳоро ирсол намояд. Ба ин бастаи ҳуҷҷатҳо дохил мешаванд:

- протоколи ҷаласаи мақоми олии роҳбарикунанда (анҷуман ё конференсия), ки дар он натиҷаҳои овоздиҳӣ ба таври муфассал инъикос ёфтаанд;
- варақаҳои дорои имзои шаҳрвандон, ки номзадро дастгирӣ менамоянд (бо тасдиқи шахсони ваколатдор дар ноҳияҳо ва шаҳрҳо);
- маълумоти мухтасар оид ба тарҷумаи ҳоли номзад, ки мутобиқати ӯро ба талаботи муқарраргардида тасдиқ мекунад;
- аризаи хаттии худи номзад бо изҳори розигӣ барои иштирок дар интихоботи Президенти ҶТ.

Қобили зикр аст, ки қонунгузории ҶТ шартҳои иловагиро низ муқаррар намудааст: номзад бояд дастгирии на камтар аз панҷ фоизи шумораи умумии соҳибони ҳуқуқи фаъоли интихоботиро соҳиб шавад. Ҷамъоварии имзоҳои дастгирии номзад тибқи тартиб ва муҳлатҳое анҷом дода мешавад, ки аз ҷониби КМИРҶТ муқаррар мегарданд.

Марҳилаи сеюм – бақайдгирии номзад дар КМИР ҶТ. Пас аз қабул намудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР ҶТ) онҳоро ҷиҳати мутобиқати онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамуда ва риояи тамоми талаботи расмиро мавриди санҷиш қарор медиҳад. Дар ҳолате, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда мувофиқи қонун эътироф шаванд, Комиссия қарори худро дар бораи бақайдгирии номзад қабул менамояд ва дар муҳлати ду рӯз шахсан номзадро ҷиҳати қабул шудани қарор огоҳ месозад. Пас аз бақайдгирии муваффақона дар КМИР ҶТ, ба номзад шаҳодатнома дода мешавад (барои ин амалиёт ду рӯз пешбинӣ шудааст).

Ҳамзамон, қонунгузории интихоботии кишвар имконияти бозхонди қарор оид ба пешбарии номзадро то рӯзи баргузории интихобот пешбинӣ мекунад. Субъектҳое, ки номзадро пешбарӣ намудаанд, ҳуқуқ доранд дар анҷумани навбатӣ (ё конференсия) қарори қаблан қабулкардаашонро бекор намоянд ва дар бораи ин тасмим тавассути ҳуҷҷатҳои дахлдор Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМИР ҶТ)-ро огоҳ созанд. Дар чунин ҳолатҳо қонунгузорӣ ба таври возеҳ муайян накардааст, ки оё пас аз радди ихтиёрии номзади ибтидоӣ, ҳамон субъект метавонад номзади дигарро дубора пешбарӣ намояд ё на, ки боиси ба миён омадани баҳсҳо ва муҳокимаҳои гуногун дар доираи назария ва амалияи ҳуқуқ мегардад [3].

Ҳамин тавр, расмиёти бақайдгирии номзадҳо ба мансаби Президент яке аз муҳимтарин марҳилаҳои маъракаи пешазинтихоботиро ташкил медиҳад, ки аз рӯйи натиҷаҳои он мақоми ҳуқуқии номзадҳо муайян мегардад. Тавре ки пажуҳишгари ватанӣ А.И. Имомов таъкид менамояд: «Бақайдгирии номзадҳо ба мансаби Президенти кишвар яке аз марҳилаҳои пурмасъулияти маъракаи интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, одатан, тартиби бақайдгирии номзадҳо ба таври муфассал тавассути қонунгузории интихоботӣ танзим карда мешавад» [84, с. 760].

Дар навбати худ, Н. Михалева қайд менамояд: «Аз лаҳзаи бақайдгирӣ номзад мақоми дахлдори ҳуқуқиро соҳиб мешавад, ки ба ӯ имкон медиҳад бидуни монеа ва баробар бо дигарон дар маъракаи пешазинтихоботӣ ширкат варзад. Далели бақайдгирӣ аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад. Маҳз, пас аз бақайдгирӣ, номзад ҳуқуқ пайдо мекунад, ки таблиғоти пешазинтихоботӣ анҷом диҳад, дар ҷамъомадҳо, гирдиҳамоиҳо, воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио баромад намояд; аз мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ маълумот ва маводи иттилоотии заруриро дарёфт намояд; барномаи фаъолиятиояндаи худро пешкаш намояд; ба комиссияҳои интихоботии дахлдор ҷиҳати таъмин намудани толорҳо барои мулоқот бо интихобкунандагон, дархост ирсол намояд; инчунин, дар давраи

маъракаи пешазинтихоботӣ аз иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ ё хизматиаш озод карда шавад» [305].

Ҳамин тариқ, аз лаҳзаи бақайдгирии расмӣ ба сифати номзад ба мансаби Президенти ҶТ шахс мақоми ҳуқуқии дахлдорро соҳиб мегардад, ки ба ӯ имконият медиҳад пурра ва баробар бо дигар номзадҳои расман сабтиномшуда дар маъракаи интихоботӣ иштирок намояд. Бақайдгирии номзад на танҳо иштироки қонунии ӯро дар раванди интихоботӣ тасдиқ менамояд, балки дорои аҳаммияти муҳимми ҳуқуқӣ мебошад, зеро маҳз, аз ҳамин лаҳза номзад ба як қатор ҳуқуқҳо ва имтиёзҳое соҳиб мешавад, ки бо қонун муқаррар гардидаанд, ба ӯ имконият медиҳанд маъракаи интихоботиро дар чорчӯбаи расму ойини демократӣ пеш барад.

Масъалаи мақоми ҳуқуқии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ дар боби 6 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ба таври возеҳ муқаррар карда шудааст, ки ба кафолатҳои фаъолияти номзадҳои аллакай сабтиномшуда бахшида шудааст. Ба номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ имкониятҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- дастрасии баробар ба воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, радио ва телевизион дар қаламрави ҶТ;

- шароити баробари таъминоти моддӣ-техникӣ ва маблағгузории маъракаи интихоботӣ;

- имконияти баргузор намудани вохуриҳо бо интихобкунандагон ва суханронӣ бо барномаҳои худ дар шаклҳои гуногун;

- озод шудан аз вазифаҳои хизматӣ ё истеҳсолӣ барои давраи пешбурди таблиғот бо нигоҳдории музди миёнаи меҳнатӣ;

- манъи аз кор озод кардан ё ба вазифаи дигар гузаронидан бе розигии номзад;

- ҳуқуқи сафари ройгон бо ҳама гуна воситаҳои нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ ва байнишаҳрии дохили ҷумҳурӣ (ба истисноi таксӣ);

- ҳифз аз таъқиби ҷиноятӣ, ҷазоҳои маъмурӣ ва чораҳои маҳдудкунанда бе ризояти КМИР ҶТ;

- ҳуқуқи таъин намудани шахсони боэътимод то 15 нафар [3].

Ҳамин тавр, кафолатҳое, ки ба номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ дода мешаванд, гувоҳи онанд, ки қонунгузор ба таъмини баробарии иштирокдорони раванди пешазинтихоботӣ саъй мекунад. Таҳлили ин меъёрҳо имкон медиҳад, ки чанд нуктаи калидӣ ҷудо карда шаванд, ки онҳо принсипҳои умумии ҳуқуқи интихоботии демократиро инъикос менамоянд.

Нахуст, дастрасии баробар ба воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, ба барномаҳои радио ва телевизион, ки яке аз воситаҳои муҳимми рақобати сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ин кафолат медиҳад, ки тамоми номзадҳои сабтиномшуда тавонанд барномаи пешазинтихоботии худро ба доираи васеи интихобкунандагон расонанд ва сатҳи нобаробарии мавҷударо, ки бинобар имконоти гуногуни молиявӣ ё маъмурӣ ба вуҷуд меоянд, коҳиш диҳанд. Ҳамчунин, таъмин намудани баробарии шароити моддию техникии маъракаҳои интихоботӣ ва дастгирии молиявӣ низ нақши монандро мебозад. Ин тадбирҳо пеши роҳи тақсими ноодилонаи захираҳоро гирифта, ба ташаккули рақобати соф ва одилона мусоидат мекунанд.

Яке аз ҷанбаҳои асосии сабти ном, ҳуқуқ ба пешбурди таблиғоти пешазинтихоботӣ мебошад. Таъмини номзадҳо бо иттилооти зарурӣ ба баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти таблиғотии онҳо ва ба таъмини шаффофият ва ошкороии раванди интихоботӣ ёрӣ мерасонад.

Номзадҳои расман сабтиномшуда, инчунин, метавонанд барномаи фаъолияти эҳтимолии ояндаи худро муаррифӣ намоянд ва ба шаҳрвандон самтҳо ва афзалиятҳои асосии сиёсати пешбинишудаи президентии худро тавзеҳ диҳанд.

Комиссияҳои интихоботӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар сохторҳои ваколатдор уҳдадоранд ба номзадҳо дар ҷудо кардани чунин ҷойҳо ёрӣ расонанд. Ин тадбирҳо барои таъмин намудани шароити баробар дар пешбурди маъракаи таблиғоти пешазинтихоботӣ мусоидат мекунанд.

Дуюм, ҳуқуқи озод шудан аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё истеҳсолӣ дар давраи маъракаи интихоботӣ ба номзадон имконият медиҳад, ки фаъолияти

таблиғотиро бидуни парешонӣ аз корҳои касбии худ ва бе гум кардани манбаи даромади молиявӣ анҷом диҳанд. Ба ин гурӯҳи кафолатҳо, ҳамчунин, манъи аз кор озод кардан ва ё ба мансаби дигар гузаронидани номзад бе ризояти ӯ дохил мешавад, ки чунин тадбир барои пешгирии фишор ва дахолати корфармо нисбат ба номзад равона шудааст. Ин меъёри қонунӣ ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои тамоми довталабон, сарфи назар аз фаъолияти касбии онҳо, равона гардида, ба номзадон имкон медиҳад, ки бе ҳар гуна фишори корфармоён ё сохторҳои маъмурӣ, тамоми диққати худро ба пешбурди маъракаи интихоботӣ равона созанд.

Сеюм, фароҳам овардани ҳуқуқи ройгон сафар кардан дар тамоми ҳудуди ҶТ ва кафолати дахлнопазирӣ аз таъқиби ҷиноятӣ ва маъмурӣ бидуни ризояти Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, барои иштироки фаъол ва амн дар чорабиниҳои таблиғотӣ, аз ҷумла, сафар ба минтақаҳо бо мақсади мулоқот бо интихобкунандагон шароит фароҳам меорад.

Чорум, ҳуқуқи доштани шахсони боэътимод (то 15 нафар) имкониятҳои номзадро дар самти ҳамкорӣ бо интихобкунандагон васеъ месозад, ба назорати ҷараёни маъракаи интихоботӣ ва раванди интихобот мусоидат мекунад, инчунин, шаффофият ва ҳисоботдиҳии расмиёти интихоботиро таъмин менамояд.

Ниҳоят, муқаррар намудани уҳдадории комиссияҳои интихоботӣ, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар қонунгузорӣ ҷиҳати мусоидат ба номзадҳои расман сабтиномшуда (таъмини онҳо бо толорҳо барои вохуриҳо, паҳн намудани иттилоот оид ба вақти баргузоршавӣ ва макони онҳо, мусоидат дар ҷамъоварии маълумоти иттилоотӣ ва ғайра), муҳиммияти таъмини ҳамоҳангсозии дурусти институтсионалии раванди интихоботиро таъкид мекунад.

Ҳамин тариқ, кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ барои номзадҳо ба мансаби Президенти кишвар ба таҳкими рақобатпазирӣ, шаффофият ва адолати интихобот нигаронида шудаанд. Эътирофи ҳуқуқии мақоми номзад ба мансаби президент пас аз бақайдгирии расмии ӯ боиси ба

миён омадани доираи васеи ҳуқуқ ва кафолатҳо мегардад, ки ба таъмини баробарии шароити иштирок дар маъракаи пешазинтихоботӣ равона шудаанд. Ин раванд на танҳо ба амалисозии принсипҳои демократӣ мусоидат мекунад, балки нақши калидӣ дар ташаккули муҳити рақобатпазири интихоботӣ мебозад. Он шароити дастрасии номзадҳоро ба таваҷҷуҳи ҷомеа, захираҳои иттилоотӣ ва минбарҳои ҷамъиятӣ барои муаррифии барномаҳои худ фароҳам месозад. Бо вуҷуди ин, татбиқи муваффақонаи ин ҳуқуқҳо дар амал на танҳо танзими возеҳи қонунгузориро талаб мекунад, балки механизми самараноки иҷрои онҳоро низ дар бар мегирад, аз ҷумла, назорат аз ҷониби нозирони мустақил ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ.

Бақайдгирии номзад ба ташаккули мақоми устувори ҳуқуқӣ замина мегузорад, аммо самаранокии татбиқи ин ҳуқуқҳо дар амал бештар ба сатҳи риояи онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва комиссияҳои интихоботӣ вобаста мебошад. Ҳамчунин, ҳузури назорати мустақили ҷамъиятӣ низ нақши муҳим дорад, ки он кафолати риояи принсипҳои демократии раванди интихоботиро таъмин менамояд.

Яке аз талаботи асосӣ мутобиқ будани барномаи пешазинтихоботии онҳо ба меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ва принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Аз ҷумла, номзадҳо ҳақ надоранд идеяҳо ва ташаббусҳое пешниҳод намоянд, ки ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, меъёрҳои демократӣ ва қоидаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи маъракаи интихоботӣ мухолифат кунанд. Ин талабот ба таъмини қонунии раванди сиёсӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандоне, ки дар интихобот иштирок мекунанд, равона гардидааст.

Илова бар ин, қонунгузории интихоботӣ истифодаи усулҳое, ки ба принсипҳои демократӣ мухолифанд, дар фаъолияти таблиғотии пешазинтихоботӣ манъ менамояд. Аз ҷумла, истифодаи захираҳои маъмурӣ, фишори сиёсӣ, паҳн кардани маълумоти бардурӯғ ё дигар роҳу воситаҳои ғайриқонунии таъсиррасонӣ ба афкори умум ва рафтори интихоботии шаҳрвандон қатъиян роҳ дода намешавад. Чунин тадбирҳо ба хотири пешгирии манипулятсияҳо дар ҷараёни интихобот равона гардида, баробарии шароити

иштирок барои ҳамаи номзадҳо, новобаста аз мансубияти сиёсӣ ва дороии захираҳои иҷтимоии онҳо, таъмин менамоянд.

Сарфи назар аз муқаррароти меъёрии принсипҳои асосии ҳуқуқи интихоботӣ, таҷрибаи татбиқи онҳо дар раванди интихобот метавонад ниёз ба такмили минбаъда дошта бошад. Хусусан, ин ба як қатор ҷанбаҳои расмиятии тартибот дахл дорад, ки ниёз ба дақиқсозии иловагӣ ва механизмҳои татбиқи амалии онҳо доранд. Дар баъзе ҳолатҳо, набудани танзими муфассал ё норавшании ибораҳои ҳуқуқӣ метавонад боиси холигиҳои ҳуқуқӣ, ё ба тафсирҳои гуногун бурдани меъёрҳои интихоботӣ гардад, ки эҳтимолан, метавонад татбиқи самараноки онҳоро душвор гардонад.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи амалисозии қонунгузорӣ ва бартараф намудани номуайянии эҳтимолӣ дар танзими раванди интихоботӣ, зарурати такмили ҳамаҷонибаи қонунгузории интихоботӣ ба миён меояд. Пеш аз ҳама, бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳкими низоми назорати риояи тартиботи интихоботӣ равона карда шавад. Ин аз ҷорӣ намудани механизмҳои шаффофи мониторинги интихобот, тавсеаи салоҳияти нозирони мустақил ва таҳияи воситаҳои самарабахши пешгирӣ ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳои эҳтимолӣ иборат мебошад.

Илова бар ин, яке аз самтҳои муҳимми рушди низоми интихоботӣ рақамикунонии равандҳои интихоботӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, раванди рақамикунонии интихобот бояд бо тақвияти чораҳои ҳифзи маълумот, пешгирии хатарҳои эҳтимолии киберҳамлаҳо ва таъмини эътимоднокии низомҳои техникии истифодашаванда ҳамроҳӣ карда шавад. Дар ин замина, зарурати ташкили низоми мукаммали амнияти иттилоотӣ ва таъсиси механизмҳои мустақили тасдиқи натиҷаҳои овоздиҳӣ ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии муосир, ки амалӣ ва боэътимод будани раванди интихоботро таъмин менамоянд, равона гардад. Чунин тадбирҳо на танҳо ба таҳкими эътимоди ҷомеа нисбат ба ниҳоди интихоботӣ мусоидат мекунанд, балки ба рушди устувори демократии кишвар низ замина мегузоранд.

Ҳамин тавр, заминаи қонунгузории интихоботи Президенти ҶТ, дар маҷмуъ, ба меъёрҳои демократӣ мутобиқат дорад ва сатҳи зарурии танзими ҳуқуқиро фароҳам месозад. Мутобиқсозии минбаъдаи қонунгузории интихоботӣ ба даъватҳои замони муосир метавонад ба самаранокии бештари он, баланд бардоштани сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои интихоботӣ ва таҳкими равандҳои демократӣ дар кишвар мусоидат намояд.

# БОБИ 3. ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ИДМ

## 3.1. Хусусиятҳои хоси баргузории ҷараёни интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Интихобот механизми бунёдии демократӣ ба ҳисоб меравад, ки ба воситаи он интиқоли қудрат дар асоси изҳори иродаи мардум амалӣ мегардад.

Интихоботи президент нақши калидиро дар механизми давлатӣ-ҳуқуқӣ ва нигоҳдории суботи ҷомеа иҷро мекунад, зеро он ба қонунигардонӣ осоиштаи ҳокимият ва таҳкими принсипи соҳибихтиёрии мардум мусоидат менамояд. Дар ин радиф Б.С. Гадоев қайд мекунад, ки «дар ҷаҳони муосир, ин ниҳод ҷузъи ҷудонопазири сохтори давлатӣ буда, сифати он ва хусусияти баргузориаш бошад, нишондиҳандаи сатҳи демократия ва устувории низоми сиёсӣ ба ҳисоб меравад» [61, с. 300].

Интихобот ҳамчун пайванди миёни ҷомеа ва давлат амал мекунад, зеро маҳз, тавассути он иродаи мардум шакли ҳуқуқӣ гирифта, ба асоси идоракунии давлатӣ табдил меёбад. Дар ҷараёни раванди интихоботӣ, шаҳрвандон ҳуқуқи конститутсионии худро барои иштирок дар идоракунии давлат амалӣ менамоянд, ки ин ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ мусоидат мекунад. Олимони ватанӣ М.А. Диноршоев, С.М. Салоҳиддинова, Н.Р. Сафарзода чунин андеша доранд, ки «интихобот татбиқи принсипи соҳибихтиёрии мардумро таъмин менамояд, зеро ҳокимият дар асоси иштироки мустақими шаҳрвандон, рақобати неруҳои сиёсӣ ташаккул меёбад, барои иштироки ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар идоракунии давлат шароит фароҳам меорад. Ҳамзамон, он ба ҳукми қонунӣ пайдо намудани ҳокимияти давлатӣ мусоидат мекунад, зеро намояндагони интихобшуда ваколати худро аз ҷониби мардум ба даст меоранд. Ҳамчун арзиши демократӣ, интихобот на танҳо сохтори ҳокимиятро муайян мекунад, балки иштироки васеи шаҳрвандонро дар идоракунии кишвар таъмин менамояд, ҳисоботдиҳии

ҳокимиятро ба мардум кафолат дода, принсипҳои асосии давлати демократиро таҳким мебахшад» [66, с. 171].

Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқшиносӣ, ташкили интихобот ва раванди баргузории он, аз ҷумла, интихоботи президентӣ, бо раванди интихоботӣ зич алоқаманд аст. Ин раванд маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки қоидаҳои баргузории интихобот, принсипҳои интихоботро, аз қабили умумият, баробарӣ, овоздиҳии пинҳонӣ, ихтиёрии иштирок ва ҷавобгарӣ барои қонунвайронкуниҳоро, ки ба чунин ҳуқуқвайронкуниҳо тақаллуб, хариду фурӯши овозҳо ва дигар намудҳои қонунвайронкунӣ дохил мешаванд, муайян месозад.

Тавре ки қаблан зикр кардем, дар илми муосири ҳуқуқи интихоботӣ баҳсҳо оид ба муҳтаво ва сохтори мафҳуми «марҳилаи раванди интихоботӣ» идома доранд. Сарфи назар аз омӯзиши фаъолонаи ин мавзуъ, то ҳол ягона тарзи муайян кардани ин мафҳум таҳия нашудааст. Мактабҳо ва равияҳои гуногуни илмӣ таърифҳои хоси худро дар бораи ин падида пешниҳод мекунанд, ки аксар вақт, дар муҳтаво фарқиятҳои назаррас доранд. Муаллифон чор равиши асосиро ҷудо мекунанд – равиши расмӣ (техникӣ-ҳуқуқӣ), равиши низомӣ, равиши меъёрӣ ва равиши омехта [261, с. 18-28].

Ин нуқтаи назар ба тасаввуре асос ёфтааст, ки раванди интихоботӣ як навъи раванди ҳуқуқӣ мебошад, ки онро ба категория (макула)-и расмӣ-ҳуқуқӣ табдил медиҳад. Равиши дуюмро бошад, на ҳамчун пайдарҳамии механикии марҳилаҳо, балки ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни ташкил ва баргузории интихобот ба вуҷуд меоянд, шарҳ медиҳад. Равиши сеюм раванди интихоботиро ҳамчун маҷмуи меъёрҳои расмӣ шарҳ медиҳад, ки омодагӣ ва баргузории интихоботро танзим мекунанд. Дар ин ҳолат, раванди интихоботӣ ҳамчун як ниҳоди ҳуқуқи интихоботӣ фаҳмида мешавад, ки қоидаҳои ташкили интихобот ва овоздиҳиро дар бар мегирад. Равиши ниҳоӣ табиати бисёрҷабҳаи раванди интихоботиро дар назар дорад. Тибқи ин нуқтаи назар, раванди интихоботӣ як механизми танзими ҳуқуқии ташаккули ҳокимияти давлатӣ тавассути интихобот мебошад [261, с. 18-28].

Дар доираи низоми интихоботии кишвар, аз ҷумла, интихоботи Президенти ҶТ равиши протсессуалӣ мақоми ҳукмронро ишғол мекунад. Ин равиш раванди интихоботиро ҳамчун як силсилаи пайдарпайи расмиёти ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд, ки ба ташкил ва баргузории интихобот равона шудааст. Дар натиҷа, бисёре аз муҳаққиқон қоидаҳои назарияи умумии расмиётро ба ҳуқуқи интихоботӣ татбиқ намуда, ба ташаккули консепсияҳои гуногуни марҳилаҳои раванди интихоботӣ мусоидат карданд, ки вобаста ба шумораи марҳилаҳо ва муҳтавои онҳо аз ҳам фарқ мекунанд.

Низоми муносибатҳои ҳуқуқии моддӣ ва расмии интихоботӣ равона шудаанд, ки аз ҷониби субъектҳои муайян дар доираи тартиботи қонунгузорӣ амалӣ мегарданд.

Таҳлили Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» имкон медиҳад, ки як қатор меъёрҳои марҳилаҳои раванди интихоботӣ дар интихоботи президентӣ муайян карда шаванд, ки метавонанд ба марҳилаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ ҷудо шаванд. Марҳилаҳои ҳатмӣ хусусиятҳои аслии раванди интихоботиро муайян мекунанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

– муҳтавои асосӣ, яъне ҳар як марҳила ҳадафи мушаххаси расмӣ дорад (масалан, таъини интихобот, таблиғоти интихоботӣ ва ғ.);

– доираи мушаххаси иштирокдорон – дар ҳар як марҳила субъектҳои муайян (комиссияҳои интихоботӣ, номзадҳо, мақомоти давлатӣ) ширкат мекунанд;

–шаклҳои расмӣ, яъне ҳар марҳила тавассути санадҳои меъёрӣ тасдиқ карда мешавад (масалан, фармон дар бораи таъини интихобот).

Дар навбати худ, меъёрҳои иловагӣ нишондодҳои тағйирёбандаи рафтори иштирокдорони раванди интихоботиро пешбинӣ мекунанд. Ба ин меъёрҳо метавон чунин унсурҳоро дохил намуд. Аввалан, хусусияти махсуси ҳайати субъектҳо, яъне дар баъзе марҳилаҳо иштироки мақомоти давлатӣ талаб карда мешавад, дар дигар марҳилаҳо – номзадҳо ва интихобкунандагон. Дувум, мавҷудияти ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ – дар баъзе ҳолатҳо марҳила бо нашри санади расмии ҳуқуқӣ ба анҷом мерасад (масалан, ҷамъбасти натиҷаҳои интихобот).

Сеюм, ҷанбаи хронологӣ – марҳилаҳо на ҳамеша пайдарпай сурат мегиранд ва метавонанд, ҳамзамон, ҷараён дошта бошанд (масалан, бақайдгирии номзадҳо ва баргузории таблиғоти интихоботӣ) [80, с. 186].

Бо такя ба гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки раванди интихоботӣ оид ба интихоби Президенти ҶТ метавонад ба амсилаи сеҳадафаи марҳилавӣ ҷудо карда шавад, ки дар доираи он тартиботи пешбининамудаи қонунгузории интихоботии кишвар амалӣ мегардад:

- марҳилаҳои омодагӣ;
- марҳилаҳои маъракаи интихоботӣ;
- марҳилаҳои ниҳоӣ.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳоро муфассал баррасӣ мекунем.

**Марҳилаҳои омодагӣ.** Ин марҳила фарогири фазои ибтидоии раванди интихоботӣ буда, шароити заруриро барои баргузории интихобот фароҳам меорад. Ба чунин равандҳо дохил мешаванд:

- таъини интихобот – муайян кардани санаи овоздиҳӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор;
- ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ – тақсимоти ҳудудӣ ба ҳавзаҳо ва муайян намудани марзҳои онҳо;
- ташкили комиссияҳои интихоботӣ. Ҳадафи асосии ин марҳилаҳо муҳайё сохтани шароити ташкилии интихобот мебошад.

**Марҳилаҳои маъракаи интихоботӣ.** Дар ин марҳила муборизаи пешазинтихоботии номзадҳо ва иттиҳодияҳои интихоботӣ сурат мегирад. Марҳилаҳои калидии он иборатанд аз:

- пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо;
- гузаронидани таблиғоти пешазинтихоботӣ ва огоҳ намудани интихобкунандагон;
- маблағгузории маъракаи интихоботӣ. Ҳадафи асосии ин марҳилаҳо ташаккули иродаи сиёсии интихобкунандагон мебошад.

**Марҳилаҳои ниҳоӣ.** Ин марҳила ба ҷамъбасти натиҷаҳои интихобот ва ташкили сохторҳои давлатӣ равона шудааст. Марҳилаҳои муҳимми он иборатанд аз:

- баргузории интихобот; шуморидани овозҳо ва ҷамъбасти ниҳоии натиҷаҳо;

- нашри расмии хулосаҳои интихоботӣ;

- сабти ном ва тасдиқи номзадҳои пирӯзгардида;

- адои савганд;

- баррасӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба интихобот.

Дар баробари ин, баъзе олимон бар он ақидаанд, ки марҳилаи ҳаллу фасли баҳсҳои интихоботӣ метавонад дар ҳар кадоме аз марҳилаҳои раванди интихоботӣ ҷой дошта бошад, бинобар ин, онро шартан, ба марҳилаҳои ниҳоӣ мансуб медонем. Ҳадафи асосии ин марҳилаҳо расман бо ваколатҳо таъмин намудани шахсони интихобшуда мебошад.

Бархе муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки «марҳилаҳои иловагии шартиро, аз ҷумла, овоздиҳии такрорӣ (даври дуюм), интихоботи такрорӣ, интихоботи иловагӣ (дар ҳолати қатъ гардидани ваколатҳои пеш аз муҳлат) ҷудо намоем. Вале, ба назари мо, ин марҳилаҳо унсурҳои алоҳидаи раванди интихоботӣ нестанд, балки шаклҳои гуногуни он ба шумор мераванд, зеро интихоботи такрорӣ низ ҳамон марҳилаҳои асосии интихоботро» дар бар мегирад [66, с. 200].

Дар идома, мо хусусиятҳои баргузории интихоботи Президенти Тоҷикистонро бар асоси марҳилаҳои муайянкардаамон баррасӣ менамоем.

Таъини интихобот яке аз марҳилаҳои муҳимми раванди интихоботӣ маҳсуб ёфта, амалӣ шудани ҳатмият, даврият ва қонунияти онро таъмин менамояд.

Таъини интихобот на танҳо вазифаи ташкиливу ҳуқуқиро иҷро мекунад, балки нақши қонунигардонӣ (легитиматсия) низ дорад. Танҳо пас аз муқаррар гардидани расмии санаи интихобот чунин амалҳо, аз қабили пешбарии номзадҳо, ташкили ҳавзаҳо ва қитъаҳои интихоботӣ, бақайдгирии

иштирокдорони раванди интихобот ва баргузории маъракаи таблиғотӣ, имконпазиранд [87, с. 171].

Агар қарор дар бораи таъини интихобот бо тартиби муқаррааргардида қабул ва расмӣ нашуда бошад, иҷрои дигар марҳилаҳои раванди интихоботӣ ғайриимкон гардида, тамоми амалҳои минбаъдаи интихоботӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ эътибори худро аз даст медиҳанд.

Ҳамин тавр, таъини интихобот як марҳилаи ҷудонопазир ва аввалиндараҷаи раванди интихоботӣ мебошад, ки дурустӣ ва саривақтии татбиқи он қонунияти тамоми маъракаи интихоботиро муайян мекунад. Ин марҳила вазифаи ба ҳаракат даровардани механизми интихоботиро иҷро мекунад, даврият ва ҳатмияти интихоботро кафолат медиҳад, инчунин, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилиро барои тамоми фаъолиятҳои минбаъда дар самти омодагӣ ва баргузории интихобот таъмин мекунад. Бо сабти он дар сатҳи қонунгузории конститутсионӣ, тартиби таъини интихобот калиди асосии низоми намояндагии халқ ва фаъолияти давлати демократӣ ба ҳисоб меравад [61, с. 300].

Тавре ки муаллифони ватанӣ зикр мекунанд, интихоботи президентӣ яке аз муҳимтарин ниҳодҳои идоракунии демократӣ ба шумор меравад. Дар кишварҳои фазои пасошуравӣ, аз ҷумла, дар ҶТ, ин ниҳод дар охири солҳои 80-ум ба вуҷуд омадааст. Сарфи назар аз заминаҳои таърихии умумии ташаккули низомҳои интихоботӣ дар давлатҳое, ки пас аз пошхӯрии ИҶШС таъсис ёфтанд, механизми таъини интихоботи президентӣ дар онҳо ба таври назаррас фарқ мекунад. Ин тафовут ҳам ба анъанаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам ба хусусиятҳои рушди ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳар як кишвар вобаста аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар давлатҳои фазои пасошуравӣ, модели хоси худро барои ташкили интихоботи президентӣ таҳия кардааст, ки бар принсипҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ асос ёфтааст.

Таҳлили таҷрибаи конститутсионии давлатҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки се модели таъини интихоботи президентӣ дар ин кишварҳо мавҷуд аст:

1) Модели парлумонӣ – интихоботро маҷлисҳои қонунгузор таъин мекунанд (Тоҷикистон, Узбекистон, Арманистон).

2) Модели марказонидашуда – сарвари давлат қарор дар бораи таъини интихоботро қабул мекунад (Россия, Қазоқистон, Беларус).

3) Модели интихоботӣ – Комиссияи марказии интихобот таъини интихоботро ба ухда дорад (Украина, Латвия, Литва, Эстония).

Ҳангоми тавзеҳи ҳар яке аз моделҳои мазкур, олимон як қатор хусусиятҳои онҳоро муайян мекунанд. Дар кишварҳое, ки интихоботро парлумон таъин мекунад, механизми иловагии назорат аз ҷониби ҳокимияти қонунгузор ба вуҷуд оварда мешавад. Барои кишварҳое, ки модели марказонидашуда доранд, хосиятҳои зерин мушоҳида мешаванд:

- интихоботро президент таъин мекунад, ки ин вобастагии амудиро аз ҳокимияти иҷроия эҷод мекунад;

- дар ҳолати қатъи пеш аз муҳлати ваколатҳои президент, интихобот метавонад дар муҳлатҳои кутоҳ (ҳатто, камтар аз се моҳ) таъин карда шавад;

- баъзан муҳлати интихобот вобаста ба вазъи сиёсӣ тағйир дода мешавад.

Барои кишварҳое, ки модели интихоботиро истифода мебаранд, хусусиятҳои зерин мавҷуданд:

- интихоботро Комиссияи марказии интихобот, ки мақоми мустақил аст, таъин мекунад;

- санаи амиқи интихобот дар Конститутсия муқаррар гардидааст ва дақиқ муайян шудааст;

- агар ваколатҳои президент пеш аз муҳлат қатъ шаванд, интихоботи нав дар муҳлатҳои қатъӣ (одатан, дар давоми 90 рӯз) баргузор мегардад [142, с. 404].

Ниҳоди давлатие, ки таъини интихобот дар асоси як қатор меъёрҳои бунёдӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои конститутсионӣ муқаррар шудаанд, амал мекунад:

**1. Принсипи ҳатмият ва даврияти интихобот**. Даврияти конститутсионии кафолатдодашуда маънои онро дорад, ки интихобот дар

муҳлатҳои дақиқ ва пешакӣ муайяншуда баргузор мегардад. Ин имкон намедиҳад, ки муҳлати ваколати шахсони интихобшуда худсарона тамдид карда шавад, ки ин дар навбати худ, ба таҳкими ҳокимияти мардумӣ мусоидат мекунад. Даврияти интихобот дар сатҳи императивии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муқаррар гардидааст, ки баргузор нашудани интихоботро ғайриқонунӣ ва ғайриимкон мегардонад, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун мустақиман пешбинӣ намудааст.

**2. Гуногунии ниҳодҳои таъини интихобот**. Қонунгузории интихоботии Тоҷикистон сершумории мақомот ва шахсони мансабдорро пешбинӣ мекунад, ки салоҳияти қабули қарор дар бораи баргузории интихоботро доранд. Вобаста ба сатҳи интихобот ва навъи мақомот**,** таъини интихобот метавонад ҳам аз ҷониби мақомоти қонунгузор ва ҳам ҳокимияти иҷроия анҷом дода шавад. Ин ба низоми интихоботӣ чандирӣ мебахшад ва ба мутобиқати модели унитарии сохтори давлатдорӣ мусоидат мекунад**.**

Бо назардошти ин меъёрҳо, таъини интихоботи президентӣ дар Тоҷикистон ба модели парламентӣ наздик аст. Аммо, фарқияти он дар он аст, ки қарор дар бораи таъини интихобот дар ҷаласаи муштараки ду палатаи парлумон қабул карда мешавад, ки ин тартибро чандиртар мегардонад.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки мувофиқи Конститутсия ва қонунгузории ҷории интихоботии Тоҷикистон, қарори таъини интихоботи президентӣ бояд ҳатман дар воситаҳои ахбори омма на дертар аз се рӯз пас аз қабули он расман нашр карда шавад. Ин талабот яке аз кафолатҳои муҳимми шаффофият ва ошкоро будани раванди интихоботӣ мебошад, зеро дастрасии ҷомеа ба маълумоти расмӣ дар бораи интихоботи дарпешистода таъмин мегардад.

Масъулият барои нашри қарори дахлдор ба дӯши он мақом ё шахси мансабдоре вогузор мегардад, ки қарори таъини интихоботро қабул кардааст. Бо ин меъёр равиши шахсӣ ва масъулиятнок нисбат ба иҷрои ваколатҳои оммавӣ муқаррар мегардад, ки шахси ваколатдор на танҳо интихоботро таъин

мекунад, балки вазифадор аст, ки аҳолиро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дар бораи ин қарор огоҳ созад.

Тибқи қонунгузории ҶТ, «қарор дар бораи таъини интихобот, ки дар доираи ваколатҳои дахлдор ва дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун қабул шудааст, пас аз эътибор пайдо кардан, бекор ё тағйир дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла, дар ҳолати ҷорӣ шудани вазъияти фавқулода ё ҳарбӣ» [3].

Ин меъёр принсипи конститутсионӣ-ҳуқуқии зарурат ва даврияти интихоботро, ки санги асосии низоми интихоботӣ ба ҳисоб меравад, инъикос менамояд. Манъи бекор кардан ё тағйир додани муҳлати интихобот ба таври ихтиёрӣ имкон медиҳад, ки манипулятсияи равандҳои интихоботӣ пешгирӣ гардида, суботи тақвими интихоботӣ таъмин шавад. Ҳамин тавр, муқаррароти Конститутсия ва қонунгузории ҶТ вобаста ба нашри ҳатмии қарор дар бораи таъини интихобот асоси ташкиливу ҳуқуқиро ташаккул медиҳад, ки ҳатмияти интихоботро ҳамчун яке аз унсурҳои калидии низоми демократӣ таъмин мекунад.

Қадами минбаъда дар интихоботи Президенти ҶТ бақайдгирии интихобкунандагон мебошад. Ин яке аз муҳимтарин воситаҳо дар таъмини ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон дар доираи раванди интихобот аст. Он ҳамчун механизми ҳуқуқиву ташкилии боэътимод амал мекунад, ки заминаи устувор барои татбиқи ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ дар ҳама сатҳҳо фароҳам меоварад [66, с. 200].

Мувофиқи қонунгузории интихоботии ҶТ таҳияи рӯйхати интихобкунандагон шарти ҳатмии омодагӣ ва гузаронидани интихобот ба ҳисоб меравад. Маҳз, дар асоси ин рӯйхатҳо шумораи умумии шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи интихоботӣ доранд, муайян гардида, ҳувияти инфиродии онҳо тасдиқ ва иштироки онҳо дар раванди овоздиҳӣ таъмин карда мешавад.

Танзими тартиби бақайдгирии интихобкунандагон яке аз кафолатҳои ҳуқуқии амалӣ гардидани ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ мебошад. Ҳамин тариқ, низоми баҳисобгирӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи механизми

конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкили интихоботи озоду шаффоф буда, боис мегардад, ки принсипҳои адолат, шаффофият ва эътимоди мардум ба интихобот пурра риоя шаванд.

Ҳадафи асосии бақайдгирии интихобкунандагон иборат аз ташкили пойгоҳи додаҳои дақиқ ва воқеӣ мебошад, ки шумора ва таркиби интихобкунандагонро дар як минтақаи муайян инъикос мекунад. Низоми самараноки бақайдгирӣ имкониятҳои зеринро фароҳам меорад:

- ҳар як шаҳрванд инфиродӣ дар интихобот иштирок кунад;

- шароити баробарии ҳуқуқҳои интихоботӣ таъмин гардад;

- сатҳи омодагӣ ва баргузории интихобот беҳтар шавад;

- фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ шаффоф ва ҳисоботшаванда бошад [90, с. 186].

Ғайр аз ин, ба қайд гирифтани интихобкунандагон дар ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ нақши калидӣ мебозад. Ин омил риояи принсипи баробарии овозҳоро таъмин намуда, ба адолати интихоботӣ мусоидат мекунад**.**

Дар амалияи интихоботии ҷаҳон ду модели асосии бақайдгирии интихобкунандагон истифода бурда мешавад:

1) **Бақайдгирии ҳатмӣ (оммавӣ)** – аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо истифода аз феҳристҳои маъмурӣ анҷом дода мешавад;

2) **Бақайдгирии ихтиёрӣ (шахсӣ)** – шаҳрвандон бояд ба таври мустақилона ба муассисаҳои дахлдор муроҷиат намуда, худро ба рӯйхати интихобкунандагон ворид кунанд [142, с. 404].

Дар Тоҷикистон, ки модели бақайдгирии ҳатмӣ қабул шудааст, мақомоти ҳокимияти давлатӣ масъули ҷамъоварӣ, низомноккунӣ ва навсозии маълумот дар асоси бақайдгирии шаҳрвандон дар ҷойи истиқоматашон мебошанд. Чунин модел шумораи бештари интихобкунандагонро фаро мегирад, хатари аз рӯйхат хориҷ шудани шаҳрвандонро коҳиш медиҳад ва бори бюрократиро барои аҳолӣ кам мекунад.

Дар ҳолати бақайдгирии ихтиёрӣ, ки дар баъзе кишварҳои англосаксонӣ маъмул аст, тамоми масъулияти ворид намудан ба рӯйхати интихобкунандагон

ба дӯши худи шаҳрванд мегузарад, ки метавонад боиси кам шудани шумораи интихобкунандагон гардад ва зарурати ташвиқоти густурдаи иттилоотиро ба миён оварад.

Ин низом фарогирии ҳамаҷонибаи интихобкунандагонро таъмин намуда, хатоҳои техникиро дар рӯйхатҳо коҳиш медиҳад ва механизми мурочиати шаҳрвандонро оид баислоҳи маълумот дар рӯйхатҳо осон мегардонад.

Ташкил ва иҷрои раванди бақайдгирии интихобкунандагон ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор мешавад, ки ҳамчун субъектҳои асосии бақайдгирӣ амал мекунанд. Вазифаи онҳо аз он иборат аст, ки маълумоти дақиқ ва навсозишударо саривақт пешниҳод намоянд, то барои таҳияи рӯйхати интихобкунандагон асоси боэътимод фароҳам гардад.

Назорати дурустии рӯйхатҳо, ҳамчунин, расидан ба хатоиҳо ва баррасии шикоятҳои шаҳрвандон, дар доираи ваколати комиссияҳои интихоботӣ сурат мегирад, ки ин раванд ҷузъи муҳимми низоми ҳифзи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон маҳсуб мешавад.

Модели интихобшудаи бақайдгирии ҳатмӣ талаботи мушаххасоти ҳуқуқӣ, фарогирии оммавӣ ва дурустии рӯйхати интихобкунандагонро пурра таъмин менамояд. Ин раванд бунёди устувори тамоми низоми интихоботиро ташкил дода, ба амалӣ шудани принсипҳои шаффофият, адолат ва қонуният дар марҳилаҳои тайёрӣ ва баргузории интихобот мусоидат мекунад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ҳавзаи интихоботӣ ҳамчун воҳиди маъмурии ҳудудӣ муайян карда мешавад, ки шаҳрвандон аз номи он шахсони вазифадори интихобшавандаро интихоб менамоянд. Ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ бар асоси принсипи ҳудудӣ сурат мегирад, ки тибқи он интихобкунандагон ба ҳавзаи мушаххасе вобаста карда мешаванд, вобаста ба маҳалли истиқомати доимӣ ё ҷойи асосии будубоши онҳо [66, с. 200].

Тибқи шумораи шахсони интихобшаванда**,** ҳавзаҳои интихоботӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

**- ҳавзаҳои якмандатӣ**, ки дар онҳо танҳо як номзад интихоб мешавад;

- **ҳавзаҳои бисёрмандатӣ**, ки дар онҳо ду ё зиёда номзад интихоб мешаванд.

Низоми ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ дар ҶТ аз сатҳ ва навъи интихобот, инчунин, низоми ҷории интихоботӣ (мажоритарӣ ё пропорсионалӣ - баробар тақсимшуда) вобастагӣ дорад. Масалан, барои интихоботи Президенти кишвар як ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад, ки тамоми ҳудуди кишварро фаро мегирад. Ин ҳолат таъмини умумият ва баробарии иштироки ҳамаи шаҳрвандонро, новобаста аз ҷойи зист, таъмин мекунад.

Дар баробари ин, участкаҳои интихоботӣ ҳамчун воҳидҳои ташкилии дохили ҳавзаҳо хизмат мекунанд, ки барои ба қайд гирифтани интихобкунандагон, баргузории раванди овоздиҳӣ ва ҳисобкунии аввалияи овозҳо таъсис дода мешаванд.

Участкаҳои интихоботӣ фаро мегиранд:

- қисме аз маҳалли аҳолинишин;

- тамоми маҳалли аҳолинишин;

- ё якчанд маҳалҳои хурди аҳолинишинро вобаста ба шумораи интихобкунандагони истиқоматкунанда метавонанд дар бар гиранд.

Дар ҳар як ҳавза (участка)-и интихоботӣ Комиссияи интихоботии ҳавзавӣ амал мекунад, ки масъули ташкили раванди интихобот дар қаламрави муайян мебошад. Ҳавзаҳо аз ҷониби комиссияҳои интихоботии ҳавзавӣ бо дарназардошти пешниҳодҳои роҳбарони шаҳрҳо ва ноҳияҳо таъсис дода мешаванд. Таъмини участкаҳо бо биноҳои овоздиҳӣ вазифаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Ташкили участкаҳои интихоботӣ бо ба назар гирифтани чунин нишондодҳо анҷом дода мешавад:

- шумораи интихобкунандагон дар ҳар як участка набояд аз 20 нафар кам ва аз 3000 нафар зиёд бошад;

- сарҳади участкаҳои интихоботӣ набояд сарҳадҳои ҳавзаҳои интихоботиро убур кунанд, то ки хатоҳо ва такрори рӯйхатҳо пешгирӣ карда шаванд;

Ҳангоми ташкили участкаҳо тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ба назар гирифта мешавад, аз ҷумла:

- ноҳияҳо;
- шаҳрҳо;
- ноҳияҳои дохили шаҳр;
- дигар воҳидҳои худидоракунии маҳаллӣ.

Муҳлати ташкили участкаҳои интихоботӣ аз сатҳи интихобот вобаста аст. Масалан, барои интихоботи Президентии ҶТ, участкаҳои интихоботӣ на дертар аз 40 рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ таъсис дода мешаванд [3].

Барои баргузории интихоботи Президенти ҶТ ташкили участкаҳои махсуси интихоботӣ пешбинӣ шудааст, ки онҳо дар ҷойҳои будубоши муваққатии шаҳрвандон (монанди осоишгоҳҳо, беморхонаҳо, хонаҳои истироҳатӣ, қисмҳои ҳарбӣ ва ғ.) ҷойгир карда мешаванд. Инчунин, участкаҳои махсус дар минтақаҳои дастнорас ва берун аз кишвар (дар ҳудуди намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарии ҶТ) таъсис дода мешаванд. Ин пешниҳод аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ манзур гардида, қарорро КМИРҶТ қабул мекунад. Ин участкаҳо мутобиқи принсипи ҳудудӣ ба ҳавзаҳои дахлдори интихоботӣ шомил карда мешаванд.

**Комиссияҳои интихоботии ҳавзавӣ** вазифадоранд, ки пешакӣ шаҳрвандонро оид ба сарҳадҳо ва ҷойгиршавии участкаҳои интихоботӣ, инчунин, дар бораи биноҳое, ки овоздиҳӣ дар онҳо баргузор мешавад, огоҳ созанд. Ин тадбирҳо дастрасии шаҳрвандонро ба интихобот осон намуда, иштироки огоҳонаи онҳоро дар раванди интихобот таъмин намуда, механизмҳои ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқи интихоботиро таҳким мебахшанд.

Ҳамин тариқ, ниҳоди ташкили ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ дар ҶТ як механизми муназзами ташкилии интихоботӣ мебошад, ки барои таъмини заминаи фазоии баргузории интихобот равона гардидааст.

Ташкили дурусти ҳавзаҳо ва участкаҳои интихоботӣ кафолати шаффофияти интихобот, намояндагии баробари шаҳрвандон ва самаранокии фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ мебошад, ки дар маҷмуъ, ба таҳкими

қонунӣ будани равандҳои интихоботӣ ва ниҳодҳои демократӣ мусоидат менамоянд.

Яке аз унсурҳои асосии сохтори институтсионалии раванди интихоботӣ ин комиссияҳои интихоботӣ мебошанд, ки ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсози ҳамкорӣ амал намуда, бо ваколатҳои омодасозӣ ва баргузории интихобот таъмин гардидаанд. Е.В. Корчиго қайд намудааст, ки «фаъолияти онҳо ба таъмини ташкилӣ-ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон, риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва тақвияти эътибори механизми интихоботӣ нигаронида шудааст» [90, с. 186].

Тибқи қонунгузории интихоботии ҶТ, комиссияҳои интихоботӣ ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд:

1. **Комиссияи интихоботии доимӣ** амалкунанда – Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМИР ҶТ);

2. **Комиссияҳои муваққатӣ,** ки танҳо дар давраи маъракаи интихоботӣ таъсис дода мешаванд – комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихоботӣ.

Раванди ташаккули ин мақомот як марҳилаи мустақили интихоботӣ ба ҳисоб меравад ва бо сатҳи интихоботи баргузоршаванда робитаи зич дорад [3].

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ҶТ (КМИР ҶТ) як мақоми ягонаи миллӣ мебошад, ки роҳбарии тамоми низоми комиссияҳои интихоботиро ба ухда дорад. Ба вазифаҳои асосии он дохил мешаванд:

- таҳияи низомномаҳо ва дастурамалҳо барои комиссияҳои поёнӣ;
- тақсими маблағҳои буҷетӣ, ки барои интихобот ҷудо карда мешаванд;
- тасдиқи шакли ҳуҷҷатҳои интихоботӣ;
- ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳӣ ва эълони расмии натиҷаҳои интихобот.

**Комиссияҳои ҳавзавӣ** танҳо барои давраи гузаронидани интихобот, агар қонун пешбинӣ карда бошад, асосан, ҳангоми интихоботи якмандатӣ таъсис дода мешаванд. Ҳангоми ташкили интихоботи президентии Тоҷикистон, комиссияҳои ҳавзавӣ бо қарори КМИР ҶТ на дертар аз 45 рӯз пеш аз рӯзи

овоздиҳӣ таъсис дода мешаванд. Таркиби комиссияҳои ҳавзавӣ иборат аст аз: раис, муовини раис, котиб ва на камтар аз чор узви комиссия.

Ваколатҳои комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ инҳоро дар бар мегиранд:

- назорати риояи қонунгузории интихоботӣ дар ҳудуди ҳавза;
- ташкили участкаҳои интихоботӣ, муайян кардани ҳудуд ва рақамгузории онҳо;
- ташкили комиссияҳои интихоботии участкавӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо;
- ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо ҷиҳати таъмини моддӣ-техникии интихобот;
- бақайдгирии номзадҳо ва шахсони бовариноки онҳо, қабули маводи ташвиқотӣ ва ташкили вохӯриҳои номзадҳо бо интихобкунандагон;
- таъмини шароити баробар барои ҳамаи номзадҳо;
- тақсими варақаҳои интихоботӣ байни участкаҳо;
- ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳӣ дар ҳавза ва фиристодани натиҷаҳо ба КМИР ҶТ;
- ташкили овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи иловагӣ;
- баррасии арзу шикоятҳо нисбат ба амалкардҳои комиссияҳои участкавӣ [3].

Ҳамин тариқ, комиссияҳои ҳавзавии интихоботӣ ҳангоми интихоботи Президенти ҶТ вазифаи идоракунӣ-ҳамоҳангсозиро иҷро мекунанд ва фаъолияти комиссияҳои участкавиро муттаҳид месозанд, назорати қонуният дар доираи ҳавзаи дахлдорро таъмин мекунанд.

Комиссияҳои участкавии интихоботӣ унсури асосии низом ба шумор мераванд ва бевосита бо интихобкунандагон ҳамкорӣ мекунанд. Вазифаи онҳо ташкили раванди овоздиҳӣ ва ҳисобкунии овозҳо дар участкаи дахлдор мебошад.

Комиссияҳои участкавӣ дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин, ҷойҳои муваққатии будубоши шаҳрвандон (муассисаҳои табобатӣ, осоишгоҳҳо, қисмҳои низомӣ) ва намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ташкил карда мешаванд. Дар ин ҳолат, вазифаи ташкили роҳбарӣ дар намояндагиҳои хориҷӣ, ба раиси Комиссия намояндагӣ вогузор мешавад.

Вазифаҳои комиссияҳои участкавии интихоботӣ иборатанд аз:

- тартиб додан ва дақиқсозии рӯйхати интихобкунандагон;
- огоҳ намудани шаҳрвандон дар бораи ҷойи овоздиҳӣ ва санаи интихобот;
- омодасозии биноҳо ва таҷҳизоти интихоботӣ;
- ташкили раванди овоздиҳӣ дар участка ва ҳисобкунии овозҳо;
- баррасии аризаҳо ва шикоятҳои интихобкунандагон;
- тартиб додани протоколҳо ва ирсоли натиҷаҳо ба комиссияи ҳавзавӣ [66, с. 200].

Комиссияҳои участкавӣ ваколатҳои иҷрои мустақимро амалӣ намуда**,** татбиқи ҳуқуқи фаъоли интихоботии шаҳрвандонро дар маҳалҳо таъмин мекунанд**.**

Бар хилофи Комиссияи марказӣ, комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихоботӣ мақомоти муваққатӣ буда, танҳо дар давраи баргузории интихобот фаъолият мекунанд. Хусусан, ҳангоми интихоботи Президенти ҶТ ваколатҳои онҳо пас аз расман ба вазифа шуруъ кардани сарвари тозаинтихоби давлат қатъ мегарданд (қ. 7, м. 18-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ»).

Низоми комиссияҳои интихоботӣ дар ҶТ сохтори серзина ва иерархии муташаккилро ташкил медиҳад, ки дар асоси принсипҳои ҳамкории коллегиалӣ, қонуният, шаффофият ва мустақилият фаъолият мекунад.

Комиссияи марказӣ вазифаи танзими меъёрӣ ва ҳамоҳангсозиро иҷро менамояд, дар ҳоле, ки комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавӣ баргузории бевоситаи интихобот, риояи расмиёти интихоботӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокдорони раванди интихоботро таъмин мекунанд.

Танзими ҳуқуқии равшани тартиби таъсис, сохтор ва ваколатҳои ин комиссияҳо абзори муҳимми таъмини адолат ва шаффофияти интихобот**,**

таҳкими эътимоди ҷомеа ба ниҳодҳои интихоботӣ ва рушди демократияи давлат ба ҳисоб меравад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, пас аз марҳилаҳои омодагӣ, марҳилаҳои асосии раванди интихобот оғоз меёбанд, ки асоситарини онҳо пешниҳоди номзадҳо ва бақайдгирии онҳо ба мансаби президенти ҶТ мебошад. Ин марҳила дар қисмати қаблии таҳқиқоти мо муфассал баррасӣ гардидааст.

Пас аз пешниҳоду бақайдгирии номзадҳо, марҳилаи таъмини иттилоотии интихобот ва таблиғоти пешазинтихоботӣ оғоз меёбад.

Таъмини иттилоотии интихобот яке аз кафолатҳои калидии татбиқи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон мебошад, бахусус, дар шароити рақобати сиёсӣ ва тағйироти демократӣ. Дар доираи интихоботи Президенти ҶТ ин унсури раванди интихоботӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад, зеро пуррагӣ, дурустӣ ва дастрасии иттилоот сатҳи огоҳии интихобкунандагон ва қонунияти натиҷаҳои овоздиҳиро муайян месозад.

Қонунгузории муосири интихоботии Тоҷикистон таъмини иттилоотиро ҳамчун низоми чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ тафсир мекунад, ки ин самтҳо ҳадафҳои мустақил дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқии гуногун танзим мешаванд ва ба маҳдудиятҳои муайяни замонӣ ва мазмунӣ итоат мекунанд.

Муҳтавои таъмини иттилоотии интихобот ду шакли фаъолиятро дар бар мегирад:

- **огоҳонии интихобкунандагон** – паҳн кардани иттилооти бетараф ва воқеӣ оид ба ҷараёни маъракаи интихоботӣ, номзадҳо ва тартиби овоздиҳӣ;
- **таблиғоти пешазинтихоботӣ** – фаъолияте, ки барои ташвиқи интихобкунандагон ҷиҳати овоз додан ба тарафдории номзади мушаххас ё муқобили ӯ равона шудааст [35, с. 299].

Фарқи асосии байни онҳо дар ҳадаф ва дараҷаи таъсиррасонӣ ба интихобкунандагон зоҳир мегардад: огоҳонӣ танҳо дастрасӣ ба иттилооти воқеиро таъмин мекунад**,** дар ҳоле ки таблиғу тарғибот барои ташаккули эътиқод ва моилсозии интихобкунанда ба ҷонибдории интихоби субъекти мушаххаси интихоботӣ равона шудааст.

Ҳарду шакли таъмини иттилоотӣ танҳо дар доираи муҳлати расмии маъракаи интихоботӣ амалӣ карда мешаванд, ки мудохилаи худсаронаро ба муҳити интихоботӣ пешгирӣ намуда, шаффофияти раванди интихоботро кафолат медиҳад.

Дар ҶТ ду шакли огоҳонии интихобкунандагон фарқ карда мешавад:

**1. Огоҳонии расмӣ** – онро комиссияҳои интихоботӣ (аз ҷумла, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ**),** мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва мансабдорони онҳо амалӣ менамоянд**.** Ҳадафи асосии огоҳонии расмӣ – шарҳи меъёрҳои қонунгузории интихоботӣ, иттилоъ додан дар бораи ҷараёни маъракаи интихоботӣ ва расонидани маълумот ба шаҳрвандон дар бораи тартиби овоздиҳӣ, муҳлатҳо ва қоидаҳои иштирок дар интихобот мебошад. Иттилоот тавассути васоити ахбори давлатии омма ройгон нашр мешавад, ки дастрасии умумии шаҳрвандон ба маълумоти асосии интихоботиро таъмин мекунад.

**2. Огоҳонии ғайрирасмӣ** – ба ин навъи огоҳонӣ нашрияҳо ва маводи иттилоотие, ки тавассути воситаҳои ахбори омма, манбаъҳои интернетӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таҳия шудаанд, дохил мешаванд. шаклҳои маъмултарини он иборатанд аз пӯшиши фаъолияти номзадҳо, нашри рейтингҳо ва пешгӯиҳо (бо риояи маҳдудиятҳои муқарраршуда), инчунин, шарҳу таҳлилҳои интихоботӣ [35, с. 299].

Маълумоте, ки дар доираи огоҳонии ғайрирасмӣ паҳн карда мешавад, набояд даъват ба овоздиҳӣ ё дастгирии номзади мушаххасро дар бар гирад**,** вагарна, он ҳамчун фаъолияти тарғиботӣ арзёбӣ мегардад.

Таблиғу тарғиботи пешазинтихоботӣ як ҳуқуқи ҷудонашавандаи номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ буда, фаъолияти равонашудаест, ки ба ҷалби овозҳои интихобкунандагон ба ҷонибдории номзади мушаххас ё муқобили дигаронро ифода мекунад. Мувофиқи қонунгузории ҶТ, давлат барои ҳамаи иштирокдорони сабтиномшудаи маъракаи интихоботӣ шароити баробари дастрасӣ ба воситаҳои тарғиботиро таъмин менамояд**.**

Усулҳои тарғиботи пешазинтихоботиро дар бар мегиранд:

- даъватҳои ошкоро ба овоздиҳӣ ба ҷонибдории номзади мушаххас;

- ифодаи афзалиятҳои сиёсӣ;

- шарҳи оқибатҳои эҳтимолии интихоб ё интихоб нашудани номзад;

- нашри мавод бо муносибати мусбат ё манфӣ нисбат ба номзад;

- чорабиниҳое, ки симои номзадро берун аз доираи фаъолияти касбии ӯ ташаккул медиҳанд.

Муҳлати расмии тарғибот аз рӯзи сабти номзад оғоз шуда, як рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ анҷом меёбад. Тибқи қонун, дар рӯзи интихобот ва як рӯз қабл аз он гузаронидани тарғибот қатъиян манъ аст. Ғайр аз ин, иштироки шахсони зерин дар тарғибот иҷозат дода намешавад:

- аъзои комиссияҳои интихоботӣ;

- судяҳо ва хизматчиёни ҳарбӣ;

- кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

- намояндагони ташкилотҳои динӣ;

- шаҳрвандони хориҷӣ ва созмонҳои хориҷӣ.

Рӯзноманигорон ва кормандони ВАО, ки худ номзад ё намояндаи боvариноки номзад ҳастанд, ҳақ надоранд интихоботро аз тариқи манбаъҳои таҳририяҳои худ пӯшиш диҳанд. Ин маҳдудият барои пешгирии истифодаи мансаб дар манфиатҳои шахсӣ ҷорӣ карда шудааст [3].

Таъмини иттилоотии интихоботи Президенти ҶТ нақши муҳиммеро дар татбиқи принсипҳои шаффофият, баробарӣ ва қонунӣ будани раванди интихоботӣ мебозад. Ҷудо намудани иттилооти расмӣ ва тарғиботи пешазинтихоботӣ имкон медиҳад, ки дастрасӣ ба маълумот мутавозин нигоҳ дошта шавад ва аз таҳриф ё таъсири манфӣ ба афкори ҷамъиятӣ пешгирӣ карда шавад.

**Модели қонунгузории Тоҷикистон** кӯшишҳои таъмин намудани шароити баробар барои ҳамаи иштирокдорони интихоботро инъикос намуда, ҳамзамон, бетарафии иттилоотии мақомоти давлатиро нигоҳ дошта, таъсири ғайриқонунии интихобкунандагонро пешгирӣ менамоянд, ки ба меъёрҳои байналмилалии демократӣ мутобиқ аст. Бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои

ҳамсоя, низоми иттилоотии интихоботии Тоҷикистон метавонад дар самтҳои зерин такмил дода шавад:

- густариши назорати ҷамъиятӣ;
- шаффофияти бештари маблағгузории тарғибот;
- тақвияти масъулият барои қонунвайронкуниҳо дар фазои расонаӣ.

**Марҳилаи ниҳоии интихобот**, ки муҳимтарин ва масъулиятноктарин шуморида мешавад, раванди раъйдиҳӣ, ҳисобкунии овозҳо ва муайянсозии натиҷаҳои интихобот мебошад. Маҳз, дар ҳамин марҳила, натиҷаи тамоми корҳои омодагии ташкиливу ҳуқуқие, ки барои татбиқи ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон равона шудаанд, ҷамъбаст мегардад. Бо дарназардошти аҳаммияти баланди ин марҳила, қонунгузор ба он диққати махсус медиҳад, ки бо муқаррар намудани тартиботи муфассал ва ҳуқуқии раъйдиҳӣ тавсиф мешавад, ки озодона изҳор доштани иродаи шаҳрвандонро тавассути раъйдиҳии пинҳонӣ таъмин мекунад, инчунин, шаффофият ва ошкоро будани ҳамаи амалҳои комиссияҳои интихоботиро кафолат медиҳад [253, с. 10-17].

Овоздиҳӣ амалиёти дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад, ки тавассути он интихобкунанда иродаи худро нисбат ба номзад ё рӯйхати номзадҳо баён менамояд. Тибқи қонунгузории интихоботии ҶТ, раъйдиҳӣ дар рӯзи интихобот аз соати 6:00 то 20:00 ба вақти маҳаллӣ баргузор мегардад. Иҷрои ҳуқуқи фаъоли интихоботӣ танҳо ба таври инфиродӣ иҷозат дода мешавад, ки маънои манъи раъйдиҳӣ ба ҷойи шахси дигарро дорад. Ин маҳдудият барои таъмини принсипи пинҳонии овоздиҳӣ ва ҳифзи ҳақиқати иродаи интихобкунандагон пешбинӣ шудааст. Дар ҳолати вайрон намудани ин қоида, аз ҷумла, додани бюллетен барои раъйдиҳӣ ба шахси дигар, тибқи моддаи 79 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар шудааст.

Бо вуҷуди ин, қонунгузор имконияти расонидани ёрӣ дар раъйдиҳӣ барои шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё дигар сабабҳои объективӣ наметавонанд бюллетени интихоботиро мустақилона пур кунанд, иҷозат медиҳад. Ҳамин гуна, тартиби раъйдиҳӣ берун аз бинои участка низ пешбинӣ шудааст, агар

интихобкунанда бинобар сабабҳои узрнок натавонад ба макони овоздиҳӣ ҳозир шавад. Дар чунин ҳолат, бо дархости хаттии интихобкунанда, комиссияи интихоботии участкавӣ раъйдиҳиро дар ҷойи будубоши ӯ ташкил мекунад ва дар рӯйхати интихобкунандагон қайди дахлдор мегузорад [87, с. 171].

Овоздиҳӣ дар участкаҳои интихоботие, ки тибқи талаботи муқарраргардида муҷаҳҳаз шудаанд, сурат мегирад. Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ вазифадоранд ҳуҷраҳои заруриро ройгон пешниҳод намоянд, ки дар ин ҳуҷраҳо, кабинаҳо ва дигар таҷҳизоти лозим барои таъмин намудани пинҳонии овоздиҳӣ насб карда мешаванд. Қуттиҳои интихоботӣ дар ҷойи намоён ҷойгир карда мешаванд, то аъзои комиссия ва нозирон назорати раванди раъйдиҳиро таъмин кунанд, бидуни нақзи махфияти интихоби интихобкунандагон. Ҳамаи интихобкунандагон, одатан, дар ҳамон участкаҳое овоз медиҳанд, ки бо ҷойи зисти доимӣ ё муваққатии худ вобастаанд. Аммо, истисноҳо дар шакли раъйдиҳии пешакӣ ва раъйдиҳӣ бо шаҳодатномаҳои махсус пешбинӣ шудаанд.

Интихобкунанда ҳуқуқи худро тавассути пур кардани бюллетен амалӣ мекунад, ки дар он бояд дар квадрати муқобили номи номзад аломати «+» гузорад.

Ҳисобкунии овозҳо аз ҷониби аъзоёни комиссияи интихоботии участка ошкоро ва шаффоф анҷом дода мешавад. Ин раванд, бевосита пас аз анҷоми овоздиҳӣ оғоз ёфта, бе танаффус то муайян шудани натиҷаҳо идома меёбад. Раванди ҳисобкунӣ бо ҳузури нозирон, шахсони боэътимоди номзадҳо ва дигар шахсони ваколатдор сурат мегирад. Аввал бюллетенҳои истифоданашуда ҳисоб карда мешаванд, ки бо буридани гӯшаи рости поёнии онҳо бекор карда мешаванд. Пас аз он бюллетенҳои эътиборӣ ва беэътибор шумурда мешаванд. Сипас, шумораи овозҳои гирифтаи ҳар як номзад ё ҳизби сиёсӣ муайян карда мешавад.

Натиҷаҳои раъйдиҳӣ дар протоколи комиссияи интихоботии участкавӣ сабт карда мешаванд, ки он дар ду нусха тартиб дода шуда, аз ҷониби ҳамаи аъзоёни комиссия имзо мегардад. Протокол, инчунин, таърихи имзо ва вақти дақиқи тасдиқи онро дар бар мегирад. Баъдан, протокол ба комиссияи дахлдори

интихоботии ҳавзавӣ ирсол мегардад, ки маълумотҳоро ҷамъбаст намуда, натиҷаҳои пешакии овоздиҳиро дар ҳудуди ҳавза муайян мекунад.

Муайян кардани натиҷаҳои интихобот барои ҳар як ҳавза алоҳида анҷом дода мешавад. Пас аз коркарди ҳамаи протоколҳо, комиссияҳои интихоботии ҳавзавӣ онҳоро ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мекунанд, ки натиҷаҳои умумимиллии интихоботро муайян менамояд.

Ҳамин тавр, марҳилаи ниҳоии раванди интихоботӣ маҷмуи амалияҳои қатъиян танзимшударо дар бар мегирад, ки ҳадафи он ҳифзи иродаи интихобкунандагон, таъмин намудани дурустии натиҷаҳои овоздиҳӣ ва эътимоди ҷомеа ба натиҷаҳои интихобот мебошад. Танзими возеҳи қонунгузории ҳар як унсури ин марҳила кафолати шаффофият, қонунияти раванд ва устувории демократии низоми интихоботии Тоҷикистонро таъмин мекунад.

Интихоботи Президенти ҶТ раванди мураккаб, бисёрмарҳилавӣ ва қатъиян танзимшудаи ҳуқуқӣ мебошад, ки нақши асосиро дар таъмини фаъолияти демократии ҳокимияти давлатӣ ва қонунӣ будани ниҳодҳои он иҷро мекунад.

Баррасии сохтори раванди интихобот дар ҶТ аз дидгоҳи илмӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки модели сеқабатаи онро ҷудо намоем, ки аз инҳо иборат аст: марҳилаҳои омодагӣ, марҳилаи маъракаи интихоботӣ ва амалияҳои ниҳоӣ мебошад. Ҳар як марҳила вазифаи функсионалӣ ва ҳуқуқии худро иҷро мекунад ва ба ҳадафи асосӣ - интихоби роҳбари давлат дар чаҳорчӯбаи интихоботи шаффоф ва қонунӣ нигаронида шудааст.

Таъини санаи интихобот, бақайдгирии интихобкунандагон, ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ ва комиссияҳо заминаи ташкилии раванди интихоботро таъмин менамоянд. Пешбарӣ ва сабти ном кардани номзадҳо, таъмини иттилоот ва ташвиқу тарғиб барои таҳкими рақобати сиёсӣ ва огоҳии интихобкунандагон мусоидат мекунанд.

Марҳилаи ниҳоӣ, ки овоздиҳӣ, шуморидани овозҳо ва муайян кардани натиҷаҳои интихоботро дар бар мегирад, татбиқи воқеии ҳуқуқи фаъолу

ғайрифаъоли интихоботии шаҳрвандонро кафолат дода, эътирофи оммавӣ ва мустаҳкамсозии ҳуқуқии натиҷаҳои интихоботро таъмин мекунад.

Ба механизмҳои ҳуқуқӣ, ки баробарии номзадҳо, махфияти овоздиҳӣ, дурустии рӯйхати интихобкунандагон ва пешгирии тақаллубу фишори маъмуриро таъмин менамоянд, дар қонунгузории ҶТ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст.

Таҳлили муқоисавии тартиби таъини интихоботи президентӣ дар кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки модели интихоботии Тоҷикистон ба шакли парлумонӣ наздик буда, бо хусусияти хоси иштироки ҳар ду палатаи парлумон фарқ мекунад. Ин раванд тавозуни байни шохаҳои ҳокимиятро таъмин намуда, ба суботи институтсионалӣ ниҳодии давлат мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, раванди интихоботӣ дар ҶТ на танҳо маҷмуи амалияҳои ҳуқуқӣ, балки инъикоси сатҳи демократикунонии ҷомеа, рушду камолоти низоми сиёсӣ ва самаранокии ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ низ мебошад. Такмил ва пешрафти он бояд ба сифати афзалияти сиёсати давлатӣ боқӣ монад, то ки пояҳои ҳуқуқии мардумсолорӣ таҳким ёбанд, эътимод ба ниҳодҳои ҳокимият афзоиш ёбад ва рушди устувори демократии кишвар таъмин гардад.

## 3.2. Таҳлили муқоисавии ташкил ва баргузории интихоботи Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ)

Президент дар аксари кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд – ИДМ) сарвари давлат ба ҳисоб меравад. Конститутсияҳои феълии ин кишварҳо мавқеи бартарии президентро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муқаррар намуда, мақоми ӯро ҳамчун сарвари давлат мустаҳкам менамоянд. Ин ҳолат дар сохти Қонуни асосӣ инъикос ёфтааст. Мустаҳкам шудани мақоми ҳуқуқии Президенти кишвар дар сатҳи Конститутсия бояд ҳамчун далели мусбат эътироф карда шавад, зеро сатҳи конститутсионии мустаҳкамкунӣ танзими возеҳу равшани салоҳиятҳои шахси мушаххаси

мансабдорро пешбинӣ намуда, имкони шарҳи васеъ ва суйиистеъмол кардани онҳоро бар зарари демократия пешгирӣ менамояд.

Тавре ки муҳаққики ватанӣ М.С. Сулаймонов қайд мекунад «дар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, дар ҶТ ҷорӣ намудани ниҳоди президентӣ ҳамчун шакли давлатдорӣ ба бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ, таҳкими сохти конститутсионӣ, таъмини риояи ҳамаҷониба ва қатъии ҳуқуқи инсон нигаронида шуда буд. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ниҳоди президентӣ, ки дар асоси принсипи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ амал мекунад, суботи ҷомеаро таъмин намуда, ба ҷалби шаҳрвандон ба раванди идоракунии корҳои давлат мусоидат мекунад, тобеияти давлатро ба ҷомеа, тобеияти сиёсатро бошад - ба ҳуқуқу ахлоқ таъмин мекунад» [290, с. 28].

Дар тамоми кишварҳои ИДМ вазифаи сарвари ягонаи давлат (президент) мавҷуд аст, ки мақоми мустақили конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Гузашта аз ин, дар ҳар як давлат ин мақом дорои хусусиятҳоест, ки дар раванди рушди ин давлатҳо ташаккул ёфтаанд. Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки сарчашмаҳои ташаккули ин ниҳод дар кишварҳои пасошуравӣ як сарчашма доштанд ва дар бисёр ҷанбаҳо заминаи рушди шабеҳ доранд.

Тавре ки Ю.А. Куликова қайд мекунад, «дигаргуниҳои куллие, ки дар охири солҳои 80-ум дар арсаи ҷаҳонӣ ба амал омада буданд ва бо пошхӯрии лагери шуравӣ алоқаманданд, боиси вусъати ниҳоди президентӣ дар кишварҳои пасошуравӣ гардиданд. Ба ҳайси роҳбари ҳамаи ин давлатҳо Президентҳо интихоб шуданд, зеро тағйир ёфтани сохти ҷамъиятӣ-иқтисодӣ боиси дарки ниҳодҳои давлатӣ-сиёсии кишварҳои Ғарб гардид» [215, с. 81].

Масъалаи мазкурро муҳаққиқи ватанӣ М. Сулаймонов таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки «Ниҳоди президентӣ дар ҶТ таърихи нисбатан кӯтоҳ дошта, бо таъсиси давлати соҳибистиқлоли тоҷикон алоқаманд аст. Бори аввал масъалаҳои ташаккули ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон дар охири солҳои 80-ум дар сатҳи иттифоқӣ ба миён омаданд, ки дар натиҷа, дар моҳи марти соли 1990 вазифаи Президенти ИҶШС таъсис ёфт, ки ба ҳайси он М.С. Горбачёв таъин шуд. Минбаъд, дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, ҶШС

Тоҷикистон ба ислоҳоти сохтори идоракунӣ шуруъ намуданд, ки яке аз унсурҳои он ташаккул додани вазифаи президенти ҷумҳурии иттифоқӣ буд» [290, с. 28].

Муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ қайд мекунанд, ки дар кишварҳои пасошуравӣ сабабҳои объективӣ ва субъективии пайдоиши ниҳоди президентӣ вуҷуд доштанд. Муаллифон вазъияти сиёсиро, ки дар он солҳо дар ИҶШС ба амал омада буд, ба сабабҳои объективӣ дахл медонанд. Ҳамин тавр, Г.В. Дегтев қайд мекунад, ки «муроҷиат ба ғояи таъсиси мансаби Президент дар ИҶШС, пеш аз ҳама, ба воқеаҳои мудҳиши он давра, буҳрони федерализми шуравӣ, ки пас аз эълони самти навсозии федерализм дар ИҶШС зоҳир гардид, дикта карда шуд. Ҷумҳуриҳои дар ҳайати ИҶШС қарордошта ба баровардани санадҳои меъёрӣ шуруъ карданд, ки ба Конститутсияи ИҶШС хело мухолиф буданд; дар як қатори онҳо бо ин ё он роҳ сиёсате ба амал бароварда мешуд, ки дар ҳақиқат, ба тарки фазои давлатӣ-ҳуқуқии ИҶШС нигаронида шуда буданд» [68, с. 237].

Муаллифони ватанӣ омилҳои «зеринро ба сифати омилҳои объективӣ дохил мекунанд - раванди фаъоли ҷорӣ намудани институтҳои демократӣ ба низоми идоракунии кишвар, аз ҷумла, принсипи тақсими ҳокимият; иваз кардани принсипи пештар муқарраршудаи сохти якҳизбӣ ба бисёрҳизбӣ ва плюрализм; муътадил гардондани вазъияти душвори сиёсӣ алоқаманд бо буҳрони федерализми шуравӣ, ки боиси ихтилофҳои гуногуни ҳарбӣ гардид ва ҳиссиёти сепаратистие, ки ба яклухтии мамлакат таҳдид менамуданд; андешидани чораҳои қатъӣ, ки ба таъмини тартиботи дурусти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ба эътидол овардани вазъи иқтисодиёт ва ҳалли мушкилоти таъхирнопазири иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар мушкилот нигаронида шудаанд, кӯшиши нигоҳ доштани шакли дунявии идоракунӣ (хусусан, дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ)» [214, с. 14], [252, 31-45].

С.Г. Паречина дар пажуҳишаш ба сабабҳои зерин ишора мекунад, ки боиси ҷорӣ шудани ниҳоди Президентӣ дар ИҶШС шуданд. Якум, дар низоми сиёсии ҷамъият дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки бо барҳам додани низоми фармондиҳӣ-маъмурӣ ва даст кашидан аз нақши роҳбарикунандаи

ҲКИШ алоқаманданд. Раванди ба шурои намояндагони (вакилони) халқӣ додани ҳокимият оғоз ёфт. Шуроҳо бо як қатор сабабҳо (муборизаи фраксионӣ, ноуҳдабароии баъзе вакилон) дар марказ ва маҳалҳо ҳокимиятро пурра ба дасти худ гирифта натавонистанд ва аз ҳама муҳиммаш, вазифаи ҳамоҳангсозии амалиёти мақомоти давлатиро азхуд накарданд. Дар натиҷа, холигии ҳокимият ба вуҷуд омада, зарурати ба вуҷуд овардани мақомоти танзимкунандаи фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимият ба миён омад. Сониян, пурзӯр намудан ва инкишоф додани фаъолияти қонунгузорӣ ҳокимияти иҷроияро суст карда, дар иҷрои қарорҳои қабулшуда ба камбудиҳои ҷиддӣ оварда расонд. Президент барои тезондани иҷрои қонунҳо ва дигар қарорҳои давлатӣ лозим буд. Сеюм, равандҳои давомдори эҳёи миллии халқҳои ИҶШС боиси низоъҳои ҳарбӣ ва ҳиссиёти сепаратистӣ гардиданд, ки ба якпорчагии давлат таҳдид мекарданд. Президент бояд тамоми низоми ҳокимияти марказиро дар шароити соҳибихтиёрии ҳақиқӣ ба даст овардани ҷумҳуриҳо, мустаҳкам менамуд. Чорум, дар давоми солҳои зиёди Ҳокимияти Шуравӣ принсипи роҳбарии коллективона вайрон карда шуд, ки ин боиси бемасъулиятӣ, хатою суйиистеъмол гардид. Зарурати фардикунонии масъулияти ҷамъиятию сиёсӣ барои фаъолият дар звенои олии идоракунӣ пайдо шуд [111, с. 217].

Ба ғайр аз сабабҳои объективӣ, муаллифон омилҳои субъективиро низ ҷудо мекунанд. Аз ҷумла, аксари коршиносон бар ин назаранд, ки таъсиси ниҳоди Президенти ИҶШС бо шахсияти М.С. Горбачёв алоқаманд аст, ки барои худ ин мансаби ҷолиброт таъсис диҳад ва аввалин президенти кишвар шудан мехост. Дар баробари ин, таъсиси Ҳокимияти Президентиро дар ИҶШС шаҳрвандони мамлакат ҳамчун як навъ сохти нави низоми сиёсии ҷамъият қабул нагардид, зеро Президент бо Котиби Генералии Ҳизби Коммунистии ИҶШС айният дониста мешуд. Хусусияти ғайримустақими интихобот ба додани салоҳияти зарурӣ ба ниҳоди президентӣ мусоидат накард. Ҳокимияти ҳизбӣ ва давлатӣ аз ҳам ҷудо карда нашуда буд" [161, с. 15-22]. «Президенти Иттифоқӣ ба шаклҳои мавҷуда бор карда, дар онҳо амалан, чизеро тағйир надод. Ин танҳо роҳи қонунӣ гардондани ҳокимияти олӣ буд, на балки низоми

идоракунии давлат дар давраи гузариш. Асоси консептуалии он суст таҳия шуда буд ва таҷрибаи амалии он хеле маҳдуд буд» [213, с. 4-14].

Чунин мавқеъро пажуҳишгарони ватанӣ низ баён намуда, қайд мекунанд, ки «дар давраи ибтидоии таъсиси ин ниҳод он барои афроди мушаххас, чун қоида, раҳбарони собиқи ҳизб таъсис дода шуда буд. Ба ҳамин тариқ, ниҳоди президентӣ барои роҳбарони собиқи ҳизб имконият дод, ки ҳокимиятро дар дасти худ нигоҳ доранд ва ба муқобили таъсири ҳизби коммунист мубориза баранд. Тавре ки таърих нишон медиҳад, дар аксари ҷумҳуриҳои пасошуравӣ президентҳои аввал собиқ раҳбарони ҳизбии кишвар буданд» [83, с. 314].

Дар адабиёти ин соҳа қайд мешавад, ки «ҳарчанд ниҳоди президентӣ дар ИҶШС камтар аз ду сол давом карда бошад ҳам, вай дар давраи пошхӯрии давлати ҳизбӣ давомати ҳокимиятро таъмин намуда, барои дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ барқарор намудани чунин сохтори ҳокимиятро имконият фароҳам овард» [282, с. 28].

Дар тамоми ҷумҳуриҳои ИҶШС ниҳоди президентӣ ҷорӣ карда шуд. Вай ҳамчун маҳсули табиии дигаргунсозии сохторҳои ҳизбии сотсиализми мутлақ пайдо мешавад. Бо суст шудани нақши ҳизби коммунистӣ вазифаи Котиби генералӣ аҳаммияти худро гум мекард. Ниҳоди президентӣ ба роҳбарони собиқи ҳизб дар сатҳи Иттиҳод ва ҷумҳуриҳо имконият дод, ки на танҳо ҳокимиятро дар даст нигоҳ доранд, балки ба муқобили қувваи бузурги ҳизб мубориза баранд. Ин ҳолат як зуҳуроти дохилии тамоюли ҷорӣ намудани низомҳои пурқуввати президентӣ, маҳз, дар он ҷойест, ки зиддиятҳои дохили давлатӣ ва фишорҳои неруҳои гуногун афроди дахлдорро ба мубориза барои курсии президентӣ бо салоҳиятҳои воқеӣ водор месозад [290, с. 28].

Ҳамин тариқ, дар аввал ин ниҳод ҳамчун унсури ҳокимияти давлатӣ ташаккул ёфта буд, ки ба ҳалли зиддиятҳои дар ҷумҳуриҳо мавҷудбуда дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қодир буд. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ниҳоди мазкур дар давоми тамоми сӣ соли пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, дар давлатҳои соҳибистиқлол, аз ҷумла, дар масъалаҳои марбут ба интихоботи президентӣ, ба таври муназзам табдилёфта ба ҳисоб меравад.

Тавре ки Т.С. Масловская қайд мекунад «муҳимтарин самти ислоҳоти конститутсионӣ дар як қатор давлатҳои хориҷии ИДМ тағйир додани вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии президент мебошад. Дар бисёре аз давлатҳо ниҳоди президентӣ кайҳо устувор ва анъанавӣ шудааст. Аммо, ин маънои онро надорад, ки як навъ модели универсалии ниҳоди президентӣ вуҷуд дорад. Дар давлатҳои гуногун на танҳо аз рӯйи таълимоти конститутсионӣ ва амалияи сиёсӣ, балки аз рӯйи хусусиятҳои миллӣ низ он гуногун аст.

Аз ин рӯ, кишварҳои ИДМ модели оптималии ниҳоди президентии худро ҷустуҷӯ доранд» [108, с. 184].

Вай дар идома таъкид мекунад, ки аллакай дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлол дар кишварҳои ИДМ ислоҳоти ниҳоди президентӣ оғоз шуда буд. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Беларус модели конститутсионии президентӣ дар соли 1996 бо роҳи раъйпурсӣ тағйир дода шуд. Моҳи декабри соли 2004 Верховная Радаи Украина бо мақсади васеъ намудани ваколатҳои парламент як бастаи ислоҳот ба Сарқонуни кишварро қабул кард ва фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои конститутсионикунонии модели парлумонии Аврупо дар Украина таъмин кард. Ислоҳоти конститутсионӣ, ки ба ниҳоди президентӣ таъсир расонд, дар дигар давлатҳои ИДМ (Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон, Русия ва ғайра) низ сурат гирифт.

Ҳамин тавр, ҳамаи мисолҳои дар боло овардашуда аз ҷустуҷӯйи модели оптималии ниҳоди президентӣ дар ҳар як кишвари алоҳида гувоҳӣ медиҳанд, зеро президент дар низоми мақомоти давлатӣ симои марказӣ буда, сохтор ва фаъолияти оқилонаи ниҳоди президентӣ шарти зарурии таъмини конститутсионизм дар давлат ба ҳисоб меравад [232, с. 42-51].

Имрӯз дар аксари кишварҳои пасошуравӣ мансаб ба президент тавассути интихобот амалӣ мешавад. Дар ин маврид ҳам, интихоботи мустақим (ФР, Беларус, Қазоқистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон, Украина ва Молдова) ва ғайримустақим (Арманистон) истифода мешавад. Инчунин, ба таври ғайримустақим президент дар Молдова то соли 2016 интихоб мешуд [307]. Дар Арманистон, баръакс, дар соли 2015 тасмим

гирифта шуд, ки аз интихоботи мустақими президентӣ даст кашанд (дар Арманистон Президентро парламент (Маҷлиси миллӣ) интихоб мекунад)) [232, с. 41-52].

Ҷанбаи навбатие, ки ба масъалаи интихоби сарвари давлат зич алоқаманд аст, муайян кардани муҳлати ваколати роҳбари давлат мебошад. Тавре ки Ю.А. Куликова қайд мекунад, «муҳлати ваколати Сардори давлат, ки он ба таври қонунгузорӣ танзим мешавад, аҳаммияти калони сиёсӣ-ҳуқуқӣ дорад» [282, с. 26]. Вай дар идома қайд мекунад, ки « мақсад аз муқаррар намудани муҳлати ваколатҳо ин таъмини низоми демократии сиёсии давлат, шакли ҷумҳуриявии ҳукумат, қонунияти мақомоти давлатӣ ва пешгирии ғасби ҳокимият мебошад. Дар баробари ин, муҳлати ваколатҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва шахси мансабдори олиро Конститутсия муайян мекунад» [282, с. 26].

Тавре ки А.М. Диноршоҳ қайд мекунад, «барои фаъолияти механизми ҳокимияти иҷроия муайян кардани муҳлати ваколати сардори давлат ва тартиби интихоби дубораи ӯ аҳаммияти бузург дорад» [64, с. 132]. Ба гуфтаи муаллиф, «зери мафҳуми муҳлати президентӣ бояд шакли идораи давлатро фаҳмид. Агар шакли ҳукумат омехта ё президентӣ бошад, пас, чун қоида, муҳлати президентӣ аз чор то панҷ сол зиёд нест (ИМА, Фаронса), дар сурати шакли парламентии идоракунии ҳукумат, муҳлати дарозтари президентӣ имконпазир аст (Австрия, Италия). Ин ба он далел алоқаманд аст, ки дар давлатҳое, ки шакли идораи парлумонӣ доранд, нақши президент нисбат ба сарвазир, ки аз ҷониби парлумон интихоб мешавад ва аслан, сарвари давлат аст, камтар аҳаммият дорад» [64, с. 132].

Таҳлили танзими конститутсионии ин масъала дар кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки дар ин масъала ягонагӣ вуҷуд надорад. Дар ҳамин ҳол, дар адабиёти ҳуқуқӣ аксари муаллифон нишон медиҳанд, ки яке аз тамоюлҳои умда, ки дар кишварҳои пасошуравӣ дар ин масъала ба мушоҳида мерасад, тағйири зуд-зуд ба муҳлати ваколатҳои президент аст. Дар баробари ин, ба ин раванд ҳам баҳои мусбат ва ҳам баҳои манфӣ дода мешавад.

Дар ин масъала, мо бо мавқеи муаллифи ватанӣ С.М. Сулаймонзода розӣ ҳастем, ки «зуд-зуд тағйир додани муҳлати ваколатҳои сардори давлатро бо ҷустуҷӯйи шароитҳои муносиби фаъолияти сохтори давлатӣ, сохтори низоми ҳизбӣ ва дигар омилҳо алоқаманд медонад» [290, с. 28].

Ҳамчунин, дар кишварҳои пасошуравӣ масъалаи миқдори муҳлатҳо ва имкони интихоби дубораи раиси давлат бо роҳҳои гуногун ҳал мешавад. Таҳлили қонунгузории ҷории конститутсионии кишварҳои пасошуравӣ имкон медиҳад, ки якчанд модели интихоби дубора ба мақоми сарони давлатҳоро таҳия кунем.

1. Имконияти дубора интихоб шудан ба вазифаи президент бидуни маҳдудияти микдори муҳлат – Озарбойҷон, Туркманистон ва Беларус.

2. Имконияти аз нав интихоб шудан ба вазифаи президент на бештар аз ду муҳлат, пай дар пай Узбекистон, Украина, Молдова. Дар Тоҷикистон чунин тартиб низ амал мекунад, ки ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат дахл надорад, ки тибқи Қонуни конститутсионӣ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

3. Имконияти дубора ба вазифаи президент на бештар аз ду муҳлат интихоб шудан – Русия. Дар ФР ҳангоми ислоҳоти конститутсионии соли 2020 меъёри дар боло зикршуда бо хориҷ кардани калимаи «пайиҳам» пурзӯр карда шуд. Дар ҳоли ҳозир ҳамон як шахс наметавонад ҳам пай дар пай ва ҳам дар фосила бештар аз ду мухлат вазифаи Президенти Федератсияи Русияро ишғол кунад.

4. Ишғоли вазифаи президент барои як муҳлат – дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон. Дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 2022 тамоми меъёрҳои марбут ба салоҳиятҳои президенти нахустин аз Конститутсияи Қазоқистон хориҷ карда шуданд.

Хусусиятҳои муҳлати ваколатҳои сарони давлатҳоро дар кишварҳои пасошуравӣ муайян намуда, ба омӯзиши масъалаи талабот ба номзадҳо ба мақоми президентӣ дар ин кишварҳо мегузарем.

Бояд гуфт, ки дар ин масъала ҳам хусусиятҳои умумӣ ва ҳам хусусиятҳои фарққунанда мушоҳида карда мешаванд.

Муқаррароти мушобеҳ дар ин масъала дар заминаи муқаррар кардани тахассусҳои асосии интихоботӣ, ки маҳдудияти синну сол, тахассуси шаҳрвандӣ ва маҳалли зистро дар бар мегирад, мушоҳида мешавад. Дар як қатор кишварҳо дар қонунгузории конститутсионии онҳо (қонунҳои махсуси конститутсионӣ ё ҷорӣ) метавонад дигар тахассусҳои иловагӣ пешбинӣ шаванд.

Яке аз меъёрҳои асосии интихоботӣ дар раванди интихоби Президент маҳдудияти синну сол аст. Муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ онро ҳамчун «меъёри интихоботӣ, ки маънои таъмини ҳуқуқи интихоботиро аз синни муқаррарнамудаи қонун дорад» [153, с. 22-27] ва ё «ба синни муқаррарнамудаи қонун расидани номзадро пешбинӣ менамояд» -муайян мекунанд [67, с. 247].

С.М. Сулаймонов қайд мекунад: «Мусаллам аст, ки барои иштирок дар идоракунии давлат сатҳи муайяни камолоти инсонӣ лозим аст, ки одатан, ба фарорасии синну соли муайян зич алоқаманд аст. Тавре ки амалияи конститутсионӣ нишон медиҳад, дар давлатҳои гуногун меъёри синну соли номзадҳои президентӣ аз 30 то 50-сола муқаррар шудааст. Масалан, 35-сола барои президентони ҷумҳуриҳои Австрия, Ирландия ва Русия; 40-сола барои президентҳои Олмон ва Юнон; 50-сола барои президенти Италия» [290, с. 28].

Тавре ки таҳлили муқоисавии Конститутсияҳои кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, маҳдудияти синнусолиро метавон ба се гурӯҳ тақсим кард:

1. Шахсе, ки ба синни 30-солагӣ расидааст, номзад шуда метавонад - ҶТ. Ин синну сол дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 2016 муқаррар шудааст. Бар асоси ин тағйирот ба Конститутсия дар оянда дар назар аст, ки ислоҳоти қонунгузории интихобот ва қабули Кодекси ягонаи интихоботӣ ба ҷойи чаҳор қонуни конститутсионӣ, ки низоми интихоботии Тоҷикистонро танзим мекунанд, қабул карда шавад [179, с. 15-21].

2. Номзад шахсе шуда метавонад, ки ба синни 35-сола расида бошад. Ин маҳдудияти синнусолӣ дар аксари кишварҳои пасошуравӣ (Федератсияи Русия, Қирғизистон, Украина, Узбекистон) татбиқ мешавад.

3. Шахсе, ки ба синни 40-солагӣ расида бошад, номзад шуда метавонад. Ин маҳдудияти синнусолӣ дар Қазоқистон, Молдова ва Арманистон амал мекунад.

Муқаррар намудани чунин маҳдудияти синнусолӣ барои номзадҳо ба мақоми президентӣ сабабҳои худро дорад. Аз ҷумла, С.Э. Несмеянова амалияи Суди конститутсионии Федератсияи Русияро таҳлил намуда, ба дуруст шарҳ додани ин масъала аз тарафи суди мазкур ишора мекунад, ки дар қарори худ таъкид мекунад, ки «маҳдудияти синнусолӣ барои номзадҳо ба мақсадҳои аз тарафи конститутсия ҳифзшаванда мутаносиб аст; дар баробари ин, принсипи баробарӣ дар интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ вайрон карда намешавад, зеро дар он шартҳое, ки мувофиқи қонун барои ба даст овардани ҳуқуқи овоздиҳии пассив муқаррар карда шудаанд, ба ҳамаи шаҳрвандон баробар тааллуқ доранд. Намояндагони онҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ба қадри кофӣ ифода намудани ирода ва манфиатҳои интихобкунандагон бояд таҷрибаи муайяни ҳаёт, сатҳи дониш ва камолот дошта бошанд» [234, с. 306-307].

Барои интихоб шудан ба вазифаи Президент ба меъёри шаҳрвандӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Ин меъёр дар қонуни интихоботӣ имрӯз як категорияи мураккаб буда, дар давлатҳои гуногун нисбат ба ҳуқуқи ғайрифаъол ва фаъоли интихобот тафсирҳои гуногун дорад.

Муаллифони монографияи «Интихобот дар ҷаҳон: маҳдудиятҳои интихоботӣ» аз ҷумла, қайд мекунанд, ки «дар аксари давлатҳо қонунгузории миллӣ чунин мавқеъро ишғол мекунад, ки ҳуқуқи интихоботи фаъол ва ғайрифаъол танҳо ба шаҳрвандон тааллуқ дорад, зеро шаҳрвандӣ ибтидои ташаккули вазъи умумии ҳуқуқии шахс ва ҳам хусусиятҳои асосҳои конститутсионии мақоми он ба ҳисоб меравад; ниҳоди шаҳрвандӣ барои муқаррар намудани алоқаи ибтидоии сиёсию ҳуқуқӣ байни давлат, аз як тараф ва шахси мушаххас, аз тарафи дигар, равона карда шудааст» [58, с. 33]. Маҳз, аз ҳамин мавқеъ аксари мақомоти қонунгузори кишварҳои ИДМ ҳангоми муайян кардани тахассуси шаҳрвандӣ амал мекунанд. Пурра асоснок ба назар мерасад,

ки ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар асоси хусусияти соҳибихтиёрии ин гуна ҳокимият дар ҳар як кишвари муосир, бояд танҳо ба шаҳрвандони давлати дахлдор ҳамчун шахсоне тааллуқ дошта бошад, ки бо давлати худ робитаи устувори ҳуқуқӣ доранд.

Барои кишварҳои пасошуравӣ ин масъала печида ва баҳсбарангез буда, тайи солҳои соҳибистиқлолӣ на як бору ду бор ба тағйирот дучор шудааст. Мушкилии масъала дар он аст, ки то соли 1991 фақат шаҳрвандии ИҶШС мавҷуд буд ва шаҳрвандон дар тамоми ҳудуди иттиҳодия озодона ҳаракат мекарданд. Аммо равандҳои сиёсии солҳои 90-ум боиси равандҳои бузурги муҳоҷиратӣ гардид, ки одамон маҷбур шуданд, ки макони зисти худро тарк кунанд ва ба ватани таърихии худ баргарданд. Дар ибтидо масъалаи дарёфти шаҳрвандӣ дар кишварҳои пасошуравӣ сода карда шуда буд. Аз ҷумла, конститутсияҳо муқарраротеро муқаррар кардаанд, ки мувофиқи онҳо шахсе, ки дар замони қабули Конститутсияи кишвар дар қаламрави давлат буд, шаҳрванди кишвар ҳисобида мешавад. Ин раванд, инчунин, аз он сабаб душвор гардид, ки ниҳоди душаҳрвандӣ (хусусан, дар Федератсияи Русия) фаъолона инкишоф ёфт.

Ҳамин тавр, аз ҷумла, дар бисёре аз кишварҳои пасошуравӣ меъёри шаҳрвандӣ аз рӯйи принсипи мансубият муқаррар карда мешавад, яъне аз рӯйи таваллуд. Ҳамин тавр, ин талабот дар Қазоқистон, Беларус ва Туркманистон муқаррар карда шудааст.

Дар дигар давлатҳои пасошуравӣ усули дарёфти шаҳрвандӣ барои ишғоли мансаби президентӣ аҳаммият надорад, аммо меъёрҳои қатъии иқомат (меъёри иқомат) ва надоштани шаҳрвандии давлати хориҷӣ муқаррар шудаанд. Чунин талабот, аз ҷумла, дар ҶТ (дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 2016), дар ФР (дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 2020), дар Арманистон, Озарбойҷон муқаррар карда шуданд [232, с. 42-51]. Муқаррар намудани ин талабот, пеш аз ҳама, ба пешгирии ворид шудан ба ҳокимият ашхосе, ки робитаи собитшуда бо давлати дигар доранд, нигаронида шудааст.

Дар як қатор кишварҳои пасошуравӣ – Қирғизистон, Молдова, Украина, Узбекистон чунин маҳдудиятҳои қатъӣ барои номзадҳо ба мақоми президент вуҷуд надоранд. Он метавонад ҳар як шахсе бошад, ки шаҳрвандии кишварро дорад.

Дар баробари меъёри шаҳрвандӣ ба меъёри иқомат таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Дар ин масъала, дар кишварҳои пасошуравӣ низ тафовути муайян вуҷуд дорад.

Дар аксари кишварҳо талабот муқаррар шудааст, ки тибқи он номзад ба мақоми президентӣ бояд на камтар аз 10 сол дар қаламрави давлат – Ҷумҳурии Беларус, Молдова, Украина, Узбекистон, Озарбойҷон зиндагӣ кунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамин талабот муқаррар шудааст.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон талаботҳои сахттар муқаррар карда шудаанд. Дар ин кишварҳо, муҳлати иқомат 15 солро дар бар мегирад.

Тағйироти куллӣ ба ин меъёр дар ФР дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионии соли 2020 ворид карда шуд. Тибқи онҳо, номзад ба мақоми Президенти ФР бояд ба ҷойи 10 соли қаблӣ, на камтар аз 25 сол дар ФР ба таври доимӣ иқомат дошта бошад.

О.Ю. Гусева аҳаммияти ин меъёрро тавсиф карда, қайд мекунад, ки «меъёри иқоматӣ зарурати зиндагӣ кардан дар қаламрави давлатро барои ба даст овардани ҳуқуқи интихоботӣ дар як муҳлати муайян нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, шаҳрванд барои амалӣ гардондани ҳуқуқи интихобот бояд дар ҳавзаи интихоботӣ ҷойи истиқомати доимӣ дошта бошад ва ё дар ҳудуди он муддати муайян зиндагӣ кунад. Меъёри иқоматгоҳ, зоҳиран, ба ин ақида асос ёфтааст, ки дар ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳавзаи интихоботӣ танҳо он шахсоне ширкат карда метавонанд, ки манфиатҳои маҳаллӣ ба онҳо наздиканд, ҳайати аҳзоби сиёсӣ ва шахсияти номзадҳо ба мансабҳои интихобӣ маълуманд» [177, с. 15-19].

Илова ба меъёри таъиншуда, дар баъзе кишварҳо маънои донистани забони расмии давлатии ин давлатро ҳамчун шарти додани ҳуқуқи овоздиҳӣ

(интихоботӣ) ба шаҳрванд дорад. Ин меъёр метавонад одӣ ва тахассусӣ бошад. Дар гунаи охирин, донистани забони давлатӣ дар шакли олӣ талаб карда мешавад, дар якум бошад, донистани одии забони давлатӣ кифоя аст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон дараҷаи тахассусии забон муқаррар карда мешавад, ки дар он гуфта мешавад, ки номзад ба мақоми президентӣ бояд забони давлатиро хуб (озод) донад. Талаботи шабеҳ низ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Узбекистон муқаррар шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арманистон, Ҷумҳурии Туркманистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Украина, Молдова ин меъёр одӣ аст, яъне таъкид мешавад, ки номзад бояд забони давлатиро донад.

Дар ФР, Ҷумҳурии Беларус ва Озарбойҷон ин меъёр бевосита дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар карда нашудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нишон дода шудааст, ки меъёри забонӣ хусусияти табъизи ошкоро надорад, зеро талаботи донистани забони давлатӣ аз сарвари давлат комилан асоснок аст. Аммо, амалияи муосир нишон медиҳад, ки ин меъёр метавонад ҳамчун табъиз истифода шавад. Масалан, дар кишварҳои назди Балтика меъёри забонӣ ҳуқуқҳои аҳолии русзабони ба ном ғайришаҳрвандони ин ҷумҳуриҳоро хеле назаррас поймол мекунад.

Илова бар ин, дар Конститутсия бояд маҷмуи дақиқи талаботҳое, ки номзад бояд дорои онҳо бошад, пешбинӣ шавад. Ба назари мо, муқаррар намудани ҳадди ақали синну сол ва сатҳи маълумот – бо мақсади таъмини таҷрибаҳои лозимии зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ, инчунин, шартҳои истиқомат ва шаҳрвандӣ бо манъи ҳатмии доштани ду ё зиёда шаҳрвандӣ – ҷиҳати ҳимояи соҳибихтиёрии миллӣ, зарурӣ ва ҳатмӣ мебошанд.

Мавзуи он ки кӣ ҳаққи пешбарии номзад ба мансаби президентро дорад, низ аз аҳаммияти зиёд бархурдор аст. Дар Русия номзадиро метавон ҳам тавассути ҳизбҳои сиёсие, ки иҷозаи ширкат дар интихоботро доранд ва ҳам бо роҳи худпешбарӣ пешниҳод кард. Дар ҳолати худпешбарӣ, шахси номзад вазифадор аст, ки на камтар аз 300 ҳазор имзои ҷонибдорони худро ҷамъ оварад. Аз сӯйи дигар, ҳизби сиёсӣ бояд ба ҷонибдории номзади худ ҳадди ақал 100 ҳазор имзои интихобкунандагонро ҷамъ кунад. Вале агар ин ҳизб дар

Думаи давлатӣ намояндагӣ дошта бошад, аз ин талаботи ҷамъоварии имзоҳо озод дониста мешавад.

Дар бархе аз кишварҳои ИДМ, аз ҷумла, Украина, Қирғизистон, Қазоқистон, Молдова, Туркманистон ва Озарбойҷон ҳам пешбарии номзадҳо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳам худпешбарӣ иҷозат дода шудааст. Дар кишварҳои Озарбойҷон ва Молдова бошад, номзадҳо метавонанд аз сӯйи эътилофҳои интихоботӣ ва блокҳои ҳизбҳои сиёсӣ низ пешбарӣ шаванд. Шахсоне, ки тариқи худпешбарӣ иштирок мекунанд, бояд ҳатман бо ҷамъоварии шумораи муайяни имзои интихобкунандагон дастгирӣ ёбанд: дар Туркманистон – 10 ҳазор, дар Молдова – аз 15 то 25 ҳазор, дар Қазоқистон – на камтар аз 1% аз шумораи умумии интихобкунандагон, дар Қирғизистон – 30 ҳазор ва дар Озарбойҷон – 40 ҳазор. Дар Қирғизистон, Озарбойҷон ва Қазоқистон бошад, талаботи ҷамъоварии имзоҳо танҳо ба худпешбарҳо не, балки ба ҳамаи номзадҳо дахл дорад.

Ҳамчунин, дар Қирғизистон пардохти гаравпулӣ аз ҷониби номзад ҳамчун шарти ширкат дар интихобот талаб карда мешавад. Дар Украина бошад, низоми гаравпулӣ ҳам барои номзадҳое, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ мешаванд ва ҳам барои худпешбарон амал мекунад, дар ҳоле, ки талаботи ҷамъоварии имзои интихобкунандагон дар ин кишвар вуҷуд надорад. Дар аксарияти кишварҳои ишорашуда интихоботи мустақим дар даври аввал, ҳатман, дар асоси алтернативӣ баргузор мешавад. Танҳо дар Узбекистон овоздиҳии бидуни рақобат ба номзади ягона дар даври аввал иҷозат дода шудааст.

Дар Узбекистон номзадҳо ба мансаби президентӣ метавонанд танҳо аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шаванд ва ҷамъоварии имзои интихобкунандагон ҳатмист (на камтар аз 1 дарсади шумораи умумӣ).

Дар Тоҷикистон номзадҳо ба мансаби президентро доираи нисбатан васеи субъектҳо: ҳизбҳои сиёсии ҷумҳуриявӣ, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, Маҷлиси вакилони халқии вилоятҳо, Маҷлиси вакилони халқии

шаҳри Душанбе, инчунин, маҷлиси намояндагони вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳияҳо ва шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ пешбарӣ карда метавонанд. Номзадро бояд 5 фоизи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, дастгирӣ кунанд. Аммо худпешбарӣ мисли Узбекистон пешбинӣ нашудааст. Дар Арманистон на камтар аз 1/4 вакилони Маҷлиси Миллӣ ҳуқуқи истиснoии пешбарии номзад ба Президентро доранд.

Интихоботи президентӣ дар ҳамаи кишварҳои ИДМ аз рӯйи низоми мажоритории аксари мутлақ баргузор мегардад, яъне номзаде, ки беш аз нисфи овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳи иштирокдоштаро гирифтааст, пирӯз мешавад. Арманистон истисно аст, ки дар он аксарияти тахассусии 3/4 овози вакилони Маҷлиси миллӣ зарур аст.

Дар Русия, Қазоқистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Украина, Қирғизистон ва Арманистон маҳдудияти ҳузури овоздиҳандагон муқаррар карда намешавад, ки барои эътирофи баргузории интихоботи президентӣ зарур аст. Лекин кишварҳое ҳастанд, ки дар он ҷо он муқаррар карда шудааст. Дар Тоҷикистон ва Беларус барои эътироф шудани баргузории интихоботи президентӣ зарур аст, ки дар овоздиҳӣ беш аз нисфи шаҳрвандони ба рӯйхати интихобкунандагон дохилшуда ширкат варзанд. Дар Узбекистон маҳдудаи камтари ҳузури интихобкунандагон пешбинӣ шуда, агар дар он камтар аз 33 дарсади интихобкунандагоне, ки ба рӯйхатҳои интихобкунандагон ворид шудаанд, дар интихобот ширкат дошта бошанд, интихобот беэътибор дониста мешавад. Дар Молдова низ ҳамин гуна маҳдудияти ҳузури интихобкунандагон вуҷуд дорад ва агар камтар аз 1/3 нафари дар рӯйхатҳои интихобкунандагон воридшуда дар овоздиҳӣ ширкат дошта бошанд, интихобот беэътибор дониста мешавад.

## Хулоса

Дар таҳлил ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқӣ – конститутсионӣ интихоботи Президенти ҶТ натиҷаҳои зерини илмӣ ба даст омаданд:

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ роҳи бунёди давлати демократиро пеша карда, таъмини сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бо гузаронидани имтихоботи озоду демократӣ таъмин кардааст. Имрӯз низоми интихоботи дар ҶТ, барои такмилу рушди низоми демократии ҷомеа шароити мусоид фароҳам овард. Интихоботи Президенти ҶТ яке аз низомҳои асосии интихобот ба ҳисоб рафта, дар раванди рушди демократикунонии ҷомеа нақши муасир дорад **[1-М].**

2. Дар заминаи равиши мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, раванди интихоботро на танҳо ҳамчун пайдарпайии технологии марҳилаҳо, балки ҳамчун низоми муайяни муносибатҳои интихоботӣ тасаввур кардан мумкин аст, ки он дар доираи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон амалӣ карда мешаванд. Чунин амал дар рафти интихобот табиати ҳуқуқӣ дошта, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад ва рушди минбаъдаи маъракаи интихоботиро пешакӣ муайян мекунад. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, татбиқи механизми худпешбарӣ дар интихоботи Президенти ҶТ таҳқиқи амиқ ва асосноккунии ҳамаҷонибаро тақозо мекунад. Бояд ба назар гирифт, ки густариши механизмҳои пешбарии номзадҳо на танҳо бо танзими меъёрии ҳуқуқӣ, балки бо кафолатҳои муассири ташкилии амалӣ бояд ҳамроҳ гардад. Агар чунин низом бо таври возеҳ ва дақиқ таҳия нагардад, ин ташаббус метавонад натиҷаи баръакс диҳад, яъне боиси мураккабшавии раванди интихобот ва коҳиши пешгӯйишавандагии он гардад, ки дар ниҳоят, ин метавонад ба суботи низоми сиёсӣ ва сатҳи эътимоди шаҳрвандон ба институти интихобот таъсири манфӣ расонад.

Хусусиятҳои зерини раванди интихоботиро метавон ҷудо кард:

Самти ҳадаф. Раванди интихоботӣ хусусияти қатъии вазифавӣ дорад, ки таъиноти асосии он таъмини тартиби демократии ташаккули мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ин замина, вай ҳамчун механизми

амалӣ гардондани принсипи соҳибихтиёрии халқ хизмат мекунад ва идоракунии намояндагӣ ва қонунияти дастгоҳи давлатиро таъмин мекунад.

Маҳдудият дар чаҳорчӯбаи вақт. Раванди интихоботӣ як падидаи динамикии ҳуқуқӣ буда, ҳудуди муайяни дақиқи вақт дорад, ки ба давраи маъракаи интихоботӣ рост меояд. Дар ташкили интихобот омили вақт нақши ҳалкунанда дорад, зеро ҳар як марҳилаи раванди интихоботӣ дар вақти муайян намудаи қонунгузорӣ гузаронида шуда, муайян намудани натиҷаҳои интихобот бошад, бояд ба принсипи саривақт таъсис додани мақомоти давлатӣ мувофиқ бошад.

Нақши ташкилию назоратии комиссияҳои интихоботӣ. Фаъолияти субъектҳои раванди интихоботӣ дар шароити роҳбарӣ ва назорати мақомоти махсуси давлатӣ – комиссияҳои интихоботӣ ба амал бароварда мешавад. Ин сохторҳо дорои мақоми мустақили ҳуқуқӣ буда, вазифаҳои ташкили интихобот, таъмини шаффофияти онҳо, назорати риояи қонунгузории интихобот, инчунин, ҳалли баҳсу қонуншиканиҳои эҳтимолии ҳуқуқӣ доранд, ки беғаразӣ ва воқеияти раванди интихоботро кафолат медиҳанд.

Танзими меъёрҳои ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ, санадҳои зерқонунӣ). Тартиби ташкил ва гузаронидани интихобот бо меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди (Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва ғ.) танзим карда мешавад, ба андозае ки онҳо тартиби ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон ва фаъолияти субъектҳои раванди интихоботиро муайян мекунанд. Ба ин гуна санадҳо на танҳо қонунҳо, балки низомномаҳо, дастуру тавзеҳотҳои комиссияҳои интихоботӣ дохил мешаванд, ки механизмҳои муфассали тартиби тайёрӣ ва гузаронидани интихоботро муқаррар мекунанд.

Сохтори марҳилавӣ ва раванди нави мурофиавӣ. Раванди интихоботӣ ин пайдарпайии мураккаби амалҳоест, ки ба марҳилаҳои муайян гурӯҳбандӣ шудааст, ва ҳар яки онҳо маҷмуи расмиёти ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ин марҳилаҳо таъини интихобот, бақайдгирии номзадҳо, гузаронидани таблиғоти интихоботӣ, овоздиҳӣ, ҳисобкунии овозҳо ва ҷамъбасти натиҷаҳои

интихоботиро дар бар мегиранд. Танзими ҳамаи ин расмиёт, қонунӣ будан ва пешгӯйии раванди интихоботиро таъмин мекунад.

Бақайдгирии ҳуқуқии натиҷаҳо дар ҳамаи марҳилаҳо. Яке аз хусусиятҳои асосии раванди интихоботӣ ин бақайдгирии ҳуҷҷатии он мебошад, ки дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти муваққатӣ ва ниҳоӣ ифода меёбад, **[2-М].**

3. Дар замони муосир раванди интихоботӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҶТ ҷойгоҳи марказӣ пайдо намуда, ба яке аз абзорҳои муҳимми татбиқи принсипи ҳокимияти халқ табдил ёфтааст. Интихоботи президентӣ на танҳо ҳамчун механизми ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ амал мекунад, балки воситаи калидии ифодаи иродаи шаҳрвандон ба шумор меравад, ки зарурати такмил ва рушди пайвастаи онро муайян месозад. Зеро омилҳои зикршуда якҷо заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалиро ба вуҷуд меоваранд, ки бе онҳо татбиқи пурраи принсипҳои демократӣ дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ имконнопазир аст.

Интихобот яке аз шаклҳои муҳимтарини қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ мебошад. Ба ибораи дигар, дар давлат бояд санадҳои ҳуқуқие таҳия ва қабул карда шаванд, ки дар онҳо тартиби ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазифаҳо, уҳдадориҳо, салоҳият ва ваколатҳои онҳо муайян карда мешаванд.

Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ дар доираи васеи санадҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Мавқеъҳои дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷудбударо таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ;
- Қонунҳо (конститутсионӣ ва ҷорӣ);
- Санадҳои зерқонунӣ.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди танзими интихоботи Сарвари давлат мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ нишон дода шудааст, ки дар Конститутсия ду роҳи танзими масъалаҳои марбут ба интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавҷуд аст мустақим ва ғайримустақим.

Гурӯҳи дуюми санадҳои танзимкунандаи раванди интихобот дар Тоҷикистон аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборат аст. Масъалаи татбиқи меъёру стандартҳои байналмилалиро таҳқиқ намуда, мо ба хулосае омадем, ки ин стандартҳоро метавон ба универсалӣ ва минтақавӣ тақсим кард. Категорияи якум муқарраротеро дар бар мегирад, ки дар санадҳои байналмилалие, ки дар доираи СММ мустаҳкам шудаанд, муқаррар шудаанд. Гурӯҳи дуюмро санадҳои қабулкардаи ташкилотҳои гуногуни минтақавӣ ташкил медиҳанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон  ин санадҳои САҲА ва санадҳои дар доираи ИДМ қабулшуда мебошанд.

Гурӯҳи сеюми санадҳои меъёрӣ-хуқуқӣ интихоботи Президенти ҶТ-ро қонунҳои интихоботӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бар мегирад, ки раванди интихоботро дар кишвар танзим мекунанд. Дар баробари ин, агар дар бораи танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ сухан ронем, онро метавон ба ду гурӯҳ – қонунҳои умумӣ ва махсус ҷудо кард.

Шакли ниҳоии танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти ҶТ ин инъикоси онҳо дар санадҳои меъёрии зерқонунӣ мебошад. Бо омӯхтани пешниҳодҳои дар илми ватанӣ мавҷудбуда мо метавонем маҷмуи зерини санадҳои меъёрии зерқонуниро, ки раванди баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим мекунанд, тартиб диҳем:

- Фармону дастурҳои Президенти ҶТ;

– қарорҳои маҷлиси якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва дигар санадҳои қабулнамудаи палатаҳои Парлумон;

- санадҳои КМИР ва дигар комиссияҳои интихоботӣ;

- санадҳои корпоративии ҳизбҳои сиёсӣ;

– қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ;

- урфу одатҳои ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи интихоботӣ**[4-М].**

4. Татбиқи асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ дар он ифода меёбад, ки шаҳрвандон то куҷо ҳуқуқҳои интихоботии хешро дуруст дарк кардаанд ва дар интихобот аз онҳо истифода менамоянд. Интихобот яке аз муҳимтарин василаҳои расидан ба ин ҳадафҳо мебошад. Илова ба ин, интихоботи озоду шаффофи Президенти ҶТ яке аз василаҳои муҳимми суботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди давлатамон бо роҳи демократия аст. Интихоботи Президенти ҶТ маъракаи муҳимми сиёсӣ буда, дар доираи талаботи қонунгузории миллӣ ва стандартҳои байналмилалӣ озод, шаффоф ва ошкоро баргузор намудани он омили таҳкими эътимоду боварӣ дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, меъёри муҳиммият дар қонуни интихоботии ҶТ яке аз воситаҳои муҳимми ҳуқуқиест, ки дар интихобот танҳо он афроде метавонанд иштирок намоянд, ки на танҳо аз лиҳози расмӣ соҳиби ҳуқуқ мебошанд, балки бо давлат ва шаҳрвандони он робитаи воқеии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ доранд.

Меъёри таҳсилотӣ як қатор вазифаҳои калидиро иҷро мекунад:

Функсияи тахассусӣ. Доштани маълумоти олии касбӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии сатҳи омодагии умумӣ ва касбии номзад арзёбӣ мегардад. Ин нишонаест, ки қобилияти номзадро ба таҳлил, қабули қарорҳо ва идоракунии равандҳои мураккаби иҷтимоӣ ва сиёсӣ тасдиқ мекунад.

Функсияи кафолатдиҳӣ. Талаботи доштани маълумоти олии касбӣ кафолат медиҳад, ки номзад донишҳои заруриро дар соҳаҳои ҳуқуқ, иқтисод, идораи давлатӣ ва дигар фанҳои муҳимми иҷтимоӣ доро мебошад.

Функсияи легитимикунӣ (қонуникунонӣ). Барои интихобкунандагон доштани маълумоти олии касбии номзад метавонад ҳамчун нишонаи салоҳият ва қобилияти номзад баҳогузорӣ шавад.

Муқаррар намудани меъёри ҳатмии таҳсилотӣ барои номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ аз нигоҳи ҳуқуқӣ бо назардошти ҳаҷми салоҳиятҳои Сарвари давлат ва нақши калидии ӯ дар идоракунии стратегии кишвар асоснок ба шумор меравад. Президент ҳамчун мансабдори олии кишвар, ки риояи Конститутсияро

таъмин менамояд ва кишварро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад, бояд на танҳо сифати роҳбарӣ, балки дониши бо низом дар бораи механизмҳои фаъолияти давлатро низ дошта бошад.

Ҳамин тавр, меъёри таҳсилотӣ дар низоми интихоботии ҶТ ҳамчун абзори тарзи муносибати дифференсиалӣ ба ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатии умумимардумӣ амал мекунад. Он сатҳи зарурии салоҳияти номзадонро барои ишғоли мансабҳои калидии давлатӣ таъмин менамояд.

Меъёри забонӣ. Номзад ба мансаби Президенти ҶТ бояд ба таври муқарраршуда забони давлатӣ – забони тоҷикиро донад. Ин талабот ба он равона гардидааст, ки дастрасии муоширати мустақим миёни шахси интихобшуда ва интихобкунандагон таъмин гардад, ҳамзамон, он ҳадаф дорад, ки ҳувияти миллии кишвар ва якпорчагии забонии давлат ҳифз карда шавад.

Меъёри забонӣ дар низоми интихоботии ҶТ як қатор вазифаҳои калидиро иҷро менамояд, ки ба таъмини ягонагии фазои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва самаранокии ҳамкории байни шахсони интихобшаванда ва шаҳрвандон равона шудаанд;

- Кафолати дастрасии коммуникатсионӣ. Донистани забони давлатии тоҷикӣ имконияти муоширати бевосита ва ҳамаҷониба миёни номзад ва интихобкунандагонро таъмин мекунад. Он имкон медиҳад, ки номзад афкору барномаҳои сиёсии худро ба таври фаҳмо ифроз намояд ва дар раванди қонунгузорӣ ё идоракунии давлатӣ бо забоне, ки аксарияти аҳолии кишвар онро мефаҳманд, иштирок намояд.

- Ҳамгироӣ ба низоми сиёсӣ-ҳуқуқии давлат. Фаҳмиши забони давлатӣ на танҳо ҳамчун як шарт ё воситаи техникии муошират баррасӣ мегардад, балки ҳамзамон, шакли рамзии эътирофи волоияти Конститутсия, қонунгузорӣ ва институтҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

- Ҳифз ва таҳкими ҳувияти миллӣ. Меъёри забонӣ сиёсати давлатро дар соҳаи забони миллӣ ҳамчун унсури муҳимми соҳибихтиёрии фарҳангӣ инъикос мекунад. Таъмини донистани забони тоҷикӣ аз ҷониби намояндагони ҳокимият ба муттаҳидсозии ҷомеа дар асоси забон, ташаккули ҳувияти умумимиллӣ ва

пешгирии парокандашавии ҷомеа аз рӯйи нишонаҳои этнофарҳангӣ мусоидат менамояд.

- Ташаккули қонунӣ будани ҳокимияти интихобшуда. Интихобкунандагон аз номзаде, ки ба он овоз медиҳанд, интизор доранд, ки вай манфиатҳои онҳоро дар тамоми сатҳҳо – аз маҳаллӣ то миллӣ намояндагӣ хоҳад кард.

Меъёри забонӣ дар низоми ҳуқуқии дигар кишварҳо низ истифода мешавад. Масалан, дар бисёр кишварҳои Аврупои Шарқӣ, Осиё ва Осиёи Марказӣ талаботи донистани забони давлатӣ ҳамчун шарти ҳатмӣ барои ишғоли мансабҳои интихобӣ ё маъмурӣ амал мекунад.

Ҳамин тариқ, меъёри забонӣ дар низоми ҳуқуқии интихоботи ғайрифаъоли ҶТ унсури ҷудонашавандаи механизми ҳуқуқии ташаккули мақомотҳои қонунии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ин талабот ба таҳкими ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва тақвияти эътимоди шаҳрвандон ба институтҳои демократӣ мусоидат менамояд. Донистани забони давлатӣ на танҳо воситаи муошират, балки ифодаи ҳувияти шаҳрвандӣ ва масъулияти сиёсӣ дар назди ҷомеа мебошад.

Дар низоми интихоботии ҶТ, ба монанди аксари давлатҳои демократӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқие мавҷуданд, ки амалишавии ҳуқуқи интихоботии ғайрифаъоли бархе аз шаҳрвандонро монеа мешавад. Дар миёни ин маҳдудиятҳо, меъёри қобилияти ҳуқуқӣ ва набудани доғи судӣ аҳаммияти махсус доранд, зеро онҳо ба таъмини қобилияти ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ шахсоне равона шудаанд, ки барои ишғоли мансабҳои интихоби довталаб мешаванд, **[3-М].**

5. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ дар доираи васеи санадҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Мавқеъҳои дар илми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мавҷудбударо таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки санадҳои ҳуқуқӣ танзимкунандаи интихоботи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

- Конститутсияи ҶТ;

- санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ;

- қонунҳо (конститутсионӣ ва ҷорӣ);

- санадҳои зерқонунӣ.

Конститутсияи ҶТ дар раванди танзими интихоботи президент мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба он ишора шудааст, ки дар Конститутсия ду роҳи танзими масъалаҳои марбут ба интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавҷуд аст – мустақим ва ғайримустақим. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усули дуюм муқаррар шудааст, яъне дар Конститутися боби алоҳидаи танзимкунандаи ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот муқаррар нагардидааст, лекин дар он меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки принсипҳои умумии ҳуқуқи интихобот, асосҳои ҳуқуқии марбут ба низоми интихобот ва тартиби таъини интихоботро муқаррар менамоянд **[5-М].**

6. Масъалаи мақоми ҳуқуқии номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ дар боби 6 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» ба таври возеҳ муқаррар карда шудааст, ки ба кафолатҳои фаъолияти номзадҳои аллакай сабтиномшуда бахшида шудааст. Ба номзадҳо ба мансаби президенти ҶТ имкониятҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- дастрасии баробар ба воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла, радио ва телевизион дар қаламрави ҶТ;

- шароити баробари таъминоти моддӣ-техникӣ ва маблағгузории маъракаи интихоботӣ;

- имконияти баргузор намудани вохуриҳо бо интихобкунандагон ва суханронӣ бо барномаҳои худ дар шаклҳои гуногун;

- озод шудан аз вазифаҳои хизматӣ ё истеҳсолӣ барои давраи пешбурди таблиғот бо нигоҳдории музди миёнаи меҳнатӣ;

- манъи аз кор озод кардан ё ба вазифаи дигар гузаронидан бе розигии номзад;

- ҳуқуқи сафари ройгон бо ҳама гуна воситаҳои нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ ва байнишаҳрии дохили ҷумҳурӣ (ба истисноИ таксӣ);

- ҳифз аз таъқиби ҷиноятӣ, ҷазоҳои маъмурӣ ва чораҳои маҳдудкунанда бе ризояти КМИР ҶТ;

- ҳуқуқи таъин намудани шахсони боэътимод то 15 нафар.

Ҳамин тавр, кафолатҳое, ки ба номзадҳо ба мансаби Президенти ҶТ дода мешаванд, гувоҳи онанд, ки қонунгузор ба таъмини баробарии иштирокдорони раванди пешазинтихоботӣ саъй мекунад. Таҳлили ин меъёрҳо имкон медиҳад, ки чанд нуктаи калидӣ ҷудо карда шаванд, ки онҳо принсипҳои умумии ҳуқуқи интихоботии демократиро инъикос менамоянд**[6-М].**

7. Дар сатҳи қонунгузорӣ ба кафолати таъмини баробарии номзадҳо, таъмини махфияти овоздиҳӣ, дурустии рӯйхати интихобкунандагон, ҳамзамон, ба пешгирии тақаллубу фишори маъмурӣ дар раванди интихобот таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст. Манъ будани лағви қарор оид ба таъини интихобот (ба истисноӣ ҳолатҳои фавқулода) ва эълони натиҷаҳои пешакии он принсипи устуворӣ ва пешбининашавандагии раванди интихоботро таҳким мебахшад. Пешбарӣ ва бақайдгирии номзадҳо, таъмини иттилоот ва ташвиқу тарғиб барои таҳкими рақобати сиёсӣ ва огоҳии интихобкунандагон мусоидат мекунанд. Ниҳоди давлатие, ки таъини интихобот дар асоси як қатор меъёрҳои бунёдӣ, ки дар Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои конститутсионӣ муқаррар шудаанд, амал мекунад:

1. Принсипи ҳатмият ва даврияти интихобот. Даврияти конститутсионӣ кафолатдодашуда маънои онро дорад, ки интихобот дар мӯҳлатҳои дақиқ ва пешакӣ муайяншуда баргузор мегардад. Ин имкон намедиҳад, ки мӯҳлати ваколати шахсони интихобшуда худсарона тамдид карда шавад, ки ин дар навбати худ, ба таҳкими ҳокимияти мардумӣ мусоидат мекунад. Даврияти интихобот дар сатҳи императивии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муқаррар гардидааст, ки баргузор нашудани интихоботро ғайриқонунӣ ва ғайриимкон мегардонад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонун мустақиман пешбинӣ намудааст.

2. Гуногунии ниҳодҳои таъини интихобот. Қонунгузории интихоботии Тоҷикистон сершумории мақомот ва шахсони мансабдорро пешбинӣ мекунад, ки салоҳияти қабули қарор дар бораи баргузории интихоботро доранд. Вобаста ба сатҳи интихобот ва навъи мақомот, таъини интихобот метавонад ҳам аз ҷониби мақомоти қонунгузор ва ҳам ҳокимияти иҷроия анҷом дода шавад. Ин

ба низоми интихоботӣ чандирӣ мебахшад ва ба мутобиқати модели унитарии сохтори давлатдорӣ мусоидат мекунад.

Бо назардошти ин меъёрҳо, таъини интихоботи президентӣ дар Тоҷикистон ба модели парламентӣ наздик аст. Аммо, фарқияти он дар он аст, ки қарор дар бораи таъини интихобот дар ҷаласаи муштараки ду палатаи парлумон қабул карда мешавад, ки ин тартибро чандиртар мегардонад.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки мувофиқи Конститутсия ва қонунгузории ҷории интихоботии Тоҷикистон, қарори таъини интихоботи президентӣ бояд ҳатман дар воситаҳои ахбори омма на дертар аз се рӯз пас аз қабули он расман нашр карда шавад. Ин талабот яке аз кафолатҳои муҳимми шаффофият ва ошкоро будани раванди интихоботӣ мебошад, зеро дастрасии ҷомеа ба маълумоти расмӣ дар бораи интихоботи дарпешистода таъмин мегардад.

Масъулият барои нашри қарори дахлдор ба дӯши он мақом ё шахси мансабдоре вогузор мегардад, ки қарори таъини интихоботро қабул кардааст. Бо ин меъёр равиши шахсӣ ва масъулиятнок нисбат ба иҷрои ваколатҳои оммавӣ муқаррар мегардад, ки шахси ваколатдор на танҳо интихоботро таъин мекунад, балки вазифадор аст, ки аҳолиро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дар бораи ин қарор огоҳ созад.

Тибқи қонунгузории ҶТ «қарор дар бораи таъини интихобот, ки дар доираи ваколатҳои дахлдор ва дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонун қабул шудааст, пас аз эътибор пайдо кардан, бекор ё тағйир дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла, дар ҳолати ҷорӣ шудани вазъияти фавқулода ё ҳарбӣ».

Ин меъёр принсипи конститутсионӣ-ҳуқуқии зарурат ва даврияти интихоботро, ки санги асосии низоми интихоботӣ ба ҳисоб меравад, инъикос менамояд. Манъи бекор кардан ё тағйир додани мӯҳлати интихобот ба таври ихтиёрӣ имкон медиҳад, ки манипулятсияи равандҳои интихоботӣ пешгирӣ гардида, суботи тақвими интихоботӣ таъмин шавад. Ҳамин тавр, муқаррароти Конститутсия ва қонунгузории ҶТ вобаста ба нашри ҳатмии қарор дар бораи

таъини интихобот асоси ташкиливу ҳуқуқиро ташаккул медиҳад, ки ҳатмияти интихоботро ҳамчун яке аз унсурҳои калидии низоми демократӣ таъмин мекунад **[7-М].**

8. Таҳлили муқоисавии тартиби таъини интихоботи президентӣ дар кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки модели интихоботии Тоҷикистон ба шакли интихоботи парлумонӣ наздик буда, бо хусусияти хоси таъсиси ҳарду палатаи парлумон фарқ мекунад. Ин раванд тавозуни байни шохаҳои ҳокимиятро таъмин намуда, ба суботи институтсионалӣ ва рушду такмили ин ниҳоди давлатӣ мусоидат менамояд **[8-М].**

9. Таҳлили Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» имкон медиҳад, ки як қатор меъёрҳои марҳилаҳои раванди интихоботӣ дар интихоботи президентӣ муайян карда шаванд, ки метавонанд ба марҳилаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ ҷудо шаванд. Марҳилаҳои ҳатмӣ хусусиятҳои аслии раванди интихоботиро муайян мекунанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

– муҳтавои асосӣ, яъне ҳар як марҳила ҳадафи мушаххаси расмӣ дорад (масалан, таъини интихобот, таблиғоти интихоботӣ ва ғ.);

– доираи мушаххаси иштирокдорон – дар ҳар як марҳила субъектҳои муайян (комиссияҳои интихоботӣ, номзадҳо, мақомоти давлатӣ) ширкат мекунанд;

– шаклҳои расмӣ, яъне ҳар марҳила тавассути санадҳои меъёрӣ тасдиқ карда мешавад (масалан, фармон дар бораи таъини интихобот) **[7-М].**

10. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба гурӯҳи санадҳои танзимкунандаи раванди интихобот дохил мешаванд. Ҳадафи асосии онҳоро танзими муносибатҳои интихоботӣ, ташаккули стандартҳои ягонаи интихоботӣ ташкил медиҳанд, ки бояд дар қонунгузории давлатӣ муқаррар карда шаванд. Масъалаи татбиқи меъёру стандартҳои байналмилалиро таҳқиқ намуда, мо ба хулосае омадем, ки ин стандартҳоро метавон ба универсалӣ ва минтақавӣ тақсим кард. Категорияи якум муқарраротеро дар бар мегиранд, ки дар санадҳои байналмилалие, ки дар доираи СММ мустаҳкам шудаанд, муқаррар шудаанд. Гурӯҳи дуюмро санадҳои

қабулкардаи ташкилотҳои гуногуни минтақавӣ ташкил медиҳанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин санадҳои САҲА ва санадҳои дар доираи ИДМ қабулшуда мебошанд.Таҳлили таҷрибаи конститутсионии давлатҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки се модели таъини интихоботи президентӣ дар ин кишварҳо мавҷуд аст:

1. Модели парлумонӣ – интихоботро маҷлисҳои қонунгузор таъин мекунанд (Тоҷикистон, Узбекистон, Арманистон).

3. Модели марказонидашуда – сарвари давлат қарор дар бораи таъини интихоботро қабул мекунад (Россия, Қазоқистон, Беларус).

4. Модели интихоботӣ – Комиссияи марказии интихобот таъини интихоботро ба уҳда дорад (Украина, Латвия, Литва, Эстония) **[8-М].**

11. Тибқи шумораи шахсони интихобшаванда**,** ҳавзаҳои интихоботӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

- ҳавзаҳои якмандатӣ**,** ки дар онҳо танҳо як номзад интихоб мешавад;

- ҳавзаҳои бисёрмандатӣ**,** ки дар онҳо ду ё зиёда номзад интихоб мешаванд. Низоми ташкили ҳавзаҳои интихоботӣ дар ҶТ аз сатҳ ва навъи интихобот, инчунин, низоми ҷории интихоботӣ (мажоритарӣ ё пропорсионалӣ - баробар тақсимшуда) вобастагӣ дорад. Масалан, барои интихоботи президенти кишвар як ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад, ки тамоми ҳудуди кишварро фаро мегирад. Ин ҳолат таъмини умумият ва баробарии иштироки ҳамаи шаҳрвандонро, новобаста аз ҷойи зист, таъмин мекунад**[9-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи масъалаи раванди интихоботӣ дар ҶТ чунин тавсияҳои амалӣ бо мақсади рушди қонунгузории интихоботии кишвар пешниҳод мегардад:

1. Бо назардошти такмил ва рушди низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳамаҷониба ва таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар раванди интихобот зарурати таҳия ва қабули Қонуни конститутсионии «Дар бораи тартиби гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти

давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» қабул карда шавад. Ин пешниҳоди ӯ бар он асос аст, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки масоили марбут ба баргузории интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути қонуни конститутсионӣ танзим мешавад.

2. Бо назардошти зарурати такмили қонунгузорӣ оид ба интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

а). Дар моддаи 28: «Номзад ба мансаби Президенти ҶТ ҳуқуқ дорад то 15 нафар шахсони боэътимод дошта бошад», меъёри мазкур ба «то 20 нафар шахсони боэътимод» иваз карда шавад. Меъёри пешниҳодшударо бо он асоснок менамоем, ки дар ҶТ тайи солҳои охир рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиёт ва фарҳангӣ ба назар мерасад ва он бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ бе таъсир буда наметавонад, аз ин лиҳоз, зарурати то 20 нафар зиёд намудани шахсони боэътимоди номзад ба Президенти ҶТ ба миён омадааст;

б). Дар банди 3 моддаи 36: «Шахсе, ки номзадиаш ба мансаби Президенти ҶТ, дар давраи гузаронидани интихоботи асосӣ пешбарӣ гардида, ба қайд гирифта шуда буд, наметавонад дар раванди интихоботи такрорӣ ба сифати номзад пешбарӣ карда шавад»;

в) Дар моддаи 37 ибораи масъулият ба ибораи ҷавобгарӣ иваз карда шавад, яъне (Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»)**[2-М].**

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### 1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо таӯйироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. -136.

[2]. Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ведомостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1991. – №18. – мод. 239; – №392.

[3]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1994. -№ 13. -Мод. 195; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – № 9. – Мод. 238. – 2005. – №12. – Мод.626.

[4]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №12. – Мод. – 296; 2004. – №7. – Мод.451; 2007. – №5. – Мод. 352. – 2008. – №10. – Мод. 797. – 2012. – №8. – Мод.811; 2014. – №3. – Мод. 140. – №7. Қ.1.– Мод. 382. – 2017. – №7-8. – Мод.562.

[5]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №12. – Мод. – 298. – 2007. – №5. – Мод. 353. – 2012. – №8. – Мод. 813. – 2014. – №7. – Қ.1. – Мод. 383. – №11. – Мод. 640. – 2017. – №5. – Мод.269.

[6]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №5. – Мод. 339. – 2006. – №11. – Мод. 472. – 2009. – №12. – Мод. 814. – 2010. – №12. – Қ.-1. – Мод. 800. – 2013. – №3. – Мод.179. – №7. – Мод. 500. – 2017. – №5. – Мод.268.

[7]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон. – 2014. – №7. Қ.1. – Мод. 379. – 2015. – №3. – Мод. 197. – №7-9. – Мод. 697. – 2017. – №5. – Мод. 266.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №13. – Мод. – 1994. – 1994. – №17-18. – Мод. 298.

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 22. – Мод. 300. – 2015. –№7-9. – Мод. 699.

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №7-8. – Мод. 503. – 2012. – №4. – Мод. 277. – №8. – Мод. 833. – 2015. – №11. – Мод. 964. – 2017. – №5. – Мод. 288.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1. – Мод. 12.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – №3. – Мод.166; 2007. – №6. – Мод. 429; 2010. – №3. – Мод.158; 2011. – №6. – Мод. 452; 2012. -№8. - Мод. 834. -№12. Қ.1. -Мод.1008, 2013. -№7, -Мод.542; -№12, -Мод.905; 2014. – №7.қ.2. – Мод. 425. – 2015. – №12. – Қ.1. – Мод. 1106. – 2016. – №3. – Мод. 156. – 2017. – №2. – Мод. 28. – Мод. 29. – №5. – Қ.1. – Мод. 290. – 2018. – №7-8. – Мод.526.

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – № 5. – Мод. 363. – 2008. – № 3. – Мод. – 202; 2010. – №7. – Мод. – 554; 2013. – №3. – Мод. – 202; 2015. – №7-9. – Мод. 700. – №11. – Мод. 963.

[14]. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – №7. –

Мод. 502. – 2014. – №3. – Мод. – 145. – №7. – Қ.1. – Мод.391. – №11. – Мод. 644. – 2015. – №3. – Мод. 202. – №7-9. – Мод.709. – Мод. 710. – Мод.711. –№11. – Мод. 956. – №12. – Қ.1. – Мод. 1109. – 2016. – №3. – Мод. – 133. – №7. – Мод. 615.

[15]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №12. – Мод. 823.

[16]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №5. – Мод. 271.

[17]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. – №4. – Мод.278.

[18]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10.2016. -№392.) – Душанбе, 2016. -88с.

[19]. Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2006, №1713. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https: //www.ifppanrt.tj/file/Strategiya_to-2030.pdf. (Санаи муроҷиат 29.12.2024).

[20]. Основной Закон Федеративной Республики Германии от 1949 г. //Конституции зарубежных государств /Сост. проф. В.В. Маклаков. –3-е изд. перераб. и доп. –М.: Издательство БЕК, 2001. –С. 68-121.

[21]. Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ [матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 443 с.

[22]. Рахмонов, Э.Ш. Таджикистан на пороге будущего: сборник выступлений Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмонова в СМИ России [Текст] / Э.Ш. Рахмонов. – М., 1997. – 31 с.

[23]. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиклолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷ.1. [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

[24]. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиклолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷ.3. [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 704 с.

[25]. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Лондон, 2000. – 128 с.

[26]. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.2-3. [матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.

[27]. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷ.1. [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

[28]. Эмомалӣ, Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби сеюм [Матн] / Раҳмонов Эмомалӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 258 с.

[29]. Эмомалӣ, Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: “Ганҷ-нашриёт», 2018. – 436 с. 155.

[30]. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди I. - Душанбе: «Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», 2019. - 392с.

[31]. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. - Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, 2019. – 430 с.

[32]. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди III - Душанбе: “Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2021. – 487 с.

### III. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ

[33]. Авакьян, С.А. Территориальное сообщество – проблемы правового статуса [Текст] / С.А. Авакьян. -М., 1996. –194с.

[34]. Авакьян, С.А. Конституционное право России: учебный курс: В 2 т. Т. 2. [Текст] / С.А. Авакьян. – М., 2007. –912 с.

[35]. Ахлюстин, В.А. Избирательный процесс в Российской Федерации (проблемы теории, правового регулирования и правоприменения) [Текст] / В.А. Ахлюстин. – М.; СПб., 2002. – 299 с.

[36]. Андреева, Г. Н., Старостина И.А. Избирательное право в России и в зарубежных странах [Текст]: учебное пособие / Г.Н. Андреева, И.А. Старостина. – М., 2010. – 592с.

[37]. Алексеев, С.С. Общая теория социалистического права Нормы права и правоотношения [Текст] / С.С Алексеев. –. Курс лекций: Учебное пособие. Вып. 2. –Свердловск, 1964. – 226 с.

[38]. Алебастрова, И.А. Конституционное право зарубежных стран [Текст] / И.А. Алебастрова. – М., 2001. – 210 с.

[39]. Ализода, З. Становление института парламента в республике Таджикистан: проблемы теории и практики [Текст] / З. Ализода / Под.ред. академика АН Республики Таджикистан Ф.Т. Тахирова. – Душанбе: ТНУ, 2011. – 264 с.

[40]. Алимардони, М. Возрождение таджикской государственности (из истории событий 20-х гг. 20 в.) [Текст] / М. Алимардони. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 112 с.

[41]. Афанасьев, В.Г. Системность и общество [Текст] / В.Г. Афанасьев. – М. 1980. – 308с.

[42]. Ачадов В. Государственная власть и местное самоуправление [Текст] / В. Ачадов. – М., 1907. – 72 с.

[43]. Азизкулова, Г.С. История государства и права Таджикистана [Текст] / Г.С. Азизкулова. – Душанбе, 1995. – 212 с.

[44]. Баглай, М.В. Конституционное право Российской Федерации [Текст] / М.В. Баглай. – 2-е изд., изм. и доп. – М.: НОРМА-ИНФРА–М, 1999. – 776 с.

[45]. Барабашев, Г.В., Шеремет К.Ф. Непосредственная демократия в СССР [Текст] / Г.В. Барабашев, К.Ф. Шеремет. – М., 1984. – 64 с.

[46]. Барабашев, Г.В., Шеремет, К.Ф. Советское строительство [Текст] / Г.В. Барабашев, К.Ф. Шеремет. – М.: Юридическая литература, 1985. – 567 с.

[47]. Безобразов В.П. Государство и общество: Управление, самоуправление и судебная власть [Текст] / В.П. Безобразов - СПб. 1882. -737 с.

[48]. Бобоев, К.Ф. Политические партии Таджикистана на выборах 2005 года (Справочник) [Текст] / К.Ф. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 136 с.

[49]. Бешлер, Ж. Демократия. [Текст] / Ж. Бешлер. - М, 1994. - 208 с.

[50]. Бондарь, Н.С, Джагарян А.Л. Конституционная ценность избирательных прав граждан России. [Текст] / Н.С. Бондарь, А.Л. Джагарян. – М., 2005. – 336 с.

[51]. Бондарь, Н.С. Гражданин и публичная власть [Текст] / Н.С. Бондарь. – М., 2004. – 351с.

[52]. Буриев, И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период) [Текст] / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 294 с.

[53]. Буриев, И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон [Матн] / И.Б. Буриев / Зери таҳрири академик Ф.Т. Тоҳиров. – Қ. 1. – Душанбе, 2013. – 268 с.

[54]. Буриев, И.Б. Институты таджикской государственности: теория и практика [Текст] / И.Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 224 с.

[55]. Баглай, М.В. Конституционное право РФ [Текст] / М.В. Баглай. – М., 1998. – 748с.

[56]. Васильев, В.И. Демократический централизм в системе Советов [Текст] / В.И. Васильев. – М., «Юрид.лит.», 1973. –230 с.

[57] Веселовский, Б.Б. История земств за 40 лет: в 4 т [Текст] / Б.Б. Веселовский. – СПб., 1909-1911. – 724с.

[58]. Выборы в мире: избирательные цензы [Текст] / И.Б. Борисов, А.Г. Головин, А.В. Игнатов, Ю.Ю. Комиссаров; Под общ. ред. И.Б. Борисова. – М.:РОИИП, 2015. – 336 с.

[59]. Гадоев, Б.С. Правовые проблемы института референдума в Республике Таджикистан [Текст] / Б.С. Гадоев. – Душанбе, 2003. – 184 с.

[60]. Гадоев, Б.С. Референдум как институт конституционного права

[Текст] / Б.С. Гадоев. – Душанбе, 2004. – 126 с.

[61]. Гадоев, Б.С. Развитие конституционно-правовых форм непосредственной демократии в Таджикистане [Текст] / Б.С. Гадоев. –Душанбе, 2018. – 300 с.

[62]. Гессен, В.М. Вопросы местного управления [Текст] / В.М. Гессен. – СПб.: Изд. юрид. кн. склада «Право», 1904. – 235с.

[63]. Дитятин, И.И. Устройство и управление городов России [Текст] / И.И. Дитятин. – СПб., 1875. – 508с.

[64]. Диноршоев, А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе: Дониш, 2007. – 206 с.

[65]. Диноршоев, А.М., Сафаров Д.С., Хамдамов Ш.М. Процессуальные институты конституционного судопроизводства в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, Д.С. Сафаров, Ш.М. Хамдамов. – Душанбе, 2015. – 272 с.

[66]. Диноршоев, А.М., Салохидинова, С.М., Сафарзода, Н.Р. Избирательное право и избирательный процесс в Республике Таджикистан [Текст] / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. Учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2018. – 200 с.

[67]. Диноршоев, А.М., Салохиддинова С.М. Конституционное право Республики Таджикистан [Текст]: Цикл лекции / А.М. Диноршоев, С.М. Салохиддинова. – Душанбе, 2020. – 247 с.

[68]. Дегтев, Г.В. Формирование и развитие института президентства в России: теоретические, правовые и конституционные основы"[Текст] / Г.В. Дегтев. – М., 2005. – 237с.

[69]. Енгибарян, Р. В. Сарвнительное конституционное право: Учебное пособие. [Текст] / Р. В. Енгибарян. – М: Юристь, 2005. – 543 с.

[70]. Зоиров, Дж.М. Предпосылки и процесс формирования национальной государственности на постсоветском пространстве [Текст] / Д.М. Зоиров. – СПб: Санкт-Петербургский университет МВД России, 2002. – 180 с.

[71]. Зоиров, Дж.М., Сафаров Б.А. Суверенная государственность на постсоветском пространстве: предпосылки и процесс формирования (на примере Республики Таджикистан) [Текст]: монография / под общ. ред. В.П. Сальникова. Академия права, экономики и безопасности жизнедеятельности. – СПб.: Фонд «Университет», 2012. – 336.

[72]. Зокиров, Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2011. – 350 с.

[73]. Зиновьев, А.В., Полякова И.С. Избирательная система России: теория, практика и перспективы [Текст] / А.В. Зиновьев, И.С. Полякова. –СПб.: Юрид. центр Пресс, 2003. – 357 с.

[74] Иванченко, А.В. Избирательные комиссии в Российской Федерации. Теория. Практика [Текст] / А.В. Иванченко. – М.: Весь мир, 1996. – 304 с.

[75] Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации [Текст]: учебник для вузов / С.А. Авакьян [и др]. Отв. ред. А.В. Иванченко. – М.: Норма, 1999. – 841 с.

[76]. Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации: учебник для вузов [Текст] / отв. ред. к. ю. н. А. А. Вешняков. - М.: Издательство: Норма, 2003. – 816с.

[77]. Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации [Текст]: учеб. пособие / М. С. Савченко, Т. Ю. Дьякова [и др.] / под общ. ред. М. С. Савченко. - Краснодар: Куб ГАУ, 2015.159с.

[78]. Избирательный процесс. [Текст]: / Российская юридическая энциклопедия. – М.: Издательский Дом ИНФРА-М, 1999. – 816с.

[79]. Игнатюк, Н.А., Замотаев, А.А., Павлушкин, А.В. Муниципальное право [Текст] / Н.А.Игнатюк, А.А.Замотаев, А.В.Павлушкин. – М., 2005. –295 с.

[80]. Игнатенко, В.В., Князев С.Д. Избирательное право Российской Федерации [Текст] / В.В. Игнатенко, С.Д. Князев. – Иркутск, 2003. – 864с.

[81]. Имомов, А.И. Административно-территориальное устройство Таджикистана [Текст] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2013. – 200 с.

[82]. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 389 с.

[83]. Имомов, А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2012. – 496с.

[84]. Имомов, Ашурбой. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2017. – 760 с.

[85]. Имомов, А.И. Органы государственной власти в Республике Таджикистан [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, «Матбуот», 2007. (на тадж.яз.) – 360 с.

[86]. Имомов, А.И. Интихобот ва Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе. 2001. – 132 с.

[87]. Имомов, А.И. Ҳуқуқи интихоботии ва низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри дуюм [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе. 2017. – 171с.

[88]. Кисляков, Н.А. Патриархально-феодальные отношения среди оседлого сельского населения Бухарского Ханства в конце XIX – начале XX вв. // П.А. Кисляков. – М.: Из–во АН СССР,1962. – 170 с.

[89]. Ким, А.И. Советское избирательное право [Текст] / А.И. Ким. – М., 1965. – 210 с.

[90]. Корчиго, Е.В. Актуальные вопросы теории избирательного процесса в России [Текст] / Е.В. Корчиго. М., 2002. 186 с.

[91]. Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф [Матн] (Зери назари д.и.ф., профессор А.А. Шамолов. Муҳарири масъул н.и.ҳ., ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, дотсент А.Имомов)–Душанбе, 2014. -840с.

[92]. Конституционное право. Энциклопедический словарь [Текст]. – М., 2000. – 675с.

[93]. Коток, В.Ф. Референдум в системе социалистической демократии. [Текст] / В.Ф. Коток. – М.: Наука, 1964. –189 с.

[94]. Коток, В.Ф. Проблемы развития непосредственной демократии. [Текст] / В.Ф. Коток. –М., 1965. –586с.

[95]. Конституционное (государственное) право зарубежных стран. Т. 1-2 / [Текст] под ред. Проф. Б.А. Страшун. – М.,1999. –765 с.

[96]. Комарова, В.В. Механизм непосредственной демократии современной России. [Текст] / В.В. Комарова. – М., 2006. – 560с.

[97]. Козлова, Е.И., Кутафин, О.Е. Конституционное право России. [Текст] / Е.И. Козлова, О.Е. Кутафин. – М.: ЮРИСТЪ, 2000. –520 с.

[98] Князев, С.Д. Курс лекций по избирательному праву и избирательному процессу Российской Федерации. – Владивосток: Изд-во ДГУ, 2001. – 213 с.

[99] Лазаревский, Н.И. Теория местного самоуправления. -М, 1903. -463с.

